ЛУҚМОН БОЙМАТОВ

АЗ ТЕМУРМАЛИК ЧӢ МЕДОНЕМ?

Лукмон Бойматов

АЗ ТЕМУРМАЛИК ЧӢ МЕДОНЕМ?

Библиотека
Таджикского технологического университета
Душанбе, Республика Таджикистан
2006
Инв. №

ББК 63.3(2 тадж)
Б-80

Бойматов Л. Д. Аз Темурмалик чӣ медонем? -Душанбе, «Деваштич», 2006, - 142 с.

Муқарриз:

Раиси шӯъбаи таърихи халқҳои Русияи Институти таърихи Академияи Улуми Русия, Узви вобастаи Академияи Туркманистон, доктори улуми таърих, профессор **С. Г. Оқоҷонов**

Рисолаи «Аз Темурмалик чӣ медонем?» дар воқеъ нақду баррасии осори илмӣ ва адабии марбут ба Темурмалик ва таърихи қарни ХШ-и Хуҷанд мебошад. Рисола бар асоси манобеъ ва сарчашмаҳои таърихии мутмаин таълиф шуда, барои муҳаққиқон, муаррихон, донишҷӯёни риштаи таърих ва низ барои адабиётшиносон ва алоқамандони таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ муфид аст.

© Л. Бойматов, 2006

ҲЕҶ ТАҚҚАЛЛУБЕ БЕҲТАР АЗ РОСТӢ НЕСТ.

(Ба ҷои пешгуфтор)

Донишу шинохт ҳадафаш кӯмак ба мо дар аъмол ва вазъияти ояндаамон аст. Шинохт аз интизорҳо сохта шуда ва зиндагии мо бар пояи онҳо қарор дорад.

Сукрот

Маълум аст, ки илми ҳақиқӣ бе баҳс намешавад ва зоянда ангезандаи баҳсҳои илмӣ ҳамоно накд аст. Яке аз файласуфони муосири урупоӣ ба ҳақ навиштааст, ки «пажӯҳиши илмӣ аз ҷое шурӯъ мешавад, ки наққодӣ берун мениҳад». Воқеан, ҳақ болотарин аст ва чизе аз ҳақ бартар нест. Аз интиқоди илмӣ набояд ранҷид. Агар бихоҳем, ки пешрафт дар зиндагиву кор дошта бошем, бояд накдпазир бошем. Набояд интиқодро бо ахлоқ ва эҳсосоти шахсӣ ба ҳам омехта кард.

Мутаасифона, ҷомеаи мо накдпазир нест. Муаллифин назароти интиқодиро голибан натиҷаи «бухлу ҳасодат», «ҳавобаландиву маният», «беадабӣ нисбат ба бузургони илм ва адаб» ва... аз тарафи мунаққидон мепиндоранд ва арзаи фошу дашномҳо ва ҳақоратҳои худро нисбат ба мунаққидон, «камоли адаб ва ахлоқи ҳамида» мешморанд. Ин идда «бузургони илм» ва «муаллимони адаб» дар ироаи матлабашон ҳеҷ гоҳ андеша намекунанд, ки ҳар сухане тарҷумони рози дил аст.

Биёед, қабл аз ин ки фикрамонро ироа бикунем, бояд қалбаморо аз ғаризаҳо ва гарду ғубори ҳар гуна таассубот пок кунем, то ин ки афкори носолим саломати ҷомеаро ба ҳам назанад. Бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳамаи фикрҳо таҷаллии розҳои диланд. Набояд ҳар он чӣ, ки дар зеҳн дорем ба забон биёварем, балки он чиро, ки дил мехоҳад ба забон биёварем.

Аммо на ҳар кас тавони гӯш додан ба розҳои дили хеш

дорад ва на ҳар кас метавонад ба ҳарфҳои дили хеш гӯш бияндозад. Ғурур бадтарин душмани розҳои дил аст. Афсӯс, донишмандоне ҳастанд, ки асири ғурурашон мешаванд, на султони розҳои қалбашон! Бад-ин иллат аст, ки бисёре аз аҳли қаламу илм, ҳам акнун фикреро, ки зишт аст, бо оби зар менависанд. Худашон андарзу панд бар диғарон медиҳанд, вале ҳаргиз зи андарзашон кор намебанданд.

Агар дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабӣ нақд набошад, умед ба ояндаи маърифати хуб набояд баст. Ҳар чӣ, ки бидуни нақд эҷод мешавад, нуқсон аст. Нахустин мунаққиди навиштаҳо худ нависанда аст. Барои ин ки ҷомеа дар пешрафташ муваффақ бошад, худашро бояд нақдпазир намояд ва анҷоми ин кор тавассути ирода ва ҳиммати аҳли илму адаб мумкин аст.

Луқмон Бойматов
Октябр-Ноябри соли 2005
ш. Душанбе.

БАХШИ АВВАЛ

НАҚДЕ БАР ПАЖӮҲИШҲОИ ТАЪРИХӢ

Беш аз сад сол аст, ки ном ва ҷойгоҳи Темурмалик - ҳокими машҳур ва маъруфи Хуҷанд мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон ва нависандагону аҳли ҳунар қарор гирифтааст.

Таҳқиқ ва баррасии масоили марбут ба таърихи тасарруфи Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмалик дар таърихи муқовимат ва муқотилати зидди истилогарон асосан дар се самт сурат гирифта ва ҳам акнун дар ҳоли анҷом аст:

1. Таҳқиқ ва баррасии таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ва таъйини ҷойгоҳи Темурмалик.

2. Тарҷума ва тасҳеҳи мутуни таърихӣ марбут ба ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик.

3. Муаррифии шахсияти таърихии Темурмалик тавассути нависандагон ва аҳли шеъру ҳунар.

Дар бораи таърихи тасарруфи Хуҷанд ва мардонагии Темурмалик ховаршиносони номвар ва нависандагони маъруф, аз қабили: де Оссон, Ҳ. Ҳоворс, В. В. Бартольд, М. С.Андреев, А. Ю.Якубовский, И.П. Петрушевский, А. М. Беленитский, Садриддин Айнӣ, Б.Ғ. Ғафуров, З. М. Буниятов, Н. Неъматов, А. Мирбобоев, Қафасӯғлу, Аббос Иқбол, Аҳмади Касравӣ, Меҳдии Мӯбад (Сарбоз), Шикеб ва бисёр дигарон таълифоти муфиду арзандае ба бор овардаанд. Мусалламан, баррасӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи назароти пажӯҳишгарон ва нависандагон ҷиҳати таъйини ҷойгоҳи воқеии Темурмалик дар таърихи гузаштаи мардум холӣ аз фоида нахоҳад буд.

Ба ин ҳадаф дар ин сафаҳот нақду баррасии муҳимтарин таҳқиқот ва таълифоти донишмандон ва нависандагони собиқ шӯравиро, ки дар робита бо шахсияти Темурмалик анҷом додаанд, мақсади худ қарор додем.

Шояд дар миёни ҳамаи муҳаққиқин ва мусташриқини

авохири қарни XIX ва ибтидои қарни XX, ки дар робита бо ҳодисаи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик таҳқиқи вежае анҷом додаанд, фақат матлаби академик В. В. Бартольдро метавон оғози нигариши комилан илмӣ нисбат ба ин қазия номид, чаро ки муҳаққиқин ва пажӯҳишгароне, ки қабл аз В. В. Бартольд даст ба анҷоми ҳамчунин кор задаанд, ҳеч гоҳ қасди таҳқиқи тахассусиро дар ин мавзӯъ надоштаанд. Чунончӣ, навиштаҳои марбут ба Темурмалики мусташриқини урупоӣ де Оссон (1779-1851) ва Г. Вамбери (1832-1913)-ро низ наметавон матолиби арзишманди илмӣ баршумурд, зеро ки тамомии матолиби онон нақлест аз манбаи дасти аввал. Ё ҳатто профессор М. С. Андреев, ки дар яке аз гузоришҳои хеш матлаби арзишмандеро дар робита бо ҷазираи обии Темурмалик ироа кардааст, ҳамчунин қасд надоштааст.

В. В. Бартольд дар таҳқиқи мондагори худ «Туркистон дар давраи тохтутози муғул», бахши кӯчакеро ба баёни ҳодисаи Хуҷанд ихтисос дода ва саъй кардааст онро ҷузъе аз таърихи тасарруфи Мовароуннаҳр тавассути муғул муаррифӣ намояд. Муҳимтарин тазаккури В. В. Бартольд дар робита бо таърихи тасарруфи Хуҷанд намунаи шохис будани мудофиаи Хуҷанд дар таърихи санъати ҳарбӣ аст. Аз назари ин муҳаққиқ Темурмалик қаҳрамонест, ки ҷонбозиҳояш баҳри «кори умумӣ» ба куллӣ беҳуда аст. (Бартольд В., С. 486). Албатта, профессор Назирҷон Турсунов аз ин назари В. В. Бартольд шадидан интиқод кардааст. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 21). Дар зимн бояд гуфт, ки назари В. В. Бартольд дар ин маврид ва нақди профессор Назирҷон Турсунов ниёз ба баррасии бештаре дорад, ки баҳсаш дар ҷои дигаре хоҳад омад.

Аммо дар робита бо эроди Назирҷон Турсунов дар бораи ин ки баёни ҳодисаи Хуҷанд тавассути В. В. Бартольд бар асоси иттилооти Ҷувайнӣ ва Рашидаддин навишта шуда бошад, (Р. к. ба: Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 21), дуруст нест. Бояд мутазаккир шуд, ки манбаи дасти аввал барои В. В. Бартольд дар ин маврид **фақат Ҷувайнӣ** аст ва ин мусташриқи рус ҳеч гоҳ иттилооти Рашидаддинро дар нақли ҳодисаи забти Хуҷанд мавриди истифода қарор надодааст.

В. В. Бартольд дар бархе аз таҳқиқоти хеш муҷаддадан ба мавзӯи фавқ таваҷҷӯҳ зоҳир карда ва саъй кардааст, ҳодисаи Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмаликро дар таърихи муқотилати зидди муғул ба унвони сарвари диловару кордон мушаххастар нишон бидиҳад. (Бартольд В. Т.II. Ч. 1. С. 142-143).

Дидгоҳҳои ин устод ва мусташриқи барҷастаи таъ-рихи Осиёи Марказӣ дар масоили таърихи аҳди муғул, аз ҷумла дар бахши таърихи тасарруфи Хуҷанд дар оянда мавриди таваҷҷӯҳи донишмандон ва пажӯҳишгарони баъдӣ қарор гирифт.

Муаррих ва донишмани маъруфи тоҷик академик Б.Ғ. Ғафуров низ ба ҳодисаи забти Хуҷанд тавассути муғул ва ҷойгоҳи Темурмалик таваҷҷӯҳи вежае доштааст. Муҳимтарин тазаккури ин муҳаққиқ нисбат ба шахсияти Темурмалик таъйн ва арзёбии корнамоии ӯ дар ҷангҳои зидди истилоғарон аст. Аз назари Б. Ғ. Ғафуров, ҳокими Хуҷанд сарбози ҷасур ва меҳанпарасти тоҷик аст, ки дар дифои ватан ҷонбозиҳо кардааст. (Р. к. ба: Гафуров Б. Таджики, С. 450-451).

Масоили марбут ба таърихи забти Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик, ҳамчунин мавриди таваҷҷӯҳи муаррихон ва мусташриқони шӯравӣ, аз қабили: А. Ю. Якубовский, А. М. Беленитский, И. П. Петрушевский ва дигарон низ қарор гирифтааст. Ғолибан аз ин гурӯҳ донишмандон ҳодисаи Хуҷандро дар пайвастагӣ бо таърихи ҳамлаи муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон, ба унвони ҷузъи таърихи куллии Осиёи Марказӣ («Таърихи Ӯзбакистон» ва «Таърихи мардуми тоҷик») баён кардаанд. Қобили зикр аст, ки таърихи ҳодисаи Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмалик дар сафаҳоти таворихи миллатҳои Осиёи Марказӣ умдатан, ба куллӣ баён шудааст. Профессор Назирҷон Турсунов дуруст зикр мекунад, ки муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони ӯзбакистонӣ, дар ироаи матолиби хеш дар мавриди Темурмалик такя ба эҳсосоти миллӣ задаанд, то ба таҳқиқи воқеъбинона. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 23).

Профессор А. М. Беленитский дар матраҳ ва таъйин кардани ҷойгоҳи ҳодисаи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик дар муқоиса бо муаррихин ва муҳаққиқини қаблӣ, андаке ботааммултар буд.

Чунончӣ, аз диди ин муҳаққиқ ҳодисаи Хуҷанд на «мудофиа», балки «муқовимати қаҳрамонона»-и мардум бо сарварии сипаҳсолор Темурмалик аст. Вай зимни арзёбии хеш аз ҳодисаи Хуҷанд навиштааст:

«Муқовимати қаҳрамононаи Хуҷанд ёде аз худ дар гуфторҳои таърихӣ гузоштааст, сарвари муқовимати қаҳрамононаи Хуҷанд, сардори урдугоҳ ва сипаҳсолори диловар, лоиқи шаъну шӯҳрат Темурмалик буд.» (Р. к. История таджикского народа. М., 1964, Т.2, С.295).

Профессор И. П. Петрушевский муҳаққиқи барҷастаи шӯравӣ бахше аз мақолаи тахассусии хеш, ки дар мавриди ҳамлаи муғул ба Осиёи Марказӣ аст, ба баррасии масоили марбут ба ҳодисаи Хуҷанд ихтисос додааст. Албатта, ин мусташриқ дар ин навиштааш қасди равшан кардани масоили мубҳами таърихи тасарруфи Хуҷандро надоштааст. Аммо аз назари ин муҳаққиқ низ воқеаи Хуҷанд аз муҳимтарин бахшҳои таърихи ҳамалоти мугул ба Осиёи Марказӣ ба шумор меояд. Аз диди профессор И. П. Петрушевский **«қаҳрамонии бе мисли Хуҷанд сазовори зикр аст. Аз шаҳри Хуҷанд, амири он Темурмалик бо нирӯи андак ҷасоратмандона дифоъ намуд».** (Петрушевский И. П., С. 127.).

Тақрибан бо ҳамин назар нисбат ба ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик, муаллифи китоби «Давлати Хоразмшоҳиён» академик З. М. Бунёдов нигоҳ кардааст. Вай низ ҷасорат ва мардонагии Темурмаликро арҷгузорӣ кардааст. Чунончӣ, ин муҳаққиқ дар васфи Темурмалик навиштааст:

«Мудофиаи Хуҷандро яке аз ҷасоратмантарин сипаҳсолорони давлати Хоразмшоҳиён, яъне Темурмалик бар ӯҳда дошт». (Буниятов З. М, С. 142).

Чунон ки мебинем, таҳқиқот ва пажӯҳишҳои мутахассисини шӯравии собиқ дар заминаи таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути мугул ва таъйини ҷойгоҳи Темурмалик дар муқотилати зидди истилогарони мугул ба андозаи кофӣ бар по аст ва донишмандон ва муҳаққиқин кирдори меҳанпарастии ин марди накӯномро бо ҳурмати махсусе ба унвони намунаи шигифтангези таърихӣ муаррифӣ намудаанд.

Зикри як нуктаи муҳим дар робита бо таърихчаи таҳқиқи Темурмалик лозим ба назар мерасад ва он ин аст, ки дар миёни таҳқиқоти муҳаққиқин ва навиштаҳои нависандагони русӣ ва муҳаққиқин ва нависандагони Осиёи Марказӣ, бидуни шакк, таълифи устод Садридин Айнӣ, яъне қиссаи таърихӣ-адабии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ба унвони арзандатарин асар дар мавзӯи Темурмалик шинохта шудааст.

Адибони номдоре чун устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва В. В. Ян таълифоти муфид ва арзандае навиштаанд ва ҳар як аз онҳо саъй кардаанд мақоми ҳодиса ва мақоми Темурмалики ватандӯст ва боиродаро дар гузаштаи мардумони Осиёи Марказӣ то ҳадди имкон муаъйян намоянд. Ва аз ин ҷиҳат аст, ки ошноӣ ва мутолиаи таърихи қарни 13 мелодии мулки Хуҷанд ва рӯзгори амири он Темурмалик аз осори нависандагон устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва В. Ян бисёр муфид аст.

Равшан аст, осори нависандагони мазкур арзиши таърихии фаровон дошта ва дорад. Нигошти ҳаводис бар асоси таҳқиқ ва тадқиқи санадҳои таърихӣ сурат гирифтааст ва дар ин бора ҷои ҳеч гуна баҳсе боқӣ наемонад. Аммо ба иллати муфассал наёвардани маҷмӯае аз сарчашмаҳои қуруни вусто дар таълифоти муҳаққиқин ва нависандагони муосир, тасвири таърихи аҳди муғул дар Мовароуннаҳр ва Хуросон чандон равшан нест ва бо таваҷҷӯҳ ба ин масъала бояд зикр кард, ки теъдоди каме аз муаррихини қуруни 7-8 ҳ. /13 м. ҳаводиси давраи ҳукмронии Оли Чингизро дар таълифоти хеш ба тафсил овардаанд. Аз ин ҷиҳат кутуби муаррихон ва нависандагон чун Ибни Асир, Шиҳобуддин Насавӣ, Атомалик Ҷувайнӣ ва Абӯ Умар Минҳоҷи Сироҷи Ҷузҷонӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳ ва бисёре дигарон дар таҳқиқ ва баррасии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии гузаштагони мо манобеи бисёр муҳиманд.

Боиси таассуф аст, ки то кунун дар адабиёти муосири мо дар бораи рӯзгор ва фаъолияти муаллифони фавқ таълифоти қобили таваҷҷӯҳе бошад, навишта нашудааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки имрӯза ниёзи мардум ба таърих рӯ ба

рӯз бештар мешавад, аммо таҳқиқоти муҳаққиқон ва муаррихони муосир аз ниёзҳои чӯяндагони ҳақиқати таърихро наметавонанд муртафеъ созанд ва ин маврид яке аз заъфҳои таърихнависии муосири мо аст. Бидуни шакк, яке аз муҳимтарин илали ақабмондагии илми таърих, дар дастрас набудан ва дақиқ наёмӯхтани осори муаррихини гузашта аст.

Агарчӣ осори хаттӣ ва манобеи дараҷаи аввали таърихӣ дар бораи тасхири Хуҷанд дар аҳди муғул идтилооти ҷолиби таваҷҷӯҳ овардаанд, аммо мутаассифона, муҳимтарин сафаҳот аз таърихи қуруни 7-8 ҳ./13-14 м. ин диёр тавассути бархе аз муаллифони муосир дониставу надониста таҳриф шудаанд. Нақд ва баррасии ин масъала, бояд пазируфт, худ мавзӯи ҷудогонаест.

Чунон ки зикр шуд, ҳодисаи тассаруфи Хуҷанд ва мардонагии амири он дар осори адабӣ-таърихии зиёде омадааст, аммо дар миёни ин ҳама қиссаҳои таърихӣ ва адабӣ асари устод Садриддин Айнӣ, ки таҳти унвони «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» баён шудааст, бисёр муфид ба шумор ба назар мерасад.

ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДГОҲИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Асбоби бузургӣ, донишу илм, фазилату фанну тахассус ва кординиву комёбӣ бар мабнои ҳулқу хӯйи инсонӣ ва шарафу номуси мардумӣ шакл мегирад. Кӯшиш ва ҳаракат барои касби ин мояҳо барои ҳар фард фарз ва воҷиб аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки илм борест бар дӯши олим ва вазнаест бар пояш. Дони шманд муваззаф аст, то дар зиндагиаш бори дӯш ва вазнаи пояшро баргирад, то дигарон битвонанд аз бору вазнаи он барои пешрафт ва такмили арзишҳои инсониашон истифода намоянд.

Аммо ин бахш аз навиштор дар робита бо нақд ва баррасии дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ дар робита бо ҷойгоҳи Темурмалик дар таърихи гузаштаи миллат хоҳад буд. Албатта, ин мавзӯъ, аз мавзӯоти ҷадиде нест ва қаблан як зумра донишмандони тоҷик саъй карданд то назари иҷмолӣ ба баррасии ин масъала дошта бошанд. Диди онҳо бештар аз зовияи адаб ва ҳунари бадеъ ироа шуда ва мутассифона, нақд ва баррасии масоили таърихии асар ба муддати тӯлонӣ тақрибан дастнахӯрда боқӣ монд. Иллати заъфи мунаққидони масоили таърих на дар надонистани касб, балки дар адами таҳқиқоти бунёдини вақт дар заминаи таърихи воқеоти асри мугул метавонад бошад.

Нигоранда, дар навиштаҳояш борҳо таъкид бар аҳамияти бадеии асари устод Садриддин Айнӣ доштааст. Дар ҳақиқат, мутолиаи очерки адабӣ-таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» барои дарки воқеоти асри муғул, бахусус барои фаҳмиши таърихи тасарруфи Хуҷанд ва мардонагии амири он Темурмалик муфиду арзанда аст. Албатта, ин воқеиятро низ набояд аз назарҳо дур андохт, ки устод Садриддин Айнӣ қабл аз ин ки иқдоми ҷиддӣ ба навиштани ин рисолаи адабӣ-таърихии худ намояд, ошноӣ бо ин мавзӯъ доштааст. Чунончӣ, вай дар очерки хеш таҳти унвони «Тирози ҷаҳон», соли авохири соли 1936 таълиф шуда ва дар соли 1937 дар маҷаллаи «Барои адабиёти социалистӣ» (шумораи 5) ба табъ расида буд, тавонист симои таърихии Темурмаликро барои нахустин бор ба тасвир

бикашад. Дар ҳамин очеркаш, устод Садриддин Айнӣ зимни баёни ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ҷойгоҳи муборизаи хуҷандиёнро алайҳи душман ин гуна таъйин мекунад: **«Лашкари мугул ва тотори Чингизхон барои истило кардани тамоми Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон он ташвишеро накашидааст, ки барои ба даст овардани Хуҷанд кашида буд.»** (Айнӣ С. Тирози ҷаҳон.- Куллиёт, Ҷ. 5. Душанбе, 1963, С.126.). Аммо бояд пазируфт, ин арзёбӣ бисёр муболиғаомез аст ва ба воқеияти таърих комилан созгор нест.

Ошкор аст, ки очерки адабӣ-таърихӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бо мақсади эҷоди эҳсоси меҳандӯстӣ ва ҳисси нафрат нисбат ба душманони истилогар дар вуҷуди ҷавонони шӯравӣ, қабл аз ҳама барои бедории миллати тоҷик таълиф шудааст. Маълум аст, ки муаллифи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» тавонистааст, вазифаи инсонӣ ва иҷтимоии худро дар назди меҳан ва ҷомеаи ниёзмандаш ба хубӣ анҷом бидиҳад.

Ва медонем, ки ошноӣ ва тафаккури таърихӣ ва ҳатто арзишҳои ахлоқии чанд насл аз ҷомеаи мо дар бораи қаҳрамонии Темурмалик ва ҷойгоҳи ҳодисаи Хуҷанд маҳз бар асари навиштаҳои устод Айнӣ сурат гирифт. Мӯҳтавои ин асар то ба ҳадде таъсиргузор буда, ки ағлаби донишмандон ва муҳаққиқини таърихи асри муғул, барои тақвият ва таъйиди назароти хеш дар робита бо таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ба унвони рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ ирҷоъ ба ин рисолаи устод Садриддин Айнӣ мекарданд. Кофӣ аст аз ин назар муроҷиа бар сафаҳоти марбутаи китобҳои таърихии тоҷику ӯзбек шавад. Нависандаи китоби «Тоҷикон» академик Бобоҷон Ғафуров низ дар китоби хеш ба навиштаи С. Айнӣ ирҷоъ додааст. Ин амр худ намунае аз беҳтарин арҷгузориҳои донишмандон нисбат ба навиштаҳои таърихии устод Айнӣ метавонад бошад.

Борҳо ишора шудааст, ки таълифи устод Садриддин Айнӣ дар робита бо Темурмалик яке аз муҳимтарин расоили таърихии илми таърихнигорӣ ва адабиёти муосири тоҷик аст. Дар ҳақиқат, навиштаи мазбури устод Садриддин Айнӣ нахустин нигошти

тахассусӣ ва адибона дар робита бо Темурмалик ва ҳодисаи Ҳуҷанд ба шумор меояд.

Ҳодисаи Ҳуҷанд ва аҳволи Темурмалик дар асари устод Садриддин Айнӣ мутлақо бар асоси иттилооти муаррих ва нависандаи асри темурӣ Мирхонд баён шудааст. Ҳикояти китоби «Равзат ус-сафо»-ро, ки «Зикри фатҳи Фанокату Ҳуҷанд ва аҳволи Темурмалик ва оқибати кору молу ҳоли ӯ» ном дорад, метавон поя ва мояи очерки таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик» хонд. Аммо он чӣ, ки устод бар иттилооти Мирхонд ва матни хеш афзудааст, дар воқеъ обуранг додани матолиби таърихӣ ва тасвири бардоштҳои хеш аз масоили таърихи ҳамлаи муғул ба сарзаминҳои исломӣ ва аз ҳаводиси пас аз истило будааст. Албатта, бояд гуфт, ки моҳияти воқеоти таърихӣ аз ҳунар ва тасвироти бадеии нависанда, чандон коҳиш наёфтааст. Тақрибан ҳамаи тахаюллоти бадеии устод, ки дар ин асар ба кор гирифта шудааст, бар воқеиятҳои таърихии он рӯзгор, на танҳо созгор, балки устувор аст ва мо камтарин осори публитситикиро дар он айём медонем, ки аз ин назар дар радифи рисолаи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» қарор бигирад. Чун тасаввурот ва тахаюллоти бадеъи асар асосан бар пояи таҳлили иттилооти таърихӣ ироа шудааст, аз ин хотир дар зеҳни хонанда ҳатто тасаввуроти адабии муаллиф ба унвони воқеияти таърихӣ таҷаллӣ меёбанд.

Умқи биниши муаллиф аз воқеот ва саранҷоми саргузаштҳо то ба дараҷае аст, ки матолиби ироашудаи муаллиф ғоҳе ба унвони як назари «комилан илмӣ» ироа мешавад. Чунончӣ, ҳадс ва тасвири қатли Темурмалик тавассути дастаи сарбозони муғули бо сарварии Қатағанӯғлон (Қадақон) ва таъйини мавзеи қабри Темурмалик намунаи шохисе аз ҳамин гуна ҳунар ва истеъдоди бикри устод Садриддин Айнӣ метавонад бошад.

Муаллиф ба ҳар сурат нахустин муҳаққиқи тоҷик аст, ки дар баррасии воқеот ва шахсиятҳои муҳими таърихӣ, саъй кардааст то бар асоси иттилооти манобеи дар ихтиёраш буда ва бар пояи таҳлилу баррасиҳо қазоват намояд. Нависанда кӯшиш намудааст ҳарфҳояш санҷида бошад ва бо мояву огоҳона дар бораи муҳимтарин масоили таърихи истилои

Хуҷанд ва амирии он Темурмалик изҳори назар намояд.

Ҳосили кӯшишҳо ва заҳамоти муаллиф будааст, ки авзои сиёсии Хуҷанд, аҳволи мардуми тоҷик дар остонаи ҳамлаи муғул; тадобири низомӣ ва ҷангии амири Хуҷанд - Темурмалик барои дифои ватан; сохтани ҳисори мустаҳкам дар миёни оби Сайҳун; тартиб додани 12 киштии ҷанги сарпӯшида, ки муаллиф онҳоро «Филҳо» ва «Тилисмҳо» номидааст; ҳамчунин баёни мухтасаре аз вазъи Чанду Банокат; ҷангҳои Темурмалик дар оби Сайҳун ва даштҳои Қароқум ва... бисёр ҷаззоб ва бо ҳунари хоси таърихнигорӣ омехта бо илми адаб ба тасвир кашида шудаанд.

Устод Айнӣ саъйи балиг намуда, ки ҳокими Хуҷанд, яъне Темурмаликро ба унвони сипаҳсолори кордону ботаҷруба нишон бидиҳад ва шакк нест муваффақ низ шуда.Чунончӣ, вай маҳорати раҳбарии Темурмаликро дар сохтани киштиҳои ҷангӣ бо як забони тоҷикии содда ин гуна ба тасвир кашидааст:

«Мақсади Темурмалик аз сохтани қалъаи обӣ ва пур кардани вай бо озуқа он набуд,ки дар даруни қалъа аз ҳуҷуми душман эмии шуда биншинад, балки мақсаду ӯ аз ин кор ба он қалъа такя карда бо душман ҷангидан ва ба қадри имкон ва қувваи худ аз душмани ваҳшии хунхор интиқом кашидан буд. Бинбар ин ӯ баробари сар кардани бинокории қалъа киштисозиро ҳам сар кард.

Темурмалик устоҳои дуредгари Хуҷандро ғун карда онҳоро ба зери дасти устоҳои моҳири киштисоз супурда, 12 киштии бодбонӣ созонид ва вазифаи саринженериро худаш адо карда, барои он киштиҳо нақшаро худаш кашида дод.

Агар киштиҳои Темурмалик монанди киштиҳои оддии он замон саркушода сохта мешуданд, дар онҳо нишаста ба муқобили чингизиён ҷангидан мумкин намешуд. Зеро чингизиён дар вақти ба канор наздик рафтани киштиҳо мумкин буд, ки онҳоро бо санги манҷаниқ зада ғарқ кунад ё бо зарфҳои пурнефть оташ зада сӯзонанд, ё ин ки бо тиру камон киштинишинро талаф кунанд.

Темурмалик дар иақшаи худ ҳамаи ин нуктаҳоро ба назар гирфт ва мувофиқи иақшаи Темурмалик он киштиҳо сарпӯшида

сохта шуда дар болои бом ва деворахои онхо чанд қабат намад кашида шуда нарм карда шуд. Дар атрофи киштихо як қатор даричахо сипардор гузошта шуданд, киштинишинон дар пеши он даричахо нишаста ба душман тир андохтанашон лозим буд. Пӯшиши киштихо ҳам ба шакли шервонӣ буда, ҳар чизе ки ба боми онхо афтад барқарор намеистод ва даррав ғелида поин мерафт». (Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Душанбе, 1978, С. 36-37).

Чунон ки аз иқтибоси фавқ дида мешавад, тасвирҳои устод Айнӣ асосан бо ҳадафи матраҳ кардани мавзӯоти таърихӣ сурат гирифта, аммо сабки забон дар мадди дуввум қарор гирифтааст.

Ногуфта низ намонад, ки устод Айнӣ зарурати тарки қалъаи обӣ; ҷасорат ва мардонагии хуҷандиён дар муқобили сипоҳиёни саҳронавард, чӣ дар об ва чӣ дар хушкӣ; ғурбати Темурмалик ба мамолики Шом ва рӯзҳои вопасини вайро бо қалами бисёр ҷаззоб ва ба ёд монданӣ ба тасвир кашидааст. Аз ин назар таърифу тавсифи асарро метавон ба дарозо кашид, аммо чун нақд ва баррасии рисолаи марбут ба воқеаи муҳими таърихӣ, бояд аз дидго-ҳи илми таърих ва таърихнигорӣ анҷом шавад, аз ин рӯ саъй мекунем, рӯ ба асли матлаб биёварем.

Чунончӣ, зикр шуд, Садриддин Айнӣ аҳволи Темурмаликро бар асоси иттилооти китоби «Равзат ус-сафо»-и Мирхонд навишта ва ағлаб андешаҳои муаррихи бузург Мирхондро нисбат ба сарғузашти ҳокими Хуҷанд бидуни таҳқиқ ва баррасии ҷиддӣ ҳамаи онҳоро таъйид кардааст. Ҳамчунин нависандаи мазкур, ҳангоми таълифи асар шояд ба далели дар дастрас набудани иттилооти кофӣ, ахбори муаррихин ва воқеанигорони қуруни вусторо ба эътибор нагирифтааст. Аз он рӯз, ки ин қиссаи таърихӣ ба риштаи таҳрир даромад, замони зиёде мегузарад ва ногузир аз ин ки илми муосир аз таҳқиқ ва баррасии таърихи аҳди муғул комёб шуда, ин маворид моро бар он дорад, ки барои аз нав нигоштани таърихи истилои муғул, аз ҷумла, дар баёни тасхири билоди Хуҷанд ва аҳволи Темурмалик бар ҷадидтарин иттиллооти таърихӣ ва низ ба навтарин дастовардҳои илми муосир такя намоем.

Қатъӣ назар аз муҳим ва арзанда будани рисолаи адабӣ-

таърихии устод Садриддин Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», дар нигошти ҳаводис ва ташреҳу тавзеҳоти муаллиф ба силсилаи иштбоҳот ва навоқиси фоҳиш роҳ додааст, ки таъйин ва таъкиди онҳо дар шароити имрӯз лозим ба назар меояд. Дар замоне, ки ҳуввияти ҷадиди миллат шакл мегирад, набояд асири тасаввуроти кӯҳнаву ғалат ва аз таассуб фирефтаи «ҳақиқати мутлақ» шуд. Бузургон ҳам хато мекунанд, чун хато кардан дар зоти инсон аст ва аз ин халосӣ нест. Илм, тафаккур, андеша ва... ҳамеша дар ҳоли таҳаввул ва дигар шудан аст ва дигаргуниҳоро набояд шикасти хеш ва ё изҳори эътирози мантиқиро нишонаи ноэҳтиромӣ нисбат ба андеша ва шахсиятҳои маъруф ва машҳур пиндошт. Ин гуна пиндор худ шикаст аст. Барои пешрафт кофӣ нест бияндешем, балки дар бораи андешаҳоямон бояд бештар бияндешем. Он гоҳ метавонем гом ба гом ҷулӯ биравем.

Он гуна, ки ишора шуд, устод Айнӣ тамомии баёноти худро дар бораи ҳодисаи Хуҷанд ва аҳволи Темурмалик бар асоси иттилооти «Равзат ус-сафо»-и Мирхонд анҷом дода ва дар бисёр маворид навиштаҳои Мирхондро, бидуни ин ки татбиқ ва муқоиса бо иттилооти манобеи дигар намояд, ҳар чӣ кӣ Мирхонд навиштааст, аз роҳ ва диди адабӣ муфассал намудааст. Заъфи устод Айнӣ дар нигошти таърихи воқеаи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик дар он рӯзгор қобили дарк набуда, чун ҳадафи навиштани ин очерк, чунон ки ишора шуд, на таҳқиқ ва таҳлили илмии мавзӯи таърихӣ,балки навиштани як асари адабӣ - таърихӣ ҷиҳати огоҳии омм будааст. Шояд ба иллати дасткӯтоҳӣ ва надоштани иттилооти ҷомеъ ва комил, устод Садриддин Айнӣ натавониста баъзе аз воқеиятҳои таърихии он рӯзгорро чунон ки бояд бошад, нишон бидиҳад. Дар ин навиштор саъй мекунем, муҳимтарин иштибоҳоти мавҷуд дар китоби «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темуралик»-ро пай дар пай ва силсилавор бар мабнои таърихияти ҳодисаҳо зикр намоем.

Чунон ки медонем, воқеаи забти Банокат ва рустоҳои тобеи он дар сафаҳоти очерки таърихии устод Садриддин Айнӣ омада ва муаллиф аз ҷумла дар ин бора навиштааст:

«Чун Ӯлоқнӯён ба Банокат расид, ҳокими он ҷо Ялангумалик

бо қавми қониқлӣ, ки нӯкарони ӯ буданд ва аҳолии шаҳр се рӯз дар муҳосира монданд. Аммо Ялангумалик дар муқобили чингизиён истодагарӣ карданро лозим надониста, барои «халос кардани ҷони худ» дар рӯзи чорӯм бо нукарони худ аз шаҳр баромада ба Ӯлоқнӯён таслим шуд ва дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи муғулон кушода ғузошт.

Ӯлоқнӯён бар хилофи умеди Ялангумалик ва ваъдаи худ навбати аввал ӯро бо тамоми нӯкаронаш аз дами тег ва неши тир гузаронид, баъд аз он аҳолии шаҳрро берун бароварда дар майдоне ғун кард ва аз байни онҳо ҷавонон ва ҳуиармандонро ҷудо карда гирифта, бақияи онҳоро тамоман қатли ом кард ва шаҳрро баъд аз тороҷ сӯхта ба замин яксон намуд». (Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, С. 39).

Дар ин навиштаҳои устод Айнӣ, номҳои сипаҳсолорони муғул ва исми қавми туркон иштибоҳ зикр шудааст, яъне бояд на Ӯлоқнӯён, балки Алоқнӯён; на Ялангумалик, балки Илатгумалик; ва на «қониқлӣ», балки «қонқлиён» бошад. (Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Чун мардон шамшерзанон мерафт.- Кайҳони Фарҳангӣ, 1377, Озар ва дай, № 148, С. 13-14. ба форсӣ).

Чунин ба назар мерасад, дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ нисбат ба наҳваи қатли тоҷир Аҳмади Хуҷандӣ низ иштибоҳ аст. Чунончӣ муаллифи очерки мазбур навиштааст:

«.....Ҷосуси игвогари чингизиён Аҳмади Хуҷандӣ ба шаҳри Хуҷанд ба сифати як «ҳамватан ба осонӣ даромад.» ва тавассути Темурмалик кушта шуд. (Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик С. 48).

Устод Садриддин Айнӣ, тоҷир Аҳмади Хуҷандӣ ва ҳаммаслаконашро дар воқеаи тасхири мулки Хуҷанд яке аз асоситарин воситагарони Чингизхон медонад. Ин гуна тавзеҳот ва ташреҳоти воқеоти Хуҷанд ва шахсияти «манфӣ»-и Аҳмади Хуҷандӣ дар китоби «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бидуни баррасии лозим оварда шудааст. Муаллиф, аз эҳтимоли қавӣ, зери фишори тафаккури ҳоси болшевикӣ қарор дошта ва саъй кардааст, аз ин тариқ «нақши манфии табақоти доро - феодалҳо»-ро дар пайвастагӣ бо раванди муҳимтарин воқеоти даврон нишон бидиҳад. Ироаи «назари синфӣ»-и устод Айнӣ то

ба ҳадде рӯшан изҳор шуда, ки дар вуҷуди хонанда ҳисси нафрат нисбат ба табақоти рӯҳонӣ ва «тоҷирони хоин» эҷод мешавад. Ин назари вежаи устод Айнӣ - дар бораи «ҷосуси игвогари чингизиён»-Аҳмади Хуҷандӣ, дар оянда, на танҳо аз тарафи адибон ва нависандагон, балки хоҳем дид, тавассути пажӯҳишгарон ва таърихнигорони баъдӣ, ба унвони як назари «комилан илмӣ ва дуруст» қабул шуд.

Ишораи тирае бар нақши ин тоҷири Хуҷандӣ дар китоби профессори мардумшинос Назирҷон Турсунов «Ҳафтхони Темурмалик» низ омада ва ин муаллиф аз ҷумла навиштааст: **«Чингизхон ба туфайли бозоргон Аҳмади Хуҷандӣ аз маркази молу матои барои ӯрдуи мугулон зарур мақом (!) доштани Хуҷанд воқиф гардид». (Турсунов Н. Хафтхони Темурмалик. Хуҷанд, 2003, С.45).**

Ин ҳама вусъат ва таблиги тахаюллоти адабӣ, дар ҳоле аст, ки тибқи иттилооти манобеи мӯътабар, Аҳмади Хуҷандӣ ва ҳамроҳонаш қабл аз ҳамлаи муғул ба Мовароуннаҳр бо ҳукми Қайирхон дар Утрор ба қатл расиданд. (Дар ин бора р. к. Бойматов. Худжанд в 1219-1250 гг. ИМЭМО АН РТ. Депон. НПИЦентре от 25. 01. 1997, № 3 (1097) -Та 97; Душанбе, 1997, С. 51-53).

Албатта, баррасии масъалаи «сӯхтаву ба хок яксон» шудани Хуҷанд баъд аз тасарруфаш ба дасти душман худ мавзӯи ҷудогонаест ва таҳлили он дар ҷои дигаре хоҳад омад.

Дигар масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ дар баррасиаш ба иштибоҳи ҷиддӣ роҳ додааст, тасвири вазъи Хоразм баъд аз ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд ва фирори Темурмалик аз қалъаи обии Хуҷанд аст. Тибқи назари муаллифи китоби мазбур, Темурмалик баъд аз ҷангҳои хеш дар дашту биёбонҳои Борчалиғкант, яккаву танҳо ба тарафи Хоразм рафт ва шаҳри Урганҷро дар ҳолати харобӣ дид. Айнӣ ба таври муфассал, дар чанд сафаҳот вазъи нобасомони пойтахти Хоразмшоҳонро ба тасвир мекашад ва аз ҷумла менависад:

«Темурмалик яккаву танҳо аз ҷанггоҳ бо роҳи биёбонӣ ба тарафи Хоразм мерафт... аз биёбон баромада ба ҷоҳои обод ва аҳолинишини Хоразм расид... гулзорҳо, боғу бӯстонҳо ва

маргзорҳо сар то сар хароб карда шуда буданд; деҳаҳо ва работҳо тамоман сӯхта ва вайрон буданд... Аз нишонаи одами танҳо ҷасадҳои сарбурида, синадарида... буданд... Темурмаликро аз дидани ин ҳол дил метапид, нафас тангӣ мекард ва ғазабе, ки нисбат ба чингизиён дошт, сад чандон зиёдатар шуда буд. ... Аммо дар наздикии шаҳри Урганҷ ба майдоне расид, ки дар онҷо садҳо ҷасадҳои мардон, занон ва кӯдакони кушташуда ба ҳам омехта ба болои ҳам хобида буданд.... Темурмалик дигар тоқати дидани ин фоҷиагоҳ надошт ва дастҳои худро дар пеши чашм кашида ба шаҳр рафт. Аммо ин шаҳри азиме, ки ӯ вайро чандин моҳ пеш аз ин дида буд, нишоне наменамуд: қасрҳо, кӯшкҳо, кохҳо, саройҳо, карвонсаройҳо, растаҳо бозорҳо, тимҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо, масҷидҳо - ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. Чингизиёни ваҳшӣ барои тамоман нест кардани осори маданият баъд аз вайрон кардан, об сар дода буданд, ки ҷои шаҳри пештара монанди толобе ба назар менамуд.» (Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик, С. 59-60).

Бояд гуфт, ки тасаввурот ва диди устод Садриддин Айнӣ дар робита бо таърихи тасарруфи шаҳри Урганҷ ба куллӣ иштибоҳ аст. Дуруст ин аст, ки Темурмалик яккаву танҳо аз дашти Борчалигкант ба Хоразм расид ва ***дар Урганҷ, ки ҳанӯз дасти мугул ва суми аспаш ба он ҷо нарасида буд,*** тавонист дастаеро гирди худ ҷамъ намояд ва бо ин нирӯ Шаҳркантро аз муғул озод кард. Вале бо ин ҳама саъй ва кӯшиш Темурмалик иқомати хешро дар пойтахт салоҳ надид ва бо султон Ҷалолуддин Хоразмшоҳ, ки ҷа-дидан ҷонишини падар шуда буд, аз Хоразм ба ҷониби Насо фарор кард. (Р. к. Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 59-61; Ҳамон муаллиф. Чун мардон шамшерзанон мерафт, С. 15-16.).

Ҳамчунин баъд аз воқеаи Шаҳркант, устод Айнӣ менависад, ки Темурмалик аз Шаҳркант ба Нишопур ра-фт ва дар ин ҷо бо султон Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки машгули айшу ишрат буд, мулоқот кард. (Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, С. 65.) Диалоги ин ду шахси таърихӣ дар сафаҳоти китоби «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», агарчӣ ҷолиб оварда

шудааст, вале аз воқеияти таърихӣ ба куллӣ дур аст. Он гуна, ки ишора шуд, дар ин ҳангом, султон Муҳаммад Хоразмшоҳ дар ҳаёт набуд. Вай дар таърихи декабри соли 1220 дар яке аз ҷазираҳои дарёи Абаскун фавтид. Қабл аз маргаш, султон Муҳаммад писари бузургаш Ҷалолуддинро бар ҷои худ ҷонишин эълом карда буд.

Устод Садриддин Айнӣ ҳамчунин бар ин ақида аст, ки Темурмалик пас аз марги султон Муҳаммад, дар мавзеи Боронии музофоти Ғазнин бо султон Ҷалолуддин Манкбурнӣ мулоқот кард ва баъд аз ин то рӯзҳои вопасини султон рикоби ӯро тарк накард ва ҳамроҳ алайҳи мугул ҷангиданд. Аз ҷумла, навиштааст: **«Темурмалик то охири кори султон Ҷалолиддин бо ӯ ҳамроҳ буд ва муқобили душман дар рикоби ӯ қаҳрамониҳо нишон медод».** (Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, С. 66-67).

Ин диди устод Айнӣ, дақиқан такрори иштибоҳи аглаби муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони мавзӯъ аст. Албатта, наметавон гуфт, ки Айнӣ дар матраҳ кардани ин масъала аз назароти илмии донишмандон мутассир бошад. Баъйид нест, бардошташ боз ҳам бар асоси иттилооти Мирхонд сурат гирифта бошад. Қобили зикр аст, ки онҳое, ки ҳамчунин ақида нисбат ба ҳамкории танго-танги Темурмалик бо султон Ҷалолуддин доранд, ба таври ҷиддӣ иттилооти манобеи дасти аввалро таҳлил накардаанд. Тибқи шавоҳиди мустақим ва гайри мустақими муаллифони «Таърихи ҷаҳонгушо» ва «Сирати султон Ҷалолуддин Манкбурнӣ», амири Хуҷанд Темурмалик баъд аз воқеаи Насо, тарки рикоби султон Ҷалолуддин карда ва дар либоси аҳли сӯфия раҳ ба ҷониби Шом гирифт. Вай дар ҳеч яке аз набардҳои баъдии султон алайҳи мугул (набардҳои Парвон, соҳили Синд ва...) бо ӯ набудааст. (Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250гг., С.61-62).

Яке аз мавзӯоте, ки устод Садриддин Айнӣ дар ин китоби хеш таваҷҷӯҳи вежае додаст, тасвири вазъ ва таърихи қатли Темурмалик аст. Тибқи назари муаллифи мазбур, Темурмалик дар даргирӣ бо дастаи Қатаганӯғлон кушта мешавад. Вай лаҳзаи вопасини ҳаёти қаҳрамонро ин гуна ба тасвир кашидааст:

«...Темурмалик ҳам аз чо бархоста ва сӯтаи дарвешиашро бар дами теғи муғулон сипар карда, табарзинро ба кор даровард. То захмҳои корӣ хӯрда ба замин ғалтидан чандин муғулро бо зарбаи табарзин ба замин хобонид. Дар ҳамин вақт ҷавоне баркӯвор аз дари хонаи сиёҳ даромада аз байни ғурӯҳ ба худ роҳ кушода ба Темурмалик наздик шуда дид, ки ӯ ғалтида ва дастаи табарзин ҳанӯз дар дасташ аст ҷавон хам шуда табарзинро ба даст гирифту дар навбати аввал бо як зарба сари Қатағанӯғлонро монанди ошкадуи мухсида пай хӯронд ва баъд аз он бо зарбаҳои паёпай чандин муғулро аз по афтонд ва бо захмҳои ғарон худаш ҳам ба болои мурдаи Темурмалик афтид. Ин ҷавон писари Темурмалик буд.» (Айнӣ. С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, С. 79-80).

Чунон ки мушоҳида мешавад, тахаюллот ва тасвироти адабии устод Садриддин Айнӣ дар баёни таърихи қатли Темурмалик бисёр ҷаззобу дилписанд аст ва матолиби ироа шуда метавонад эҳсосоти хонандаро таккон бидиҳад. Ин тикка аз асар гувоҳӣ медиҳад, ки устод дар тасхири лаҳазоти фоҷиабори таърих, аз диди адабӣ ва ҳунари бадеъ бидуни шакк, муваффақ аст. Аммо ин тасвирот бо вуҷуди ҷаззобияти адабиаш, асли воқеияти таърихи он рӯзгор нест.

Тибқи иттилооти муаррих Атомалик Ҷувайнӣ, ки китобаш «Таърихи ҷаҳонгушо» ягона манбаи мӯътамад дар бора таърихи тасарруфи Хуҷанд ва Темурмалик маҳсуб мебошад, қотили амири Хуҷанд ҳамоно шоҳзода Қадақон (Қадқон - Ӯглон) писари шашуми Ӯктойқоон, яъне яке аз набераҳои Чингизхон будааст, ки аз ғурур ва гарданкашиҳои Темурмалик дар ғазаб шуда, ба сӯи ӯ тире кушод додааст ва захми он тир мақтали Темурмалик шудааст. (Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 63).

Таъйин ва таъкиди мо бар иштибоҳоти китоби «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» на ба хотири ин ки заҳомати устодро дар таҳқиқ ва баррасии таърихи тасарруфи Хуҷанд тавсассути муғул ва муқовимати амири диловару корозмудаи он кӯчаку беарзиш нишон бидиҳем, балки ба хотири ин аст, заминаи лузум барои ҷихати масоили таърихи асри муғул барои муштоқони

адабу фарҳанг ва бахусус барои ҳар чӣ беҳтар ва бештар дарк кардани мӯҳтавои очерки адабӣ-таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» фароҳам ғардад.

Барои ошноии наслҳои ҷадид бо мӯҳтавои ин асари арзандаи устод аз як сӯ ва бо шахсияти таърихии Темурмалик аз сӯи дигар, таҳияи тавзеҳот ва ташреҳоти илмӣ дар чопҳои баъдии асар бар асоси навтарин иттилооти илмӣ лозим ба назар мерасад, то бо ин иқдоми саҳеҳ ва комилан илмӣ ҳам арзиши адабии асари нависанда ҳифз ва бо ироаи иттилооти ҷадиди илмӣ эҳтироми хонандангон ба амал оварда шавад.

ТАҲҚИҚОТИ НАВИН

Дар замони «перестройка»-«азнавсозӣ»-и М. С. Горбачев ва ҳатто ҷулӯтар аз он баъзе аз адибон ва нависандагони шӯравӣ дар осори хеш хостанд ба мавзӯи таърихӣ аз диди ҷадиди таърихӣ-ҷомеашиносӣ нигаранд. Онон гумон бар ин доштанд, ки агар ҳаводиси таърихӣ ҳар чӣ муфассалтар ва ҷолибтар навишта шавад, воқеияти таърих бамаротиб чеҳра хоҳад кард. Бо ин мақсад бисёре аз нависандагон ва шоирон қасди навиштани мавзӯоти таърихи гузаштаи мардумашон карданд. Аммо онон мутаваҷҷеҳ набуданд, ки вусъати тахаюллоти бадеӣ ва ҷӯшиши эҳсосоти миллӣ ва маҳаллӣ боиси таҳрифи ҳақиқати ҳол мегардад. Чунончӣ, дурустии ин амр дар мавриди нависандаи машҳур ва маъруфи ӯзбак Мирмӯҳсин бағоят равшан ба чашм мехӯрад.

Романи таърихии ӯ таҳти унвони «Темурмалик» (ё «Қалъаи Хуҷанд») шомили таърихи гузаштаи халққои Осиёи Марказӣ аст ва муаллифи он таърихи истилои даҳшатангез ва ваҳшиёнаи Чингизхонро ба мамолики султон Муҳаммад Хоразмшоҳ ва бахусус дифои қаҳрамононаи билоди Хуҷандро дар баробари ҳамлаи муғулони саҳронавард, ки бо сардории сарбози далеру шуҷоъ – Темурмалик сурат гирифта буд, тасвир кардааст.

Агарчӣ, мумкин аст, тасвиру ташреҳи баъзе аз ҳаводиси сиёсӣ ва иҷтимоии замони султон Муҳаммад Хоразмшоҳ ва

авзои аввалияи садамоти муғул то андозае хубу писандида баромадааст, вале чунин ба назар мерасад, муаллифи роман дар баёни воқеаи Хуҷанд, тасхири ин билоди шариф тавассути лашкари ачнабӣ, ҳамчунин тасвири симои таърихии Темурмалик дар ин моҷаро ва хадамоти ӯ ба ҳамватанонаш муваффақ нашудааст.

Нависандаи китоб - Мирмӯҳсин, ҳамчунин таърихи замони мугул, аз ҷумла таърихи ҳокими Хуҷанд таъйин шудани Темурмалик, шароити таърихии таълифи бархе аз осори муаррихони аҳди муғул (чунончӣ: Ибн Асир, Шиҳобуддин Насавӣ ва..), тадобири султон Муҳаммад Хоразмшоҳ дар ҷанги зидди Чингизхон, тартиб додани киштиҳои ҷангии сарпӯшида дар оби Хуҷанд тавассути волии он, вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуҷанд қабл аз ҳуҷуми муғул, таърихи қатли Темурмалик, замони ҳукумати амир Маҳмуд Ялавоҷ ва... он гуна, ки буда, нишон надодааст.

Ҳамчунин андешаҳои вай дар робита бо аҳамияти «Ҷомеъ ут-таворих»-и Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳ, таъсири давлатдории Ботухон - набераи Чингизхон ба сохтории иҷтимоӣ ва сиёсии Мовароуннаҳр ва дар бисёре аз маворид ғалати фоҳиш аст.

Китоби «Темурмалик» (ё «Қалъаи Хуҷанд») бо таваҷҷӯҳ ба бузург будани ҳачмаш (445 сафҳа) таърихи Хуҷанд ва рӯзгори Темурмаликро мутобиқи иттилооти аснод ва ахбори манбеи манобеи таърихӣ нақл накардааст. Ин китоб ба унвони як асари адабӣ-таърихӣ арзиши кофӣ надорад. Навиштаҳои ғалат ва таҳрифомезе, ки ло ба лои ин асар ба чашм мехӯрад, фаҳмиши таърихи воқеии аҳди муғул, бахусус дарки симои ҳақиқии Темурмалик ва сирати он марди бузургро ба мушкилоте мувоҷеҳ кардааст. (Р. к. ба: Бойматов Л. Худжанд,С. 34-40).

Дар назар бояд дошт, ки осори бадеӣ ва таърихӣ ба зудӣ байни оммаи мардум густариш пайдо мекунад, аз ин рӯ, зарурӣ аст, барои ислоҳи иштибоҳоти осори адабӣ-таърихӣ ҳамагӣ муаррихон ва адабиётшиносон, даст дар дасти ҳам ниҳода ва ҳамкорӣ кунанд, чун ин тадбир барои дарки ҳуввияти таърихии ҳар миллат ва ҷомеа пурфоида хоҳад буд.

Аз ҷумла кутубе, ки дар ин мавзӯъ, каме пештар аз замони «перестройка»-«азнавсозӣ» ба даст омад «Таърихи Ленинобод» мебошад, ки дар соли 1986 ба забони русӣ ба чоп расида буд. Муаллифи бахши таърихи аҳди муғул ба сабаби раҳо кардани манобеъ ва адабиёти зарурӣ ва рӯй овардан ба саликаҳои шахсӣ, ҳаводиси он солҳои мулки Хуҷандро бо навоқис баён кардааст.

Дар ин асар пойдорӣ ва устувории Хуҷандиён дар дифои хоки ватан дар муқобили ғосибони аҷнабӣ комилан заиф баррасӣ шудааст. Заъф ва нотавонии қалами муаллифи ин бахш ба ҳадде ошкор аст, ки ӯ бо надоштани санади таърихӣ ва надонистани ахбори манобеи таърихӣ, натавониста ҳақиқати таърихро аз сохтаҳои адабӣ фарқ диҳад ва бад-ин иллат тахаюллоти адабӣ ва ҳунарии базе аз нависандагони муосир ба унвони ҳақиқат маҳз ва воқеияти ошкор дар асари илмиааш матраҳ кардааст. Чунончӣ, дар сафаҳоти китоби «Таърихи Ленинобод» дар ин хусус омадааст:

«Ба сабаби кашол ёфтани кори муҳосира душманон роҳи макрро пеш гирифтанд, ва эшон тоҷирони ҷосусро бар фоидаи худ истифода карданд ва яке аз ҳамин гуна ашхос бозаргон Аҳмади Хуҷандӣ буд ва ӯ бо Чингизхон алоқаи пешина дошт, бе ягон мухолифат ба Хуҷанд дохил шуд ва бо тоҷирони шаҳр, шуюху муллоён мусоҳибат дошт, оқибат эшонро барои таслим ба душман розӣ кард. Ва пас аз муддате эшон дарвозаи шаҳр ба муғулон кушоданд ва душманон вориди шаҳр шуданд ва қатли омм оварданд, ки аҳолӣ мислашро надида буданд. Ҳамчунин шаҳр ба ғорат рафт, сӯхтанд ва ба хок яксон карданд. Ҷавонон ва ҳунармандонро аз боқимондагон ҷудо карданд ва кӯдакону занон, пирону маризонро ба теғи шамшер доданд». Ва боз идома дода, ки: **«фоҷиаи Хуҷанд барои Темурмалик бағоят фавқуллодда буд. Вай бо мақсаде, ки аз «ҳамватанаш» барои хиёнаташон қасд ғирад, бо баҳонаи ба таслим додани шаҳр, Аҳмад ва аз ашхосеро, ки шаҳрро ба душманон таслим карда буданд, ба назди хеш хонд ва худ бо якчанд нафар ёронаш ба соҳили дарё рафт ва он дам, ки хоинон ба ӯ наздик шуданд, ӯ бо табарзинаш ба сари Аҳмад зад ва ёрони Темурмалик бо шамшер хоинони дигарро пора-пора карданд.»** (Р. к. История

Ленинабада. Душанбе, 1986, С. 94-95).

Он гуна, ки омад, ҳамчунин воқеа дар он рӯзгор набуда. Ин ҳама бардошт натиҷаи тахаюллоти маҳзи нависандагони муосир аст, ки ба далели ноогоҳии муаллифин роҳ ба ҳавзаи илм пайдо кардааст.

Дар робита бо нақд ва баррасии осори марбут ба таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ва аҳволи Темурмалик зикри мақолаи интиқодии дуктур Ғоибшо Ғоибов (муҳаққиқ ва пажӯҳишгар аз Институти мероси хаттӣ ва шарқшиносии Академияи Илмҳои ҶТ) дар ин сафаҳот холӣ аз фоида нахоҳад буд. Албатта, мақолаи эшон дар нақди кори ин банда навишта шуда буд. (Ғоибов Ғ., С. 42). Мо низ тавонистем посухи мухтасаре бар интиқодот ва эродоти эшон бинвисем. (Р. к. ба: «Манобеъ ва маохаз»-и ҳамин навиштор).

Чун такрори ҳамаи матлаб чандон маънӣ надорад, аммо ислоҳи иштибоҳоти муннақиди мо дар ин ҷо, муносиб мерасад. Чунончӣ, окои дуктур Ғ. Ғоибов зимни эродоти хеш навишааст:

«Дар матни «Равзат ус-сафо»-и Мирхонд ҳар ҷо сухан аз Сайҳун шуда, мурод аз Ҷайҳун аст. Муаллиф (Луқмон Бойматов - Л. Б.) дарёи Сирро, ки Темурмалик бо киштиҳои худ дар он равона буд, дар назар дорад. Лекин Ҷайҳун дар ҳақиқат ҳам ба маънои Ҷайҳун аст, яъне дарёи Ому».

Ва зимнан, мунаққиди мо тавзеҳ медиҳад:

«Ҷуҷихон аз он метарсид, ки Темурмалик аз Ҷайҳун ба Хуросон ва аз он ҷо ба кишварҳои араб бигрезад. Бинобар ин фармон дод то гузаргоххоро дар дарёи Ому бибанданд». (Ғоибов Ғ., С.42).

Дар робита бо ин навиштаҳо бори дигар бояд хотирнишон намуд, ки истифодаи калимаи «Ҷайҳун» дар матн иштибоҳ нест, балки ин тарзи навишт аз қавл ва сабки нигориши Ҷувайнӣ омада ва мусалламан ба сафаҳоти китоби «Равзат ус-афо» роҳ ёфтааст. Ва низ ба таври ҳатм наметавон онро аз иштибоҳоти Мирхонд ба шумор овард. Калимаи «ҷайҳун» дар ҳақиқат ба маънии «оби рудхона» омадааст ва он Ҷайҳун (Омударё) набуда, балки Сайҳун (Сирдарё) аст, ки Темурмалик бо ҷанговаронаш дар он равон буд ва шинокунон то Борчалиғкант

расид. Ҷучихон фақат фармон дод, то сарбозонаш ҷулӯи киштиҳои хуҷандиёнро дар оби Сайҳун бигиранд. Иттифоқан, муҳаққиқини номӣ, аз қабили: Муҳаммад Қазвинӣ, Аббос Иқбол, Иброҳим Кафасӯглу, Едвард Броун, В. В. Бартольд, А. Бойл, ва бисёре аз муаррихин ва ховаршиносони дигар, калимаи «ҷайҳун»-ро ба маънии «об» ё «оби Сайҳун» хондаанд ва ё тарҷума кардаанд. Ин воқеити таърихӣ аст ва чунон рӯшан аст, ки ҳоҷат ба таҳқиқ ва бозбинӣ надорад. Ҳамаи муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон медонанд, ки воқеаи мавриди назар дар рудхонаи Сайҳун сурат гирифтааст, на дар руди дигаре.

Дуктур Ғоибшо Ғоибов зимни эрод, ишора бар ин карда, ки гӯё ин ҷониб мисраъеро, дар ҳикояти Мирхонд омадааст, хато хонда бошам ва ӯ «ислоҳ» карда ва ислоҳаш ин аст:

«Чӣ кардам ситора, ки рои ман аст» (Ғоибов Ғ.С.42).

Аммо ин ислоҳ, дар воқеъ, боз ҳам ғалати маҳз аст. Чун ин шеър аз они Мирхонд нест, балки аз они ҳаким Фирдавсӣ аст ва онро нахустин бор Атомалик Ҷувайнӣ барои тақвияти афкор ва зебогии матлабаш истифода кардааст ва дурусташ ҳам ин аст:

«Чӣ кардам ситора гувойи ман аст,
Ба мардӣ, ҷаҳон зери пойи ман аст».

(Ҷувайнӣ. С. 74).

Дар ҳар ҳол муҳаққиқини номдор Муҳаммад Қазинӣ, А. А. Семёнов, И. П. Петрушевский, А. И. Фалина, Эдвард Броун, А. Бойл ва бисёр дигарон байтро ба ҳамон шакле, ки мо овардем, хондаанд ва тарҷума кардаанд. (Тавзеҳ: Хотирнишон мекунем, ки ба бақияи эродоти воидаи дуктур Ғ. Ғоибов хонандагон ва алоқамандон метавонанд ба матлаби ин ҷониб, ки дар мақоллаи ба номи «Ситораи Шарқ» (ба забони русӣ) дар Тошканд чоп шудааст, метавонанд посух бигиранд. (Р. к. ба: Ата Малик Джувайни. О завоевании Фенаката и Ходжента и рассказ о Тимур Малике. Перевод, комментарий и примечания Л. Д. Бойматова. - Звезда Востока, 1989, № 11, С. 168 - 170.)

Устоди Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд профессор Абдуллоҷон Мирбобоев, ки дер боз ба масоили таърихи Хуҷанд

таваҷҷӯҳи вежае дорад, баррасии масъалаи тақдир ва тамҷиди Темурмаликро низ аз мадди назараш дур нагзоштааст. Ӯ нахустин муаррихе аст, ки пас аз устод Садриддин Айнӣ ва бостоншиносиДонишгоҳи Давлатии Маскав дуктур С. П. Поляков ба баррасии масъалаи оромгоҳи Темурмалик пардохта ва назари худро дар ин мавриднаён кардааст. Чун нақди диди профессор Абдуллоҷон Мирбобоев ва муҳаққиқини дигар дар робита ба марқади Темурмалик дар чанде аз навиштаҳои ин ҷониб мавриди нақд ва баррасӣ қарор гирифтааст, аз такрори матолиби қаблӣ худдорӣ менамоям. (Чунончӣ, р. к. ба: Бойматов Л. Худжанд, С. 67-68).

Вале, зикр бояд кард, ки мақолаи ин устод таҳти унвони «Марқади Темурмалик дар куҷост?» нахуст дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» ва сипас дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» чоп шуд. Мақолаи мазбур, бидуни шакк, ангезаи наве дар таҳқиқи таърихи Темурмалик шуд. Муҳим будани мавзӯъ боис шуд, ин мақола баъдҳо бо унвонҳои «Марқади Темурмалик дар куҷост?» ва «Дар ҷустуҷӯи оромгоҳи Темурмалик» дар маҷмӯаи мақолоти ҳамин муаллиф, ки «Хуҷанднома» ном дорад, ба ду хатт (кириллӣ-тоҷикӣ ва форсӣ) ба чоп расид. (Мирбобоев А. Хуҷанднома, С. 55-58).

Ахиран мардумшиноси номдор аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд доктори илмҳои таърих, профессор Назирҷон Турсунов иқдоме барои ҳаллу фасли масоили таърихи аҳди мугули Хуҷанд кард. Таҳқиқоти эшонро, ки дар ин замина, қабл аз даҳаи нуҳӯми қарни гузашта анҷом дода бошад, огоҳӣ надорам, вале тамомии матолибе, баъд аз даҳаи мазкур тавассути қалами ин муҳаққиқ берун омад, саросар матолиби бемаънӣ ва ғайри илмӣ меҳисобам. Муфассали ин гуфтор, ки дар робита бо накд ва баррасии тахассусии китоби «Ҳафтхони Темурмалик» аст, бар бахши баъдии ҳамин навиштор хоҳад омад. Аммо ин ҷо мутазаккир бояд шуд, ки профессори фавқ ул-зикр қабл аз ин ки китоби пуровозаи хешро бо се забон аз чоп барорад, саъй намуд то тавоноии хешро дар нигошти таърихи аҳди муғули шаҳри Хуҷанд имтиҳоне кунад. Бо ин ҳадаф ин муҳаққиқ матлаберо таҳти унвони «Ҳаёти илмӣ-адабӣ ва фарҳанги Хуҷанд дар замони мугулон» дар ҳамоиши солонаи «Таърихи

забон ва адабиёти форсӣ», ки бо ҳиммати дуктур Муҳаммад Сарвари Муллоӣ ва бо сарбарастии раёсати вақти Донишгоҳи Ҳурмузгон дар шаҳри Бандари Аббос баргузор мешуд, дар нишасти шашӯми он (баҳманмоҳи соли 1377 ҳ./ 1998 дар ҳузури донишмандони эронӣ ва ғайри эронӣ ироа намуд. Ва ин мақола баъд аз муддате дар маҷмӯаи мақолоти ҳамин ҳамоиш (Интишороти Донишгоҳи Ҳурмузгон, соли 1378, С. 57-61) ба чоп расид.

Бояд бипазирам, ҳаргиз қасди нақд ва баррасии ин мақолаи профессорро надоштам. Агарчӣ ин ҷониб дар он ҷаласа ҳузур доштам ва аз наҳваи ироаи таҳқиқ огоҳ будам. Аммо аз байн тақрибан 7-8 сол бигзашт, нависандаи мақола ба ҷои ин ки ба иштибоҳоти хеш пай бибарад ва батадриҷ ислоҳ намояд, баръакс дар навиштаҳои баъдиаш андешаҳои хомро боз ҳам айни ҳақиқат ҷилва дод. Муаллиф дар навиштаҳояш бо «бузургсозиҳои маснӯъӣ» қонеъ нест, балки саъй дорад, дастовардҳои муҳаққиқинро ноогоҳона ё амдан дар масоили таърих ва адабиёти асри мугул хурд намояд. Ин дар ҳоле аст, ки дар таълифоташ барои бифоъ аз назароташ ҳеч далоиле ироа намекунад.

Чун навиштаи мазбури профессор Назирҷон Турсунов ба таври мустақим марбут ба масоили аҳди мугули Хуҷанд аст ва низ мавзӯотеро матраҳ карда, ки ҳар фарди огоҳ ва алоқаманд ба таърихи меҳанаш наметавонад ба роҳатӣ бо чашми пӯшида аз канораш бигзарад ва ин ҷониб ба унвони пажӯҳишгари таърихи асри муғул маҷбур шудам аз диди илми таърих андешаҳои профессорро дар масоили таърих, фарҳанг ва адаби мулки Хуҷанд нақду баррасӣ намоям, то аз ин роҳ мехостам ҳадди ақал равзанае ба сӯи мантиқу воқеияти таърихии он рӯзгор боз намоям.

Дар ибтидоъ, бояд гуфт, ки профессори хуҷандӣ бо ироаи мақолаи хеш ҳаргиз қасди хосе надошта, балки мехоста бар асоси «мадорик ва асноди таърихӣ» ҷойгоҳи Хуҷандро дар давлати муғул ба унвони яке аз муҳимтарин конуни илмӣ-адабии он рӯзгор нишон бидиҳад. Бо ин назар аз иттиллооти манобеи мухталифи таърихӣ низ суд ҷустааст. Аммо хоҳем дид,

профессори мардумшинос бо ин ҳама ният ва «иттиллооти илмӣ» натавониста масоили таърихиро ба гунаи илмӣ ва лозим ҳаллу фасл намояд. Бо як назари иҷмолӣ метавон мушоҳида кард, ки усули таҳқиқ, сабку услуби нигориш, матраҳ кардани мавзӯоти таърихи Хуҷанди асри муғул ва ироаи андешаҳо ва бардоштҳои «илмии» муаллиф дар сатҳи бисёр пойин ва хиҷолатовар, ки анҷомаш дар шаъни як профессор намебошад, сурат гирифтааст. Пурвозеҳ аст, ки матлаби ироа шудаи устод на ба тоҷикӣ ва на ба форсӣ виросторӣ шуда, асомии ашхос, номҳои ҷуғрофиёӣ, ановини осор ва таълифот, ирҷооти илмӣ бо галатҳои фаровон ба табъ расидааст. Шояд ҳам дар иштибоҳоти техникии мақола омили муассир таҳиякунандаи маҷмӯаи мақолот бошад, чаро ки мақолоти дигар низ аз ин гуна иштибоҳот орӣ нестанд. Аммо ба сабк, равиши таҳқиқ ва мӯҳтавои мақола бояд худ муаллиф посухгӯ бошад.

Муаллиф зимни баррасии таърихи куллии Хуҷанди асри муғул навиштааст:

«Мувофиқи ин таснифот Хуҷанд шаҳри бисёр мазҳари даврони муғул (?) буд. Аз соли 1238 м. /635 ҳ. то 1289 м. /688 ҳ. Хуҷанд ҷойи қарорғоҳи - Ӯрда ва идораи марказии мулки Чағатой - писари дуввуми Чингизхон дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Ғулҷа (?) ва кишвари уйғурҳо буд. ... Худи шаҳр ва вилояти Хуҷанд аз ҷониби малик, ки вориси ҳукмдорони қадими маҳаллӣ буданд, идора мешуд.» (С. 57).

Ба сабки мағшуши муаллиф коре надорем, аммо ҳадси профессор дар бораи ин ки Хуҷанд аз соли 1238 то 1289 м. дар воқеъ, маркази идорӣ ва маъмурии улуси Чағатоиёни муғул будааст, чандон дуруст нест. Агарчӣ, ин фикр дар таърихнигорӣ дер боз ҷо гирифтааст, вале ниёз ба тасҳеҳ дорад. Ба таври қотеъ наметавон фосилаи замониро дақиқан ҳамин солҳо донист. Баррасии ин масъала рӯшан месозад, ки Хуҷанд ба муддати нисбатан кӯтоҳе ҳамчунин нақшро дар давлати муғулони чағатоӣ доштааст. (Р. к. ба: Бойматов. Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 98-100).)

Профессор Н. Турсуов зимни тавсифи ҳаёти шаҳрии Хуҷанд навиштааст:

«Дар «Манокиб»-и шайх Муслихиддини Хуҷандӣ яке аз порчаҳои маъруфи ин шаҳр фӯта ҳамчун матоъи машҳур зикр шудааст. Фӯта порчае тараш аз пунба ва пудаш куркбуз буд, ки барои либос, камарбанд ва дастор аз ҷониби мардуми мусалмон ва ғайри мусалмони улуси Чағатой ва хориҷи он истифода мешуд.» (с.58). Дар ин матлаб низ бидуни далоили мустақими таърихӣ «бузургсозии» ҷойгоҳи ҳунармандони хуҷандӣ тавассути муаллиф эҳсос мешавад. Шояд ҳамчунин диди устоди мардумшинос бар мабнои ин ки эрониён аз таърихи Хуҷанди асри муғул огоҳии чандоне надоранд, ироа шуда бошад. Аммо он чӣ бештар воқеият дорад, ин аст, ки хуҷандиён «миёнбанди порчаиро»-ро «фӯта» мегуфтанд. Гузашта аз ин, мадраки таърихӣ дар робита бо ин мавзӯъ ки таъйид намояд, ки «фӯта»-и хуҷандӣ ба увони «порчаи хос» дар замони муғул тавлид мешуда ва низ дар он рӯзгор ба бозорҳои дуру наздик интиқол меёфта бошад, то кунун дар ихтиёр надорем. Ҳамчунин эродро нисбат ба шӯҳрати порчаҳои «бақасаб», «подшоҳи»-и хуҷандии асри муғул метавон гирифт, ки муаллиф нисбат ба ин қазия низ таъкидан навиштааст:

«Инчунин Хуҷанд дар замони муғулон маркази машҳури намунаҳои фарҳанги моддии пешаварон, матоъҳои абрешимӣ ва тараш абрешим ва пудаш пунбаии «шоҳӣ», «беғасаб» («бекасаб» бояд бошад.-Л. Б), «подшоҳӣ» будааст.». (с. 58). Мутазаккир бояд шуд, ки зимни ироаи ҳамчунин матолиби «муҳим»-и таърихӣ ва шояд «кашфиёт»и ҷадид муаллиф барои таъйиди назараш ба ҳеч як аз манобеъ ва маохаз ирҷоъ намедиҳад, то ҳонанада ва афроди алоқаманд битвонанд сиҳатии ин иддаоро баррасӣ намоянд. Иттифоқан ҳамчунин мушкилотро тақрибан дар ҳамаи осор ва таълифоти ин профессор, аз ҷумла дар китобҳои «Таърих ва фарҳанги мардуми Хуҷанд» (Машҳад, 1384 ҳ.), «Ҳафтхони Темурмалик» (Хуҷанд, 2003) ва осори дигараш метавон ба вузӯҳ мушоҳида намуд.

Чунин ба назар мерасад, ки муаллифи мақолаи мавриди назар, дар изҳори дид ва андешаҳояш бидуни ин ки ба аъмоқи масъала бирасад, шитобкорона ироа менамояд.

Мулоҳиза шавад, профессор иллати дар амон қарор

гирифтани Хуҷандро дар баробари хасм ва газаби муғулон ин гуна тавзеҳ додааст:

« ...**Муғулон Хуҷандро бо душвориҳои зиёд баъд аз истилои Самарқанд тасарруф намуданд. Вале Чингизхон ба хотири шаҳри марказии пешаварон, тоҷирони номвари ҷаҳонгард мисли Аҳмади Хуҷандӣ, макони муфассирон, муҳаддисон, фақеҳон, алалхусус валиллулоҳи ислом, бо сарварии шайх Муслиҳиддин будани Хуҷанд ва комилан хароб кардани он мисли Самарқанд, Урганҷ , Марву Ҷанд, Банокат фармон надод ва худдорӣ кард.** « (С. 58).

Аз ин навиштаҳо тасаввур мешавад, гӯйӣ, ки шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр дар остонаи ҳамлаи муғул туҷҷор (мисли Аҳмади Хуҷандӣ (!), пешаварон, муфассирон, муҳаддисон, фақеҳон ва... (мисли Муслиҳиддини Хуҷандӣ (!) надоштаанд. Магар музахрафоти «андешаи таърихӣ» аз ин беш метавонад бошад? Ҳамчунин далоилро ғайр аз муаллифи мақола чӣ касе ба унвони «далоили илмӣ» қабул мекарда бошад?

Профессор боз ҳам ба қасде, ки ҷойгоҳи Хуҷандро дар аҳди мугул дар муқоиса бо шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр бошукӯҳтар ҷилва диҳад, навиштааст:

«Баъд аз вафоти Чингизхон соли 1227 м. дар замони Чағатойхон, вориси ӯ Манғуқоон, Алғухои мулки Хуҷанд ҳаёти шаҳр, пешаварии тиҷорат ва ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳанги он рушду нумӯ карданд.» (с. 58). Аз ин навиштаҳо маълум нест, чӣ касе вориси чӣ касе аст ва аз ҳама муҳим ин аст, ки тавсифи ҳаёти илмӣ ва фарҳангии Хуҷанди асри муғул аз забони муаллиф ба ҳадде таъриф шуда, ки тасаввур меравад, ки гӯӣ сухан дар мавриди Бухорои асри сомонӣ меравад.

Дар мақолаи профессор Назирҷон Турсунов аз миёни уламо ва фуқаҳои исломӣ асомии зайл: Бурҳониддин Муҷрии Хуҷандӣ, Ҷалолуддини Хуҷандӣ, Наҷмуддини Хуҷандӣ (бар асоси иттилооти Ҷамол Қаршӣ), Абӯ Умрони Мусавӣ ибни Абдуллоҳ (бар асоси иттилооти Яъқуби Ҳамавӣ), Иброҳим бинни Аҳмад бинни Муҳаммад мутахаллис ба Бурҳони Хуҷандӣ (бар асоси иттилооти Ҳоҷӣ Халифа) зикр шудааст.

Профессори мо зимни барраси ҷойгоҳи Бурҳонуддин Муҷрии

Хуҷандӣ ин гуна навиштааст:

«Бурҳониддин ал-Муҷрии Хуҷандӣ алломаи замон (!) буд, ӯ соҳиби улуми Қуръони Карим, муҳаддис ва дар айни ҳол шоири хуб ҳам буд. Маҷмӯаи шеърҳои ӯ (!?), ки бо тахаллуси «Муҷрии Хуҷандӣ» эҷод шудаанд, дар ганҷинаи хаттии дастхатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, бархе аз онҳо дар дасти мардуми шеърдӯст маҳфуз аст.» (С.59). Албатта, ки Бурҳонуддин Муҷрии Хуҷандӣ, он гуна ки дар гузориши муаррих ва сайёҳ Ҷамолуддини Қаршӣ омадааст, аз афроди саршиноси Хуҷанд будааст, вале ин ки ӯро профессор бидуни далел «аллома» эълом намояд, ҷои тааммул дорад. Ва аз ҳама муҳимтар ин ки гӯё аз вай ашъоре бо тахаллуси «Муҷрии Хуҷандӣ» бар ҷой гузошта бошад, бисёр баъйид аст. Ба ҳар ҳол, дар ҳеч як аз феҳристҳо ва тазкираҳои то кунун мураттаб кардаи донишмандон ва муҳаққиқин номи «аллома Муҷрии Хуҷандӣ» сабт шуда бошад, дида нашудааст. Исми ин шоир ҳатто дар ҷомеътарин тазкираи шуаро ва удабои Хуҷанд, ки профессори Донишгоҳи Хуҷанд Абдуманнони Насриддин ахиран мураттаб карда (Хуҷанд, 2003) ва низ ба форсӣ дар Теҳрон ба чоп расидааст (с. 1384 ҳ./2005 м.), дида намешавад. Баъйид аст, ки муҳаққиқи ба ин андоза нуктасанҷ мисли профессор Абдуманнони Насриддин дар таҳқиқ ва баррасии ашъори «Муҷрии Хуҷандӣ» ғофил варзида бошанд. Чӣ гуна мумкин аст, ашъори ӯро мардуми шеърдӯст маҳфуз медоранд, вале аҳли адаб аз чопаш ғофил ва ё тазкиравнаисон худдорӣ аз зикри номаш ба унвони шоири соҳибдевон менамоянд?! Тасаввур меравад, ҳамчунин таъкиди профессори мардумшинос ё дурӯғи фоҳиш аст ё калаке бар аҳли адаби Эрон! Агар қарор бар ин бошад, ки ниҳонҳои таърих ошкор шавад, пас бидуни далел ва санад набояд ҳарфи газоф ба миён овард!

Профессор Назирҷон Турсунов боз ҳам бо ин иддао, ки чизи ҷадиде ироа менамояд, вай навишта:

«Симоҳои бузурги тамаддуни исломи замони муғулон дар Мовароуннаҳр, ки улум ва адабиёти форсу тоҷикро бо эҷод ва амалҳои шоистаи худ ғанӣ намудаанд, аз Хуҷанд се нафар: шайх Муслиҳиддини Хуҷандӣ, Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ва шайх

Камолиддини Хуҷандӣ. Ҳар се ин афрод ҳамчун Валиллуллоҳ дар байни мардум тайи қарнҳо номвар гаштаанд.» Дар идомаи ин суханонаш илова менамояд: **«Шайх Камолиддини Хуҷандӣ мутахаллис бо номи Бобо - ориф, олим ва яке аз пешвоёни фарҳанги ислом дар Хуҷанд ва водии Фаргона дар қарни ҳаштӯми ҳиҷрӣ /чаҳордаҳӯми мелодӣ буд. Ҳанӯз дар айёми зиндагияш ӯ ҳамчун устоди маънавӣ ва пиру муришиди ҳазорон муридон ва мухлисони замони худ гардид. Ӯ соҳиби хонақоҳ, масҷиди одиина ва силсилаи мадрасаҳо дар назди ӯрда - дижи бостони Хуҷанд буд. Баъзе абёти парокандаи шайх Камоли Хуҷандӣ (манзураи муаллиф аз «Бобо Камол» аст.- Л. Б.), ки шоири тасаввуф низ буд, дар тазкираҳои куруни вусто сабт шудаанд.» (С.59; 61).** Ин иддао дар ҳоле ироа мешавад, ки Бобо Камоли Хуҷандӣ, ки профессори мо мегӯяд, ҳеч рабте ба Хуҷанд надошта ва вай зода ва парвардаи шаҳри Ҷанд будааст. (Р. к. Бойматов Л. Бобо Камол: Хуҷандӣ ё Ҷандӣ? - Тоҷикистон, 2005, № 8-9, С.32-33.). Тааҷҷуб бештар мешавад, муаллифе, ки дар ҳамин мақола ва навиштаҳои дигараш иддао бар таҳқиқ ва баррасии иттилооти муҳимтарини манобеи таърихӣ дар робита бо таърихи Хуҷанд мекунад, ҳатто ба ҷиддӣ назар накардааст, ки маҳз дар ҳамон манобеи мавриди назараш метавон иттилооти бикр дар робита бо ашхоси таърихии марбут ба мавзӯъ ба даст оварда. Чунончӣ, профессор Назирҷон Турсунов, ки дар ин мақола ва навиштаҳои дигараш борҳо ба китоби «Мулҳақот ас-Суроҳ»-и Ҷамол Қаршӣ ирҷоъ медиҳад, агар ба ҷиддӣ ба матолиби он таваҷҷӯҳ менамуд, дар бораи Камоли Ҷандӣ будани «Бобо Камол» мутмаин мешуд ва низ аз зикри ин ки шайх Бобо Камол «Хуҷандӣ» аст ва дар Хуҷанд хонақоҳу мадраса дорад, мутмаинан худдорӣ мекард.

Муҳимтарин бахши мақола натиҷагирии он аст, ки муаллиф навиштааст:

«Хулоса ин ки ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳанг дар Хуҷанди замони муғулон дар рушду нумӯ ва самаранок буд ва он қарн дар таърих ва фарҳанги тоҷикон ва эрониён ва ислом бо фаъолияти нобигаҳои бузург ва муфассирон, муҳаддисон, фақеҳон, орифон дохил шудааст.» (С. 61). Боиси таассуф аст,

ки ин профессори таърих бо вуҷуди чанд тан аз уламои дин, ки дар Хуҷанд фаъолият доштаанд, таърихи ин давраи Хуҷандро даврони «рушду нумӯ ва самаранок»-и Хуҷанд донистааст. Ҳеч мухолифате бар ин ки ҳамчунин афрод дар ин мулк буданд ва пайваста дар таблиғ ва тавсеаи тафаккури исломӣ дар шаҳр ва атрофу акнофи он буданд, надорем. Нигаронӣ аз ин аст, ки баъзан донишмандон бидуни ин ки мутаваҷҷеҳ шаванд, бардоштҳои хоми хешро ба унвони андешаҳои ҷадиди илмӣ ироа мекунанд. Дар ин маврид чунин ба назар мерасад, ки натиҷагирии профессор Назирҷон Турсунов нисбат ба ҷойгоҳи Хуҷанд дар аҳди муғул аз иштибоҳи фоҳиш орӣ нест. Газоф нахоҳад буд, агар бигӯем, ки ин профессори мардумшинос, ки дар ироаи назароти илмиаш мутаккӣ бар аснод ва арқоми таърихӣ аст, вале дар ироаи назари воқеан илмӣ аз ҳикмати илми таърих бе баҳра аст. Вай фирефтаи зоҳири иттиллооти асноди таърихӣ шуда, он чӣ ки дар Хуҷанд гузаштааст, ҷудову мустақил аз раванди куллии таърихи аҳди мугули Мовароуннаҳру Хуросон донистааст. Ин дар ҳоле аст, ки ҷӯйбори гилолуди таърихи асри муғули Хуҷанд маншаъ аз чашмаи хунолуди таърихи кулии импературии фарзандони саҳронаварди хашини биёбон доштааст. Он чӣ дар иртибот аст, наметавон бо зӯр ҷудо кард.

Дар ироаи назари илмӣ бояд санҷида ва боэҳтиёт буд. Ҳамеша бояд дар назар дошт, ки чун нури ҳақ бирасад, зулмати ботил меравад. Вуҷуди ашхоси маъруф ва номвар ва шавоҳиди зоҳирӣ далел бар ин намешавад, ки асри муғулро дар таърихи Хуҷанд давраи пешрафт ва **«рушду нумӯ ва самаранок»** бишморем. Шояд замони мугул бо далоиле боиси **пешрафтҳои нисбии шаҳри Хуҷанд** шуда бошад, вале ин ҳама «пешрафтҳо» ва «рушду нумӯ»-ҳо, ки муаррихини гузашта ва муҳаққиқини муосир бар он таъкид доранд, дар муқоиса бо вазъе, ки Хуҷанд ва шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр қабл аз ҳамлаи муғул доштанд, бисёр бад буданд. Муфассали ин баҳс худ мавзӯи ҷудогонаест, ки дар ҷои дигаре хоҳад омад.

Шояд аз диди ахлоқ зикри кори хеш дар ин гуна маворид навъе аз маният бошад, вале нагуфтани ҳақиқат ҳам дар баробари онҳое, ки маърифатро залил мекунанд, навъе аз хор

кардани хеш аст. Нигорандаи ин навиштор аз солҳои 1984-85 аст, ки қасд бар навиштани таърихи муфассали таърихи Хуҷанд карда ва шукргузорам то ин муддат тавонистам дар робита бо масоили таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ва таъйини ҷойгоҳи амири он Темурмалик дар таърихи муборизаи озодихоҳонаи мардумони Осиёи Марказӣ таҳқиқоти қобили тавоҷҷӯҳеро ба забонҳои мухталиф ироа намоям. Албатта, ҳаргиз иддао надорам, ки арзиши ҳамаи навиштаҳоям яксон аст. Аммо дар баробари он чӣ, ки ахиран дар робита бо мавзӯи мавриди баррасӣ тавассути иддае аз муҳаққиқин ва нависандагон бо дагдағаҳои фаровон ба чоп расид, боз ҳам аз навиштаҳои қаблии хеш эҳсоси хиҷолатзадагӣ намекунам.

Дар ҳар ҳол, замон қозии одил аст. Шояд худ аз дигарон дида, беҳтар бар иштибоҳот ва навоқиси таълифотам пай бурда бошам. Акнун хости Худованд будааст, ки фурсати муносиберо даст дода, то бар навиштаҳои қаблӣ ва андешаҳои ироакардаи хеш ҷиддитар бияндешам.

ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДГОҲИ ДОНИШМАНДОНИ ЭРОН

Яке аз шохистарин заъфи таҳқиқи профессори Донишгоҳи Хуҷанд Назирҷон Турсунов дар ин аст, ки муаллиф дар китоби ҷадидаш «Ҳафтхони Темурмалик» ҷиҳати баррасии масоили таърихи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик, бо далоили номаълуме таълифоти илми-пажӯҳишӣ ва адабии муҳаққиқин ва нависандагони муосири Эронро, ки ба таври мустиқим дар робита бо Темурмалик анҷом додаанд, мавриди истифода қарор надодааст.

Кӯтоҳбинии муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» нисбат ба ин қазия аз тарафи ин ҷониб интиқод шуда буд. Аз ҷумла, мо дар нақди хеш навишта будем:

«Таърихнависӣ василаи касби ифтихор нест, балки василаи баёни пораҳои ҳақиқати таърих аст. Ба касе, ки дарки ҳаққу ҳақиқат намекунад, чӣ гуна метавон бовар кард? Тааҷҷуб бештар мешавад аз ин ки муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» бо ин ҳама дагдағаҳо чӣ тур тавонистааст, осор ва таълифоти муаррихин ва пажӯҳишгарон, аз қабили: *аллома Муҳаммад Қазвинӣ, Аббос Иқбол, Аҳмади Касравӣ, Сарбоз,* Бартолд Шпуллер, Иброҳим Қафас-ӯглу, А. Бойл ва бисёр дигаронро нодида бигирад.(Рочеъ ба нақду баррасии осори номбурдагон р. к. ба: Бойматов Л. Нақде бар пажӯҳишҳои таърихӣ. Масоили таърихи аҳди мугул.-Эроншинохт, 1378, №12, С.108-129). Ин дар ҳолест, ки кӯчактарин ва ҳатто беарзиштарин навиштаҳои муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони собиқ шӯравӣ ва муаллифини муосир бамавриду бемаврид дар сафаҳоти китоб борҳо зикр шудааст. Ҳақиқат агарчӣ талх аст, бояд гуфта шавад. «Ҳафтхони Темурмалик», дар воқеъ, ба «Ҳафт дастархон» -и профессори мардумшинос табдил шудааст. Муаллиф ҳар касеро, ки хостааст, ба гирди он даъват намуда ва ҳар касеро, ки нахостааст, берун аз дастархон парт кардааст». (Р. к. Бойматов Л. Китобе, ки мурда..., С.6).

Бо дифоъ аз хеш ва дар тақвияти фикраш, профессор Назирҷон Турсунов ин гуна посух додааст:

Муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» аз китобҳои Муҳаммад Қазвинӣ, Аббос Иқбол, Аҳмади Касравӣ, Бертолд Шпуллер ва асарҳое, ки Л. Бойматов дар бораи онҳо хабар надорад, мисли осори дучилдаи « d Empire des steppes Attila, Gengis-khan, Tamerlan»-и Rene Grousset огоҳ ҳастам ва онҳоро мутолиа кардаам. Вале ҳадафи муҳаққиқон ва мақсаду вазифаҳои муаллифони зикршуда тадқиқи фақат таърихи Темурмалик набуд. Онҳо мавзӯъ, мундариҷаи хосаи дигар тадқиқот доштанд. Аз ин сабаб мо онҳоро мавриди истифода қарор надодем. Чунончӣ, таълифи Аббос Иқболи Оштиёнӣ таҳти унвони «Таърихи мугул аз ҳамлаи Чингизхон то ташкили давлати Темур» чор маротиба дар саҳифаҳои 35, 44, 49, 99 далелҳои маълумро оиди Темурмалик хотиррасон намудааст. Рене Груссе танҳо як бор далели аз қабили муҳосираи Хуҷанд аз ҷониби 5 ҳазор мугул ва «марди боирода» будани Темурмаликро қайд кардааасту халос». (Турсунов Н., Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Муҳаққиқини огоҳ ва жарфнигар ҳатто дар ҳамин навиштаҳои дифоии муаллифи китоби «Ҳафтхон» мутаваҷҷеҳи иштибоҳоте шудааст. Соҳиби китоби мазкур худ мутаваҷҷеҳ нест, ки фақат ва фақат дар зикри номи муҳаққиқон ва ановини осори онон дар се-чаҳор маворид ба иштибоҳ роҳ додааст. Огоҳона, зимни ин ки навиштаи муҳаққиқи мазбурро бо ислоҳ овардем, барои дилхур накардани эшон аз таъкид ба ин навоқиси посухаш чашм мепӯшем. Аммо қабл аз ин ки назари хешро дар робита бо наҳва ва сатҳи арзёбии осори муҳаққиқини эронӣ тавассути соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ироа намоям, лозим медонам ишорае ба як саҳви ин профессор дар робита бо навиштаҳои Рене Груссе бинмоям. Агарчӣ профессори мӯҳтарам барои дифоъ аз хеш ба мусташриқи урупоӣ Рене Груссе (он ҳам бо иштибоҳ) ирҷоъ медиҳад ва бо камоли боварӣ мегӯяд, ки «ҳамаро мутолиа кардааст», вале изҳори назараш нишонгари он аст, ки эшон ё аз тарҷумаи форсии ин асар истифода карда ё иштибоҳи ҷиддии ин мусташриқи урупоиро мутаваҷҷеҳ нашудааст. Мутазаккир бояд шуд, ки он ҷо, ки Рене Груссе ҳокими Хуҷандро «марди қавиирода» менависад, манзураш ин

набуда, ки аз иродаи Темурмалик васф намояд, балки бад-ин далел аст, ки вай ба хато номи Темурмаликро аз форсӣ ба фарансавӣ -«L Roidefer», яъне шахси «боирода» - тарҷума кардааст. Ба ин иштибоҳи Рене Груссе дар вақташ профессори Донишгоҳи Манчестер Андрей Бойл таъкиди махсусе дашта буд.(Р.к. Grousset, C. 223 ; ва низ матни инглисии Ҷувайнӣ. - Juvayni, Vol. 1. p. 91. ирҷои № 1.). Бо вуҷуди ноогоҳии хеш, муҳаққиқи мо қотеъона мегӯяд, ки ҳарифаш аз китоби Рене Груссе «хабар надорад». Профессор, ки «хабар дорад», бо итминон таъкид менамояд, ки ин муҳаққиқи урупоӣ фақат «марди боирода» будани Темурмаликро қайд кардааст халос.» Аммо бо гуфтани «халос» муҳаққиқ аз ҳалли масъала наметавонад халос бишавад. Ин гуна муносибати сатҳии муҳаққиқ нисбат ба мавзӯи таҳқиқ ва осори донишмандон, дар кадом сатҳе, ки набошад, дар хӯри илми ҳақиқӣ нест. Ҳамон гуна, ки ишора шуд, назароти муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар робита бо қазияи ҷойгоҳи таҳқиқот ва таълифоти донишмандон ва нависандагони Эрон, хоҳем дид, мутлақо ғалат аст. Мутазаккир бояд шуд, ки муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон, нависандагон ва шуарои муосири эронӣ ба пажӯҳиш ва накӯиши Темурмалик зудтар аз шарқшиносони Ғарб ва муҳаққиқин ва адибони шӯравии собиқ (қабл аз ҳама Тоҷикистону Ӯзбакистон) иқдом намуда ва тавонистаанд, номи ин шахси таърихиро дар ҳавзаи илму адаб огоҳона ва беғаразона муаррифӣ намоянд. Бо итминон метавон гуфт, ки аҳамият ва дастовардҳои муҳаққиқин ва адибони муосири эронӣ дар ин замина камтар аз пажӯҳишҳои олимон ва нависандагони русӣ нест. Ин заъфи бархе аз муҳаққиқин аст, ки бар ҳама чиз бо ғараз менигаранд, ва аз комёбиҳои муваққатии худ магруранд, вале дар ҳақиқат аз дастовардҳои илмӣ ва фалсафии макотиби ҷавомеъ дигар бехабаранд, ноогоҳона, мадҳи назари маҳдудашон мекунанд ва мепиндоранд, ки сарчашмаи илм дар дасташон аст. Ҳамин худхоҳиҳо ва худбиниҳои фиребанда аст, ки илм ва маърифатро беэътибор месозад.

Мутаасифона, ҷойгоҳи муҳаққиқин ва нависандагони эронӣ дар таҳқиқ ва баррасии шахсияти таърихии Темурмалик,

чӣ дар Эрон ва чӣ дар Тоҷикистон ба шоистагӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Он чӣ, ки ин ҷониб дар робита бо ин мавзӯъ то кунун анҷом додааст, фақат чанд мақолотест ва дар маҷмӯъ метавонад барои алоқамандони таърих ва адабиёти Эрони муосир муфид бошад.

Аммо дар ин бахш аз навиштор саъй дорем, нисбат ба баррасии ин мавзӯъ ҷиддитар бошем, чун ноогоҳии муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони кишвар аз дастовардҳои мақотиби илмӣ ва адабии хориҷиёни наздику дур, боиси тангназарии мақотиби дохилӣ, на танҳо дар мавриди мавзӯи таҳқиқ, балки сабаби бардоштҳои ғалат ва ноқис аз сатҳи илмии мақотиби дигар хоҳад шуд. Сиҳатии ин иддаоро дар ироаи назароти бедалели муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» нисбат ба дастовардҳои мақотиби илмӣ-пажӯҳишии Эрони муосир ба таври рӯшан метавон мушоҳида кард.

Пӯшида нест, ки тақрибан ҳамаи муҳаққиқин ва таърихнигорони шӯравӣ, бахусус, муаррихони тоҷик, дар матраҳ кардани номи Темурмалик бо ирҷоъ ба асари устод Садриддини Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» басанда мекунанд. Ин дар ҳоле аст, ки китоби устод Айнӣ дар заминаи Темурмалик солҳост, ки аҳамияти илмии хешро аз даст дода ва акнун намешавад ба ин асар ба унвони таълифи илмӣ ва таҳқиқоти ирҷоъ дод. Аз сӯйи дигар, набояд фаромӯш кард, ки Темурмалик ба унвони қаҳрамони миллии эрониён ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқин ва нависандагони эронӣ қарор дошта ва дорад.

ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДИ АЛЛОМА МУҲАММАД ҚАЗВИНӢ

Хидмате, ки аллома Муҳаммад Қазвинӣ дар таҳқиқ ва баррасии таърихи аҳди муғули Осиёи Марказӣ ва Ирон анҷом додааст, бисёр бузург аст. Ӯро метавон аз муассиртарин заминасозони вусъат ва пешрафти таҳқиқ ва баррасии таърихи аҳди мугул баршумурд. Агар бигӯем, ки Атомалик Ҷувайнӣ кашшофи Темурмалик аст, бидуни иғроқ метавон гуфт, ки кашшофи аслии Атомалик Ҷувайнӣ ҳамин аллома Муҳаммад Қазвинист. Устод Муҳаммад Қазвинӣ мусаҳҳеҳ ва муҳаққиқи китоби «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнист. Ин муҳаққиқ нахустин фарде аст, ки аҳли илм ва адабро бо матни комили «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ ошно кард. Онҳое, ки баъдҳо машғули таҳқиқ ва баррасии таърихи истилои муғул шуданд аз бисёр ҷиҳат мадюни Муҳамммад Қазвинӣ ҳастанд.

Маълум аст, ки таҳқиқ ва баррасии таърихи истилои Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмалик бидуни истифода аз матни «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ гайри мумкин аст. Муҳаммад Қазвинӣ на танҳо мусаҳҳеҳи ҳикояти Ҷувайнӣ дар робита бо ҳодисаи Хуҷанд ва аҳволи Темурмалик, балки аз миёни эрониён шояд нахустин муҳаққиқи навиштаҳои Ҷувайнӣ дар робита бо Темурмалик аст.

Бо як назар метавон мушоҳида кард, ки устод Муҳаммад Қазвинӣ барои тасҳеҳ ва таъйини дурустии матни Ҷувайнӣ дар робита бо ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик чӣ корҳои муҳимеро анҷом додааст. Таъйин ва ироаи асомӣ, ҷойҳои ҷуғрофӣ, ашъор ва абёти шуаро ва удабои форсӣ ва арабӣ ва.... дар ҳикояти Ҷувайнӣ то кунун аҳамияти илмии худро аз надодааст. Мутаассифона, бо ин ҳама талошҳои олимона, ағлаби муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони Темурмалик ба таври кофӣ ба ишораҳои аллома Муҳаммад Қазвинӣ таваҷҷӯҳи лозимро надодаанд ва камтаваҷҷӯҳии аз ин гурӯҳ муҳаққиқон сабаб шудааст, ки дар таъйини ҷоҳои ҷуғрофӣ ва асомии шуаро ва удабо, дурустии абёти мавҷуд дар ҳикояти Темурмалик ба иштибоҳоти фоҳиш роҳ диҳанд. Чунон ки нишону дода шуд,

дуктур Ғ. Ғоибов ва профессор Назирҷон Турсунов ба далели ноошноӣ лозим бо ишороти аллома Муҳаммад Қазвинӣ, дар ташреҳи бахше аз истилоҳоти матни «Таърихи чаҳонгушо» ва ҳамчунин дар таъйини абёти ҳикояти марбут ба Темурмалик иштибоҳотеро муртакиб шудаанд.

ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДГОҲИ УСТОД АҲМАДИ КАСРАВӢ

Аҳмади Касравӣ (1269-1324ҳ./1890-1945м.) яке аз маъруфтарин равшанфикрон ва аз муҳаққиқини саршиноси Эрони муосир аст. Аз-ӯ дар заминаи улуми таърих, забон ва адабиёт, улуми динӣ-мазҳабӣ осори бисёре бар ҷой монда ва то кунун дар миёни муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон аз эътибори болое бархӯрдор аст. Кутуб ва расоил, аз қабили: «Ойин», «Дар пиромуни ислом», «Баҳоигарӣ», «Сӯфигарӣ», «Хароботигарӣ», «Ҳофиз чӣ мегӯяд», «Дар перомуни адабиёт», «Дину чаҳон», «Фарҳанг чист?», «Фарҳанг аст ё найранг», «Дар пиромуни равон» ва... аз муҳимтарин таълифоти ин муҳаққиқ ва донишманди эронӣ дар заминаи таъриху фарҳангшиносист.

Китоби «Таърихи машрутаи Эрон» дар воқеъ аз машҳуртарин навиштаҳои Аҳмади Касравӣ дар илми таърих ба шумор меояд. Таълифоти вай, аз қабили, «Шаҳриёрони гумном», «Таърихчаи понсадсолаи Хузистон», «Таърихчаи ҳачдаҳсолаи Озарбойҷон», «Таърихчаи шеру хуршед», «Шаҳ Сафӣ ва табораш», «Мушаъшаъён», «Пайдоиши Амрико» ва ... низ аз аҳамияти болои илмӣ бархӯрдоранд.

Аҳмади Касравӣ ҳамчунин муаллифи як ришта гуфторҳо ва мақолоти илмӣ-пажуҳишӣ дар заминаи мухталифи таърихи Эрон мебошад. Аглаби мақолот ва гуфторҳояш дорои эътибор ва арзиши қобили таваҷҷӯҳе аст. Мақолаи «Темурмалик» яке аз онҳост.

Ин мақола дар шумораи 10 даймоҳи соли 1315 ҳ.\ 1937 мелодӣ дар моҳномаи «Паймон» ба чоп расид. Аҳмади Касравиро бидуни муболига, метавон кашшофи ҳақиқии

Темурмалик номид. Ин муаррих ва муҳаққиқ, на фақат дар таърихнигории Эрон, балки дар адабиёти ҷаҳони нахустин муаллифест, ки дар бораи Темурмалик рисолаи илмӣ-пажуҳишӣ нигошта, ҳатто қабл аз устод Садриддини Айнӣ, ин амири диловарро марди корзор ва қаҳрамони таърихи Эрони Бузург донист. Чунончӣ вай навиштааст:

«...Ӯ (Темурмалик) низ дар пешомади мугул дар он рӯзҳои сахти Эрон мардонагӣ намуда... ва инро барои он менависем, то нишон диҳем ки ӣ ҳаргиз аз ёдҳо намеравад ва мардонагӣ ҳеч гоҳ фаромӯш намегардад. Некӯкор меравад ва тани ӯ хок мешавад, вале номи некаш пойдор мемонад ва ёдгораш аз забонҳо намеафтад, ба вежа некӯкоре, ки дар рӯзи еахт доман ба камар зада ба раҳойии мардум кӯшад ва ё дар баробари душман ҷон бар каф гирифта далериҳо намояд ва мояи сарфарозӣ ва гардад. Касонанд, ки бояд гиромишон шумурд ва паёнай ёдоварӣ карда нагзошт фаромӯш шаванд.» (Касравӣ. С, 559).

Аз назари ин муҳаққиқ, Темурмалики Хуҷандӣ, қабл аз ҳама, як фарди эронист ва мегӯяд, ки Эрон бояд аз вуҷуди таърихии ин гуна афрод ифтихор намояд, аз ҷавонмардии ин гуна ашхос арҷшиносӣ кунад ва таъкид менамояд, ки наслҳо номи мардони таърихро ба фаромушӣ надиҳанд. Вай навиштааст:

«Темурмалик намунае аст, ки чӣ далерони беҳумоле дар Эрон кушта шудаанд.» (Касравӣ, с. 561).

Назари таърихӣ-фалсафии Аҳмади Касравӣ дар бораи ҷойгоҳи қаҳрамонони миллӣ, аз ҷумла, нисбат ба Темурмалик, воқеан, васеъ ва амиқ аст. Гуфтаҳо ва арзёбии Аҳмади Касравӣ дар адабиёти илмӣ-таърихӣ, ки то кунун дар бораи Темурмалик навишта шудааст, дар навъи худ беназир аст. Суханҳои вай, ба гуфтаҳои бархе аз муаррихон ва муҳаққиқон як шиори ташрифотӣ ва мадҳи хушки шахсият нест, балки андешаи пурмаъниест, ки мутаккӣ бар мантиқ ва фалсафаи солим аст. Дар миёни муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони эронӣ шояд ҳеч нафаре ба дараҷае, ки Аҳмади Касравӣ номи Темурмаликро бо Эрон пайванд надода бошад, магар ин ки шоирони эронӣ аз

тариқи сурудани достонҳои воло карда бошанд.

Арзиши илмӣ ва ахлоқии навиштаҳои Аҳмади Касравӣ воқеан болост ва бар пояҳои маҳками мантиқи таърихӣ устувор аст. Диди ин муҳаққиқи эронӣ нисбат ба масоили таърих ва илми таърихнигорӣ, аз ҷумла, ба шахсияти Темурмалик ва ҷойгоҳи ӯ дар воқеъ олимона аст. Аз назари вай, Темурмалик, на фақат сипаҳсолори Хоразмшоҳон, балки меҳандӯсти дарачаи аввал аст. Аҳмади Касравӣ шефтаи мардонагии Темурмалик аст, вай таъкид бар он дорад, ки номи ин қаҳрамониро дар як радиф бо бузургтарин ва машҳуртарин меҳанпарастони ҳар қавме, ки дар рӯзҳои сахт аз марзу бумашон дифоъ кардаанд, метавон гузошт. (Касравӣ, С. 559-561)

Аммо Аҳмади Касравӣ низ дар таълифи хеш, ба таҳлил ва баррасии масоили марбут ба таърихи Хуҷанд ва Темурмалик ҳамаҷониба напардохтааст. Албатта, дар ҳаҷми як мақола наметавон ҷойгоҳи қаҳрамонони миллатро бо тамоми буъдаш нишон дод ва ин кори басо мушкилест. Аз ин рӯ, маззамати Аҳмади Касравӣ дар анҷоми кори нокис аз роҳи адл нест. Ошкор аст, ки вазифаи Аҳмади Касравӣ муаррифӣ кардани шахсияти Темурмалик барои ҷомеаи Эрон будааст ва мусалламан ин корро ба шоистагӣ анҷом додааст. Аммо ба ҳар сурат ишорае бар чанде аз камбудҳои навиштаи устод Аҳмади Касравӣ барои муҳаққиқин ва алоқамандон холӣ аз фоида нахоҳад буд.

Устод Аҳмади Касравӣ баёноти хешро бар асоси навиштаҳои Атомалик Ҷувайнӣ, ки дар воқеъ дар заминаи таҳқиқи таърихи Темурмалик аз беҳтарин ва арзишмантарин манобеъ мебошад, оварда ва бар гуфтаҳои Ҷувайнӣ такрибан ҳеч гуна изофае накардааст. Чун ҳамаи ҳикояти устод Касравӣ бар пояи «Таърихи ҷаҳонгушо» омадааст, вай низ ба мисли муҳаққиқини дигар ноогоҳона Хуҷандро воқеъ дар канори оби Ҷайҳун дониста ва номи қасабаи «Ӯш»-ро «Арас» хондааст.(Касравӣ, С.561).

Албатта, бояд дар назар дошт, Атомалик Ҷувайнӣ, ки худ донандаи ҷуғрофиёи таърихии Мовароуннаҳр буд, ҳаргиз дар таъйини ҷойи Хуҷанд иштибоҳ накардааст, балки вай истилоҳи «Ҷайҳун»-ро ба таври маъмул ба маънии «рудхонаи пуроб» ба

кор бурдааст. Чунон ки зикр шуд, онҳое, ки ин воқеиятро хатои ин ҷониб (Ғойибов, С.42) худашон ба иштибоҳ роҳ додаанд. Истилоҳи «Ҷайҳун» дар ин ҳикояти Ҷувайнӣ ҳамон «Сайҳун» аст, ки ҳамаи муҳаққиқин ва мутарҷимин онро «Сир-дарё» хонда ва тарҷума кардаанд. Аммо истилоҳи «Арас», ки дар воқеъ «Ӯш» аст, аз этимоли қавӣ иштибоҳи котибони китоби «Таърихи ҷаҳонгушо» бошад, ки «в» ва «ш»-ро «р» ва «с» хонда ва навиштаанд.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки ҳадси Аҳмади Касравӣ дар бораи ин ки «Хуҷанд» ҳамон «Хӯқанд» аст (Касравӣ, С.561, ирҷои шумораи 2), мусаламан иштибоҳ аст. Чун Хуҷанд дигару Хӯқанд дигар аст. Дигар аз иштибоҳи Аҳмади Касравӣ ин аст, ки шаҳри «Ҷанд»-ро (воқеъ дар пойиноби Сайҳун аст), «Хуҷанд» хондааст. (Касравӣ, С.562.)

Дар робита бо мавзӯи фарори Темурмалик аз Хоразм бояд зикр намуд, ки на фақат Аҳмади Касравӣ, муҳаққиқин ва нависандагони дигари эронӣ, балки аглаби муаллифони гайри эронӣ низ чунин мешуморанд, ки Темурмалик аз Хоразм ба думболи Муҳаммад Хоразмшоҳ рафта ва худро бар-ӯ пайваст.(Касравӣ, С. 562). Ин дар ҳолест, ки Темурмалик фақат баъд аз марги султон Муҳаммад, Хоразмро тарк карда ба ҷониби Насо рафт. (Дар ин бора р. к. Бойматов . Л. Д. Ходжент, С. 60-62; Ҳамон муаллиф. Чун мардон..., С.15-16).

Дидгоҳи Аҳмади Касравӣ ва низ баъзе аз нависандагон дар бораи ин ки Темурмалик бо умеди авф ва пурсиш ба боргоҳи Ӯктой-қоон равон шуд, ба воқеъият чандон созгор нест. (Дар ин бора р. к. Бойматов. Чун мардон, С. 16-17.)

Дар хотимаи мақолаи худ Аҳмади Касравӣ ба як нуқтаи бисёр ҳассос, ки голибан дар осори муаррихин ва нависандагони асри муғул, ба мушоҳида мерасад, ишоре карда ва аз ҷумла менависад:

«Чун ӯ (Ҷувайнӣ) ҳавои муғулонро дорад, пайдост, ки он чӣ навишта ҷуз рост намефошад, балки метавон пиндошт, ки дар сурудани достон ба кӯтоҳӣ гироида». (Касравӣ, С. 563).

Ин гуфтаҳои Аҳмади Касравиро метавон бо мисолҳои фаровони таърихномаҳои аҳди муғул таъйид кард.

Муҳимтарин бахши мақолаи Аҳмади Касравӣ, бидуни шакк, қисмати охир ва натиҷагириаш аст, ки муаллиф дар бораи ҷойгоҳи баланд ва мардонагии қаҳрамонони таърих изҳори ақида намудааст. Вай навиштааст:

«Мақсуди мо ин аст, ки аз ин мард арҷшиносӣ кунем ва номашро нагзорем фаромӯш шавад. Ду бора мегӯям аз ин гуна касон, аст, ки бояд ситоиш намуд. Агар дар достони муғул сад тан монанди инро доштанд, ки то охирин нирӯ набард намоянд бегумон он пешомадҳои дилгудоз рух намедод ва хунхорони мугул ба он осонӣ даст ба шаҳрҳои Эрон намеёфтанд. Ин шигифт,ки ин ҷонбозиҳоро арҷ надонистаанд ва шояд аз ҳазор кас яке инҳоро надонад, вале садҳо номи бечо бар сари забонҳо мегардад, ки бояд онҳоро фаромӯш кард». (Касравӣ, С. 563).

Дидгоҳи Аҳмади Касравӣ дар робита бо шахсият ва ҷойгоҳи таърихии Темурмалик, воқеан, олимонаву одилона аст.

Пас аз баррасии китоби «бунёдин ва илмитарин»-и профессор Назирҷон Турсунов, бо қотеъият метавон гуфт, ки бо вуҷуди ин ҳама талошҳо, номи Темурмалик, ин марди шоистаи таърих, ҳанӯз ҳам дар меҳанаш мазлум қарор гирифта ва ба далели адами таҳқиқи дар ҳақиқат илмӣ-пажӯҳишӣ ворисони буму бар ҷонбозиҳои таърихии ӯро чунон ки бояд бошад, бар арҷ нанишондаанд. Ва аммо бисёр номҳои ношоиста бечо дар дафтари мадҳҳо сабт шудаанд, ки мояи таассуф аст.

МАНЗУМАИ «ТЕМУРМАЛИК» ДАР ЭРОН

Қабл аз ин ки дар бораи манзумаи ба номи «Темурмалик» баҳс намоем, лозим аст зикри кӯтоҳе аз қиссаи таърихии нависандаи шинохтаи эронӣ Носири Наҷмӣ, ки таҳти унвони «Пайкор то охирин нафас» дар моҳномаи «Артеш» ба чоп расондааст, карда шавад. Ин қиссаи ҷолиб, дар воқеъ, васфи мардонагии Темурмалик аст. Ба далели ин ки ин қисса бештар аз диди адабӣ, қобили таваҷҷӯҳ аст, аз ин рӯ,нақд ва баррасии тахассусии онро дар ин сафаҳот зарур надонистем. Аммо он чӣ, ки дар бораи ҷойгоҳаш дар миёни осори адабӣ-таърихии

Эрони муосир бояд гуфта шавад, ин аст, ки ин қиссаи адабӣ-таърихӣ барои тарбият ва бедориии эҳсоси ватанпарастии эрониён, бахусус артешиёну сарбозони кишвар муассир будааст ва беҳуда набуда, ки бархе аз адибони муосири Эрон васфи қалами тавонои ин нависандаи эронӣ кардаанд.

Афсари артеши шоҳаншоҳи Эрон Мирмаҳдии Мӯбад ни бо тахаллуси «Сарбоз» шеър накӯ месуруд. Сарбоз нахустин шоири муосири форсизабонҳоест, ки роҷеъ ба Темурмалик ва ҷонфишониҳои мардуми Хуҷанд достони таърихии бисёр ҷолибе сурудааст. Дар адабиёти муосири форсӣ ва тоҷикӣ достоне, ки аз диди таърихӣ ва адабӣ дар баробари сурудаҳои Сарбоз қарор бигирад, тақрибан ба назар намерасад. Нахустин нақд ва баррасии ин достон аз дидгоҳи таърихӣ тавассути нигоранда анҷом шудааст. (Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Нақде, С. 124-127).

Илова бар он чӣ, ки гуфта шуда буд, метавонем бияфзоем, ки сарояндаи достони «Темурмалик» на танҳо шоири хуб ва босаликаест, балки ӯ нависанда ва таҳлилгари тавоноест, ки аз раванди ҳодиса ва ӯ аз воқеъияти таърих ба хубӣ огоҳ аст. Вай саъй кардааст, то тамомии навиштаҳояш бар воқеъияти таърихӣ устувор бошад. Аз ин ҷост, шоир мегӯяд, ки тамомии матолибаш бар пояи иттилооти «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ ва навиштаҳои Аҳмади Касравӣ ба назм кашида шудааст. Дар ин хусус навиштааст:

«Алоуддин Атомалик Ҷувайнӣ аз таърихнависони садаи ҳафтӯм достони диловариҳои ӯро дар ҷилди якуми «Таърихи ҷаҳонгушо» навишта ва шодравон Аҳмади Касравии Табрезӣ низ сиву панҷ сол пеш дар шумораи 10 соли севвуми моҳномаи «Паймон» далериҳои ӯро тоза гардонида. Чандин сол пеш ҳам нависандаи гаронмоя Носири Наҷмӣ «Пайкор то охирин нафас» ӯро дар моҳномаи «Артеш» сутудааст. (Мирмаҳдии Мӯбад, С. 32).

Шахсияти Темурмалик, муборизаи озодихоҳонаи мардуми Хуҷанд ва масоили дигари таърихи даврони ҳамлаи муғул дар достон шоирона ва бо латофати вежае тасвир шудааст. **Чунончӣ:**

Худованди Хуҷанд арчӣ ҷавон буд,
Басе меҳанпарасту кордон буд.
Мар ӯро ном Темурмалик буд,
Равонашро зи пастиҳо нафарсуд.
Силаҳшӯру хирадманду фидокор,
Барои аҳли шаҳраш ёру гамхор.

*****

Суханҳои шаҳоматбези Темур,
Сари ҷанговаронро кард пуршӯр.
Бад-ӯ пайваст аз мардон ҳазоре,
Ҳама пайкорҷӯйи корзоре.
Ҳама бастанд бо Темур паймон,
Пазируфтанд фармонаш бад-ин сон:

*****

Ҳама аз ҷангҷӯёни Хуҷандем,
Ба пеши моми меҳан сарбаландем.
Шуданд аз шаҳри худ берун шабона,
Равон гаштанд сӯйи ошёна.
Дижи Темур з-он пас подагон шуд,
Ба Темур ва ёронаш макон шуд.

*****

Ҳаме Темур мардона ба по хост,
Даруни диж зи ёронаш саф орост.
Ба пеши душман ҳафтод чандон,
Сафорой намуд аз родмардон.
Ҳама омодаи пайкор гаштанд,
Ба чашми душманон чун хор гаштанд.

*****

Чу аз Темур ин истодагӣ дид ,
Зи хашми хеш ҳамчун гург ларзид.
Тароваш кард аз магз табоҳаш,
Ҳамон дам дод фармон бар сипоҳаш.

Зи хоку санг пур созанд Ҷайҳун,
Бадал созанд Ҷайҳунро ба ҳомун.
Ба ҳангоме, ки хуршеди тобон,
Саҳаргоҳ аз уфуқ гардид тобон.

*****

Ба Ҷуҷихон хабар доданд з-ин кор,
Дубора бар лаҷоҷат шуд гирифтор.
Зи асби кина ӯ пойин наяфтод,
Ҳар он кас кушта шуд, ҷояш фиристод.
Саронро гуфт чора бо ҳариқ аст,
Ва ё партоби сангу манҷаниқ аст.
Бад-ин минвол чандин рӯз бигзашт,
Мугул бас кушта дод аз пой наншаст.
Ҳаме карданд дижро сангборон,
Дижи обод ногаҳ гашт вайрон.

*****

Шаби торик дар киштӣ нишастанд,
Ба пору мавҷи Ҷайҳунро шикастанд.
Мугулҳо бохабар гаштанд з-ин кор,
Шуданд омода аз нав баҳри пайкор.
Зи киштиҳо ҷавонони Хуҷандӣ,
Ба тир аз хасм мекунанд чанде.
Ба наздики Фанокат то расиданд.
Раҳи худ баста аз занҷир диданд,
Ба Ҷайҳун дид чун занҷир Темур,
Бурид аз зарбати шамшер Темур,
Вале Темур худ аз пой нанишаст,
Нашуд таслим ва бар душман напайваст.
Ба худ гуфто: «Набояд муфт мурдан,
Ва на аз тарс мурдан ранҷ бурдан».

*****

Се тан таъқиби ӯро менамуданд ,
Бад-ӯ чун соя андар пушт буданд.
Се тире буд андар тиркаши ӯ,
Якеро зад ба тир аз зери абрӯ.
Ба чашм хӯрду дар дам кӯр гардид.
Зи Темурмалик бас дур гардид,

*****

Нашуд хушнуд аз мардони Хоразм,
Равон шуд аз пайи султони Хоразм.
Ба Шаҳристона ба султон бипайваст.
Басе хушнуд шуд, бӯсидаш аз даст,
Дар он ҳангом сахти ёри ӯ шуд,
Ба ҳар пешомади гамхор шуд.
Сипас пӯшид рахти сӯфиёна,
Ба сӯйи Шом шуд охир равона.

*****

Равон шуд бар дари Ӯктойқоон,
Зар аз кораш огаҳ гашт Қадқон.
Ба дастураш гирифтор намуданд,
Ба тарки қасд водораш намуданд.
Касе, ки кӯр шуд бо тири Темур,
Ҳамон ҷо буд, шуд дилгир Темур.
Ба ёд овард Темурмаликро,
Ҳамон ҷо шӯру гавго кард барпо.

*****

Бидуни тарс огоз сухан кард,
Басе таҷлил аз номи Ватан кард.
Ба Қадқон арзиши худро нишон дод,
Зи захми тири Қадқон низ ҷон дод.
Ба меҳан дини худро хуш адо кард,
Ба Эрон ҷони ширинро фидо кард.
Агар сад тан чун-ӯ буданд он рӯз,

Ба осонӣ намешуд хаем пирӯз.
Чароғи ҳастии ӯ гашт хомӯш,
Набояд кард номашро фаромӯш.
Сазовор аст номи ҷонафшонон,
Бимонад зинда дар таърихи Эрон.

Албатта, достони «Темурмалик»-и Мирмаҳдии Мӯбад (Сарбоз) муфассалтар аст ва ин ҷо фақат намунае аз ҳар ҷои достон ҷиҳати муаррифии тавоноии шоир оварда шуд. Пайдост, ки бар тафаккури ин шоир ва нависандаи эронӣ мақолаи Аҳмади Касравӣ бисёр таъсир гузоштааст. Дар баъзе маворид эҳсос мешавад, ки шоир Мирмаҳдии Мӯбад суханони Аҳмади Касравиро ба назм кашидааст. Бахусус, ин навиштаҳои шоир айни гуфтаҳои Аҳмади Касравианд:

«Чун ӯ (Ҷувайнӣ) намакхори хонҳои муғул буд, ҳавои онҳоро дошта ва он чӣ навишта, чуз рост намебошад. Вале гумон меравад диловариҳоро ба кутоҳӣ оварда бошад».(Мирмаҳдии Мӯбад, С.40).

Аммо аз суйи дигар маҳкум ва сарзаниш кардани муаррих Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ дар ин маврид одилона ба назар намерасад. Билохира, мутаваҷҷеҳ бояд шуд, ки агар ҳиммат ва иқдоми ин муаррих намебуд мо аз донистани номи Темурмалик ва диловариҳои вай комилан маҳрум мемондем. Ҳатто достонҳои мавриди назар эҷод намешуд. Хидмати муаррих Ҷувайнӣ дар сабт кардани номи Темурмалик дар авроқи таърих вокеан азим аст. Асилтарин ва арзишмандтарин манбаъ барои таҳқиқи ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик ҳамоно китоби Ҷувайнӣ аст. Навиштаҳои Ҷувайнӣ модари ҳамаи мутуни баъдӣ дар бораи Темурмалик аст. Нигоранда борҳо гуфтааст, ки Атомалик Ҷувайнӣ дар раъси тамомии муаррихин қарор дорад. (Рочеъ ба аҳамият ва ҷойгоҳи китоби Ҷувайнӣ дар таҳқиқи Темурмалик р. к. ба: Бойматов Л. Худжанд, С. 8-12).

Яке аз вежагиҳои достони «Темурмалик»-и Сарбоз ин аст, ки шоир қаҳрамони худро як фарди эронӣ медонад. Аз назари вай ҳодисаи Хуҷанд, ҷузъе аз таърихи Эрон аст ва хуҷандиҳо ironианд. Шоир достонашро дар рӯзҳои ҷашни 2500 солагии

шоҳаншоҳӣ навиштааст ва дар амал, ин достон як навъ мадҳи таърихи гузаштаи Эрон ва диловариҳои ирониён дар мисоли Темурмалик ва тоҷикони Хуҷанд аст. Шоир навиштааст:

«Темурмалик»...достони далерӣ ва ҷонфишонии Темурмалик фармондеҳи лашкар ва фармондори Хуҷанд, ки тан ба пастӣ надод, дар баробари муғул то вопасин дам ҷавонмардона кӯшид ва сарфарозона дар роҳи Эрон ва эронӣ нӯшобан ҷовид нӯшид.» (Мирмаҳдии Мӯбад, С. 32).

Ин шоир ва нависандаи эронӣ тавонистааст аз як мавзӯи таърих достони зебо ва дилангези таърихӣ-адабӣ биёфаринад. Аммо нагуфта намонад, ки шоир бо вуҷуди ин ки аз манобеи аслӣ ва таҳқиқи профессор Аҳмади Касравӣ истифода кардааст, дар баъзе маворид воқеъияти таърихиро натавонистааст, дуруст дарк намояд ва зимни баёни ҳодисаи Хуҷанд ба иштибоҳоте роҳ додааст, ки зикри бархе аз онҳо дар нақди нигоранда оварда шудааст. (Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Нақде, С. 126-127).

Дар зимн, вазифадорам ташаккур аз хонум дуктур Матлуба Хоҷаева намоям, ки эшон ҷиҳати баргардони матни форсии ин достон ва тавзеҳоташ заҳмат кашида ва онро дар шумораи дуввуми маҷаллаи «Хуҷанд» (соли 2004, С. 81-90) ба чоп расонданд ва алоқамандони адаби форсӣ ҷиҳати иттилооти бештар ва беҳтар метавонанд муроҷиа ба матни комили достон намоянд.

ТЕМУРМАЛИК АЗ ДИДГОҲИ АББОС ИҚБОЛ

Мардонагии Темурмалик дар ҷанги алайҳи муғул дар сафаҳоти китоби маъруфи муаррихи забардасти эронӣ устод Аббос Иқбол «Таърихи муфассали Эрон» низ бо тавоҷҷӯҳи вежае сабт шудааст. Аббос Иқбол низ дар нигошти воқеаи тасарруфи Хуҷанд ва аҳволи Темурмалик бар иттилооти «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Атомалик Ҷувайнӣ такя кардааст. Аз назари вай матни «Таърихи ҷаҳонгушо» ҷиҳати баррасии ҳодисаи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик мӯътамадтарин манбаъ аст. Ба ин хотир аст, барои касби иттилооти бештар дар

бораи сарнавишти Темурмалик хонандагонашро ба таври мустақим ба ҳикояти Атомалик Ҷувайнӣ, ки дар поварақи китобаш мухтасаран ба иқтибос овардааст, раҳнамоӣ кардааст. (Аббос Иқбол, С. 35-36).

Таҳлил ва баррасии ҳодисаи Хуҷанд, ки тавассути Аббос Иқбол анҷом шудааст, аз назари илмӣ аз навиштаҳои академик В. В. Бартольд, профессорон А. Ю. Якубовский ва бархе дигар аз муҳаққиқини шӯравии собиқ камӣ надорад. Агар мусташриқин ва муаррихини шӯравӣ Темурмаликро ба унвони диловари таърихи миллатҳои Осиёи Марказӣ муаррифӣ намоянд, Аббос Иқбол аз зовияи дигар ба ҳамин натиҷа расидааст. Ин муҳаққиқи эронӣ агарчӣ дар бораи корҳои таҳққиқотии донишмандони шӯравӣ иттилооте надорад, вале дар арзёбии ҷойгоҳи таърихии Темурмалик бо назароти мусташриқин ва муҳаққиқини шӯравӣ тақрибан ҳамраъй аст. Аз назари ин таърихнигори эронӣ, Темурмалик қабл аз ҳама қаҳрамони Эрони таърихӣ мебошад.

Аббос Иқбол дар миёни муҳаққиқони эронӣ ва ҳатто ғайри эронӣ, нахустин муҳаққиқе мебошад, ки дар дарки дурусти матни Атомалик Ҷувайнӣ дар бораи истилоҳи «Ҷайҳун» рӯшании қобили таваҷҷӯҳеро ироа кардааст. Чунончӣ, вай дар робита бо ин мавзӯъ ба таври махсус навиштааст:

«Ҷайҳунро дар ин ҷо ба маънии мутлақ рудхона аст, яъне Ҷайҳуни Хуҷанд, ки шатти Сайҳун бошад». (Иқбол Аббос, С. 35, ирҷои № 2.)

Таҳлил ва баррасии Аббос Иқбол дар мавриди Темурмалик дар муқоиса бо муҳаққиқини дигари Эрон (ва ҳатто шӯравии собиқ) бисёр ҷиддӣ ва ӯ саъй мекунад бо ҷузъиёти саргузашти Темурмалик ошно бошад. Ин муҳаққиқи жарфнигар бар хилофи муҳаққиқи дигари эронӣ ба таври махсус пирӯзии Темурмаликро бар дастаҳои муғул дар наздикиҳои Хоразм зикр мекунад. Чунончӣ вай навиштааст:

«Темурмалик амири собиқи Хуҷанд, ки тоза ба Хоразм омада ва як бор низ сипоҳиёни тоторро дар ҳамон ҳаволи мағлуб карда буд, ба Хуросон гурехт.» (Аббос Иқбол, С. 44).

Аббос Иқбол зимни баёни таърихи фарори султон

Ҷалолуддин Хоразмшоҳ аз Хоразм ба тарафи Шаҳристона, аз номи Темурмалик низ ёд мекунад. Ин дар ҳоле аст, аксари муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони эронӣ ва ҳатто бархе аз муҳаққиқини ғайри эронӣ ба ин мавзӯъ бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир кардаанд. (Аббос Иқбол, С. 49).

Ҷолибтарин ва шояд муҳимтарин нуқтае, ки дар робита бо таъйини аҳамияти таҳқиқи устод Аббос Иқбол дар робита бо ҳодисаи Хуҷанд ва ҷойгоҳи Темурмалик ин аст, ки ин муҳаққиқи эронӣ дар банди даҳӯми бахши «Илали пешрафт ва шикасти Хоразмшоҳ» номи Темурмаликро дар радифи машҳуртарин фидоиёни меҳан ва қаҳрамонони ҷанги зидди муғул ёд мекунад. Барои ин ки аз тафаккури амиқи олимона ва вусъати назари ин донишманди эронӣ дар робита бо ҷойгоҳи шахсият дар таърих беҳтар аст, навиштаҳои ӯро комил ба иқтибос орем. Вай навиштааст:

«Мардуми билоди мухталифаи Мовароуннаҳр ва Эрон дар дифоъ муқобили мардона ҷангиданд ва фидокориҳо ва рашодатҳо ва ҷоннисориҳо, ки дар ин воқеаи азим зоҳир сохтанд, нишонаи ниҳоят дараҷа ғайрат ва шарофатмандии эшон аст, вале афсӯс, ки нифоқи сарони кишварӣ ва лашкари бо якдиғар ва хиёнати сипоҳиёни турк дар ғолиби маворид ва надоштани коидмудаббири фарори Хоразмшоҳ ҳеҷ вақт нагзошт, ки дар ин ҳама рашодатҳо ва мудофеоти далерона ба натиҷаи қатъӣ мунтаҳӣ гардад. Дифои далеронаи Инолчук дар Утрор ва Темурмалик дар Хуҷанд ва Малик Шамсуддини Ҷузҷонӣ дар Ҳирот ва муқовимат ва рашодати аҳолии Хоразму Нишопур ва Ҳироту Нусраткӯҳ ва ғайра мефаҳмонад, ки рӯҳи силаҳшӯрӣ ва ғайрат дар мардум ба камоли қувват буда, ҳатто аз лашкариёни муғули муҳоҷими фотеҳ ин дараҷа рашодат ва пойдорӣ дида нашуда. Фақат беинзиботин кори раъойии Хоразмшоҳ ва харобии бунёни давлати ӯ ва низоми мураттаби по бар ҷойи Чиигизиён ва ақл ва тадбири хони эшон он қавмро ғолиб мекарда ва назму тартиб ва идораро ба ҳар навъи зӯр ва рашодат ва дифоъ тафаввуқ медодааст.». (Аббос Иқбол, С. 99).

Фикр мекунам, ин матни иқтибос шуда ниёз ба тавзеҳ надорад. Он гоҳ ки Аббос Иқбол мегӯяд:

«Темурмалик, ки аз далертарин умарои Хоразмшоҳ буд ва ӯ дар истилои муғул ба воситаи пойдорӣ дар дифоъ ва мардонагӣ номи некӣ аз худ ба ёдгор гузоштааст»,- бо ҷуръат метавон гуфт, ин гуфтор яке аз беҳтарин намунаҳои камоли сухан чӣ аз диди адабӣ ва чӣ аз диди фалсафаи таърихӣ аст. Камтарин муҳаққиқон метавонанд бо ҷумлоти кӯтоҳ мудаллалтарин андешаро ироа намоянд. Ва устод Аббос Иқбол яке аз онҳост.

Бо ин ҳама талошҳо, дастовардҳо ва тафаккуроти амиқи таърихпажӯҳӣ, оё мо ҳақ дорем бигӯем, ки устод Аббос Иқбол дар баррасии таърихи истилои Хуҷанд ва ҷойгоҳи амири Хуҷанд фақат ва фақат ***«далелҳои маълумро оиди Темурмалик хотиррасон намудааст.»?*** (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд, № 33, С. 6). Вокеан, ҳушёр бояд шуд, ки ғурур чашми хирадро кӯр мекунад!

ТЕМУРМАЛИК ДАР ДОСТОНИ ШИКЕБ

Китоби нависандаи муосири эронӣ оқои Неъматуллоҳи Қозӣ (Шикеб) «Темурмалик, амири Хуҷанд» дар Эрон ба таври тахассусӣ мавриди интиқод ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Асареро, ки дар он мавзӯоти таърихӣ матраҳ мешавад, дар Эрон «достони таърихӣ» мегӯянд. Аз назари бархе аз хонандагони эронӣ ин асари Шикеб достони хубест.

Нахустин нақди адабии ин асари нависанда тавассути профессори Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд хонум дуктур Матлуба Хоҷаева ироа гардид. (Р. к. ба: Мирзоюнус, Матлуба. Сиҳаҳсолори номвари таърих.) Аз назари ин муҳаққиқи Хуҷандӣ, доманаи ҷуғрофиёи асар, ширкаткунандагони воқеа (қаҳрамонони асар), маҳорати манзарасозӣ, истеъдоди воқеапардозӣ ва қиссапардозӣ, ҳамчунин тавоноии қиёфапардозӣ, ҷогузории аносири сужети муаллиф қобили таваҷҷӯҳ аст. Эродоте, ки профессор Матлуба Хоҷаева (Мирзоюнус)аз достони ин нависандаи эронӣ гирифтааст, асосан дар се маврид аст ва он ин гуна ҷамъбандӣ шуда:

1. «Темурмалик бояд чун давомдиҳандаи пайкорҳои

қаҳрамонони форсу тоҷик, чун вориси Рустаму Исфандиёр, Абӯмуслиму Муқаннаъ муаррифӣ мешуд, на чун турктаборе аз қабилаи қанқлӣ, зеро ҳанӯз дар асри ХШ Атомалики Ҷувайнӣ дар «Таърихи ҷаҳон-кушой» дар бораи амири шаҳри Хуҷанд ғуфта буд: «Ва амири он Темурмалик буд, ки агар Рустам дар замони ӯ будӣ, ҷуз ғошиядории ӯ накардӣ». Гузашта аз ин, худи нависанда қоил аст, ки ҳини ҳамлаи муғул як қисми амирони турктабор аз муқобилат бо Чингизхон даст кашиданд ва сабаби онро дар хешутабори о мугулҳо шарҳ доданд. Аммо Темурмалик ба дифои Ватан бо сарсупурдагиву ҷоннисорӣ бархост ва нахост, ки кишвар ба дасти ғайр бидиҳад.

2. Темурмалик чун як шахси мустақил ва раҳнамо мебоист бо шахсияти ҷаззоби хеш мардумро дар атрофаш ҷамъ намуда, бо диловариву тавоноӣ ва истеъдоди ҷанговарии хеш ҷавонмардони Ватанро ба қаҳрамонӣ аигеза медод. Ҳунару истеъдоди ӯ дар қалъасозиву киштисозӣ, камонгариву шамшерзани ҳамагонро дар шигифт гузошта буд ва чунин соҳибҳунареро набоистӣ, ки сояи хираи дигарон ғардад. Дар асари Немаътуллоҳи Қозӣ, Темурмалик, мутассифона, шахсияти зурманд ва раҳнамо нест.

3. Як сабаби тавфиқи асари бадеӣ маъмулан бедор кардани эҳсоси муҳаббати хонанда ба қаҳрамони марказӣ аст ва беҳтарин роҳ дар ин самт шиносоӣ бо андешаву афкор ва ҷаҳони ботинии ӯст. Аммо чунин имконе барои шинохтани Темурмалик дар асари мазкур имконпазир нест. Ба назар чунин менамояд, ки нависанда рисолати худро бештар дар воқеапардозӣ дидааст». (Мирзоюнус, М. С. 5-6).

Фикр мекунам, арзиши адабӣ китоби «Темурмалик, амири Хуҷанд» тавассути муҳаққиқ хонум дуктур Матлуба Хоҷаева ба хубӣ баррасӣ шудааст. Нигоранда қасд надорад дар ин мавриД қотеъона изҳори ақида намояд. Аммо аз диди таърихӣ дар бисёр маворид бо хонум дуктур Матлуба Хоҷаева ҳамраъй ҳастам. Он ҷо, ки хонум дуктур мегӯяд, симои таърихии Темурмалик дар достон бисёр заиф тасвир шуда ва тақрибан дар «сояи дигарон» қарор гирифтааст, комилан дуруст аст. Дар воқеъ, истеъдод ва тавоноии Темурмалик ба унвони саркори

сипоҳиёни ҷасур ва мудофеъини ватандӯст бисёр сатҳӣ тасвир шудааст ва аз ин ҷиҳат наметавон васфи қалами ин нависандаи эронӣ кард. Ҳунари ин достоннавис барои тасвири шахсиятҳои таърихӣ, бахусус барои қаҳрамонони таърих бисёр нотавон аст. Аммо хондан ва мутолиаи ин асар ҷиҳати ошноӣ бо сабки нависандагони муосири Эрон барои навҷавонони тоҷик низ холӣ аз фоида нест.

Ҳамин тавр, дастовардҳои пажӯҳишгарон, нависандагон ва шуарои эронӣ дар таҳқиқ ва муаррифии ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ва таъйин ва васфи ҷойгоҳи амири он Темурмалик дар таърихи Эрону Осиёи Марказӣ, бидуни иғроқ аз ҳар ҷиҳат шоиста барои таърифу таҳсин метавонанд бошанд. Кӯшишҳо ва заҳамоти донишмандони Эрон дар таҳқиқ ва баррасии мавзӯи мавриди назар, бисёр муҳим ва дар баъзе аз маворид, бамаротиб боарзиштар аз навиштаҳои макотиби дигари илмӣ ва адабӣ аст. Дурустии ин иддао на танҳо дар мисоли таърихчаи таҳқиқи истилои Хуҷанд, балки дар мавзӯоти дигари таърихи муштараки эрониёну тоҷикон ва туркон низ метавонад мисдоқ пайдо кунад.

БАХШИ ДУВВУМ
НАҚДИ КИТОБИ
«ҲАФТХОНИ ТЕМУРМАЛИК»

ПЕШГУФТОР

Шояд то кунун ҳеч кас ба ростӣ нагуфтааст, ки ростгӯӣ чист... Дурӯғ гуфтанат нест, ки маро таккон додааст, бал ин аст, ки дигар туро бовар надорам!

(Ф. Ничше)

Ҳар чиз ба ҷои хеш накӯст. Худованд офаридаст, то худ ҷойи хешро дар зиндагӣ пайдо кунем. Чарли Чаплин - ин ҳунарманди бузурги даврон низ гуфта буд: «Дар ин дунё ба андозаи кофӣ ҷо барои ҳама ҳаст. Ба ҷойи ин ки ҷойи дигареро бигиред, саъй кунед, ҷойи аслии худатонро пайдо кунед!» Дар ҳақиқат, суханони бисёр пурмағз ва бедоркунандаву ангезандаест барои ҳушёр кардани магзҳои хуфтагон! Кош битавонем фуруд оварем мардумони мағрурро дар манзили аслиашон ва эътибор бинмоем ҳар касеро ба қадри мартабату манзалаташон! Аммо ин ҳамеша ормони ахлоқӣ будааст! Агар кирдорамон ҳамоҳанги пиндори некамон бошад, пас осуда бояд бошем, ки муҳофизат аз арзишҳои инсонӣ кардаем.

Китоби «Ҳафтхони Темурмалик», ки аз таълифоти ҷадиди профессори Донишгоҳи Давлатии ба номи Б. Ғ. Ғафурови Хуҷанд Назирҷон Турсунов мебошад, соли 2003 бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва инглиеӣ тавассути интишороти «Хуросон» ба чоп расид. Ин асар, бидуни шакк, бо ҳадафи нек ҷиҳати пойдор намудани ҳуввияти миллии тоҷикон таълиф шудааст.

Албатта, нақд ва баррасии муфассали илмӣ дар робита бо ин асар дар ояндаи наздик навишта хоҳад шуд. Чун ин китоб ба мавзӯоте дахл карда, ки баррасӣ ва арзёбии он аз ҳама ҷиҳат муҳим ва арзишманд аст. Бахусус дар ин асар масоиле ба миён

гузошта шудаанд, ки ҳар фарди огоҳ, наметавонад аз наздаш ба осонӣ бо чашми баста бигзарад. Ин ҷониб, ба унвони як нафар хонанда ва муҳаққиқи таърихи асри муғул нисбат ба навиштаҳои профессор НазирҷонТурсунов бетафовут нестам.Бад-ин сабаб буд, ки мақолаи интиқодии худро дар робита бо ин китоб дар рӯзномаи «Сугд» ба чоп расонда будам. Мутаасифона, муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар посухи худ дубора ғарқаи эҳсосот шуда ва ҳар чӣ, ки дар зеҳнаш буда, бидуни тааммулу тааммуқ ба забон оварда ва афкори нопухтаи хешро бори дигар ҳақиқати маҳз хондааст.

Ҳеч гоҳ ҳамчунин қасде дар қалб надоштам, ки ироаи суханам боиси ранҷиши дигарон бошад. Шояд наҳваи гуфтори мо «маъмулӣ» ва барои «омм» набошад. Аммо мо саъй кардем то бо баҳс ҳақиқатро ошкор бисозем ё ҳадди ақал бар ҷодаи он қарор биғирем.

Ислоҳ кардани иштибоҳоти худ кори душвор ва шунидани ҳақиқат аз ҳар забоне умдатан талх менамояд. Ҳақиқат худ талх нест, балки онро талхаш мекунанд, ҳақиқат ширин аст, ҳатто агар дар боби талхиҳо гӯянд ва зебост, ҳатто агар дар боби зиштиҳо баён кунанд. Ҳақиқат талх аст барои касоне, ки онро намепазиранд.

Машҳад- Душанбе,
1384 х./2005м.

НАҚДИ КУЛЛӢ

Ба касоне, ки лаёқати анҷоми кореро надоранд ва ба он кор маҳкам часпидаанд, раҳм накунед!

Пул Валерий

Соли 2003 интишороти «Хуросон»-и Хуҷанд китоби ҷадиди профессори мардумшинос Назирҷон Турсуновро таҳти унвони «Ҳафтхони Темурмалик» бо тиражи ҳазор нусха аз чоп бароварда. Дар нахустин сафаҳоти ин китоб ишорае шудааст, ки ин асар бо пешниҳод ва кӯмаки раиси вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби оқои Қосимҷон Қосимов ба риштаи таълиф даромадааст. Ин китоб ба ду забони муҳими илмӣ (русӣ ва инглисӣ) низ бо баъзе тағйирот «баргардон» шудааст. Албатта, он гуна, ки муаллиф дар мақолаи дифоии худ, гилаомез таъкид намудааст, ки варианти тоҷикиааш **«барои доираи васеи дӯстдорони таъриху размҳои озодихоҳии гузаштагон бо услуби илмӣ-оммавӣ эҷод шуд. Матни русӣ алоҳида бо сабки хосаи илмӣ барои муаррихон, бостоншиносон, нажодшиносон таълиф шуда, ба англисӣ тарҷума гардидааст.»** (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 29, С.6).

Зоҳиран ҳарфи муаллиф дуруст ба назар мерасад ва варианти русии таълифи вай аз лиҳози сабк ва баёни матлаб дар муқоиса бо тоҷикиаш «илмитар» ба назар менамояд. Фикр мекунам, изҳори гиламандии профессор дар бобати «бетаваҷҷӯҳии» мо нисбат ба матни русӣ ва инглисии китоб зудтар аз вақташ изҳор шудааст. Барои муаллифе, ки нақдро ба забони тоҷикӣ ва форсӣ навиштааст, тадвини нақди русӣ ба матни русӣ чандон заҳмате надорад.

Гуфтанӣ аст, китоб, дар воқеъ, аз назари кайфияти чоп ҳарф надорад. Саҳҳофии он ва вироиши матн ба хубӣ анҷом шудааст. Китоби «Ҳафтхони Темурмалик» бо мақолаи раиси вилояти Суғд Қосимҷон Қосимов, ки «Генералиссимуси тоҷик» ном дорад, огоз мешавад. (С. 4-8). Ин мақола, аз муҳтавояш

пайдост, ки ҷиҳати муаррифии китоб навишта шуда, баъйид нест, тавассути худи муаллиф мураттаб шуда бошад.

Мӯҳтавои китоб шомили сарсухани муаллиф (С. 9-12) ва панҷ бахш: «Темурмалик дар таърихномаҳои ҷаҳон» (дар асл бахши манобеъшиносӣ, С. 12-19), «Темурмалик дар асарҳои илмӣ» (бахши таърихчаи мавзӯъ,С. 20-28), «Мавқеи Хуҷанд дар нақшаҳои ҳарбӣ-сиёсии Чингизхон»(баҳсест марбут ба ҷуғрофиёи ва истротежики Хуҷанд, С. 29-36), «Марзбони шарқӣ Мовароуннаҳр» («хони нахуст», С. 37-47), «Амири Хуҷанд»(«хони дуввум»,С.48-71), «Адмирали Сайҳун»(«хони севвум», С.72-79), «Аз Ҷанд то Хоразм» («хони чаҳорум»,С. 80-82), «ҳамла ба Шаҳрканд» («хони панҷум»,С. 83-87), «Амир ул-умаро»(«хони шашум». С.88-94), «Шамшери олуда ба хуни муғулҳо» («хони ҳафтум»,С.95- 99) ва «Саранҷоми бошараф»(С. 100-102) мебошад

Хулосаи китоб, моҳиятан такрор ва фишурдаи ҳафтхони Темурмалик аст. (С.103-108). Натиҷагирии муаллиф дар ҳафт банд баён шудааст. (С.108-109). Феҳристҳо (С.110-130), тақризи муҳаққиқон профессор Ҳақназар Назаров ва дуктур Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ (муҳаққиқони шинохта аз Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳти унвони «Ковиши азими илмӣ» ироа шудааст. (С. 132-133). Мундариҷа (С.135), манобеъ ва маоҳаз (форсӣ ва арабӣ, С. 361-362), манбеъ ба забони тоҷикӣ, русӣ ва... (С.363-365), феҳристи таҳқиқот (С. 366-371) мебошад.

Мутазаккир бояд шуд, ки таълифи «Ҳафтхони Темурмалик»-и профессор Назирҷон Турсунов, баъд аз очерки таърихии устод Садриддини Айнӣ, дар кишвари мо дуввумин китобест, ки дар шакли китоби нисбатан ҷомеъ тадвин гардид. Аз унвонаш пайдост, ки баррасии муҳимтарин масоили таърихи қарни 7 х. / 13 мелодии шаҳри Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик мақсади аслии муаллифи китобро ташкил медиҳад. Соҳиби асар тавонистааст, муҳим ва арзанда будани таҳқиқ ва баррасии таърихи аҳди муғули Хуҷандро дар илми таърихнигории муосири тоҷик бори дигар матраҳ намояд.

Бархе аз донишмандони тоҷик, қабл аз ҳама муқарризони

расмии китоби мазбур Узви вобастаи АИ ҶТ профессор Ҳ. Назаров. муҳаққиқон Ҷ. Ҳ. Ҷӯрабоев, Б. Р. Турсунов, мусалламан бештар ба аҳамияти ин таълифи Назирҷон Турсунов таваҷҷӯҳ кардаанд. Муҳаррири масъули матни тоҷикии асари мазбур муҳаққиқи шинохта Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ аз Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶТ бо ҳамроҳии профессор Ҳақназар Назаров тақризеро таҳти унвони « Ковиши азими илмӣ» дар ахири матни тоҷикии китоби «Ҳафтхони Темурмалик» замима кардаанд. (Р.к. Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик. С. 131-133.). Ироаи ин мақолаи кӯтоҳ, дар воқеъ нишонгари он аст, ки муҳаққиқони мазкур иқдоми раиси вилоят Қ. Р. Қосимов ва саъйи профессор Назирҷон Турсуновро дар таҳқиқ ва баррасии таърихи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул ва таъйини ҷойгоҳи Темурмаликро кори хайр ва боаҳамаият донистаанд. Аммо он чӣ, ки ба таври мустақим дар робита бо таъйини ҷойгоҳи илмии китоб дар мақолаи мазбур ғуфта шудааст, суханони зайл аст:

« Муҳаққиқи арҷманди мо бузургии мавзӯъ ва домоии густариши онро ба хубӣ пай бурда, иктифо бар он кардааст, ки аз қаҳрамонии муборизини як шаҳри тоҷикон-шаҳри Хуҷанд, ҳатто аз қаҳрамонии як нафар тоҷики ватанпараст, таҳқиқ ба амал биёварад. Ва кори мушкилеро ҳам бар ӯҳда гирифтааст, ки хушбахтона ба ҳалли он комил муваффақ гаштааст. ....Муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» дар асоси сарчашмаҳои мӯътамад бо мӯшикофиҳои илмӣ ба он муваффақ шудаанд, ки шахсият ва мавқеи таърихии Темурмаликро ҳамчун як фидоии миллӣ дар Хуҷанд, тамоми Мовароуннаҳр, Хуросони тоҷикон ва куллии Эронзамин бар хонанда пешниҳод кунаид. Ҳамчунони дигар исбот кардаанд, ки мардуми шуҷои Хуҷанд дар муқобили чунон лашкари бузурги хунхори даҳшатангез, тавонистанд бо камтарин теъдод муқобала кунанд ва ҳатто пирӯзиҳо ҳам ба даст биёранд, ки намунаи чунин қаҳрамониҳо дар таърихи миллати мо борҳо алайҳи ғосибони аҷиабӣ ба мушоҳада расидаст.». (Р.к.Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С.131, 133).

Ин ғуфтаҳои муққарризон, хоҳем дид, ба ҷуз ин ки фақат як «таоруфи илмӣ» бошад, чизи дигаре набудааст.

Аммо арзишмандтарин бахшҳои китоби мавриди назар, бахшҳоеҳоест, ки ғолибан марбут ба масоили мардумшиносианд. Дар ироаи ин гуна мавзӯот, ҳунари профессор Назирҷон Турсунов ба вузӯҳ ошкор аст. Дар миёни ҳамаи «хонҳо»-и китоби «Ҳафтхони Темурмалик» шояд муваффақтаринаш «хони дуввум» бошад. Чунончӣ, тавсифи анвои силоҳ ва абзори ҷангӣ, таърихчаи равнақи санъати завракронӣ дар соҳили руди Хуҷанд аст, ки дар ин сафаҳот оварда шудааст, барои касби иттиллоот муфид метавонад бошад. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 58-68). Кош ҳамаи бахшҳои китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ба ҳамин минвол навишта мешуданд. Мутаассифона, ин арзёбиро наметавон барои куллии китоб муносиб донист.

Бояд иқрор шавам, ки вазифаи ман васфи китоб нест, балки интиқод аз сатҳи илмии он аст. Шояд баъзеҳо пурсанд, ки чаро фақат ин китоб мавриди интиқод қарор гирифта, на китоби дигар. Дар посух мегӯям, ки маҳз ҳамин асар аст, ки тавассути муаллиф ва бархе аз нависандагон ноогоҳона атфи дастоварди илмии таърихнигории Темурмалик эълом шудааст. Барои рӯшан шудани масъалаи таърих лозим аст, илмӣ будан ва набудани андешаҳо собит шавад. Фақат он гоҳ маълум мешавад, ки дар илм чӣ ошкор буд ва чӣ ошкор шудааст. Ҳамчунин, бисёре аз устодон ва дӯстон медонанд, ки ин ҷониб солҳост, ки машгули таҳқиқ ва баррасии масоили таърихи аҳди мугул ҳастам ва агар дида ва дониста сукут бар муқобили иттиҳомот ва холибандиҳои иддае аз таърихнависон нисбат ба таърихи зодгоҳам ва афроди бузурги гузаштаи миллат ихтиёр намоям, айни хиёнат ба ҳаққу ҳақиқат ҳоҳад буд. Аммо агар аз ҳақиқати мазлум дифоъ намоям, пас арзиши инсонӣ ва илмии хешро дифоъ кардаам. Фақат бо ин ҳадаф иқдом бар навиштани нақди муфассале нисбат ба китоби «Ҳафтхони Темурмалик» -и профессор Назирҷон Турсунов кардам.

НАҚДИ ИСТОРИОГРАФИЯИ МАВЗӮЪ

Чунон ки муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон медонанд,оғози таҳқиқи таърих аз таърихчаи мавзӯъ аст. Профессор Назирҷон Турсунов низ аҳамияти матраҳ кардани масъаларо хуб дарк карда ва саъй намудааст дар бахши махсус, ки «Темурмалик дар асарҳои илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ» ном дорад, масъалаи историографияи мавзӯъро ҳаллу фасл намояд. Дар ин бахш, муаллиф асомии чандин тан аз муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони таърихи мавзӯъ, аз қабилӣ: де Оссон, Ғ. Вамберӣ, Ш. Шефер, В. В. Бартолд, А. А. Семенов, З. Ш. Раҷабов, Б. Ғ. Ғафуров, А. Ю. Якубовский, И. П. Петрушевский, С. Айнӣ. Т. Алмос ва чанде аз нависандагон ва шоирон (В. Г. Ян, Ҳақназар Ғоиб, Мирмӯҳсин ва...)-ро зикр кардааст. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 20-36; 174-180). Нақду баррасиҳои муаллиф дар ин бахш, агарчӣ бар усули таърихият ироа шудааст, вале фикру тавзеҳоташ на ҳамеша мушаххасу илмӣ аст. Чунончӣ, тибқи гуфтаи профессор Назирҷон Турсунов, мусташриқи фаронсавӣ Ш. Шефер **«ҷараёни мудофиаи қаҳрамононаи Хуҷанд ва Темурмаликро баён кард»**. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик,С. 20-21; 174). Ин дар ҳоле аст, ки Ш. Шефер «баён накардааст», балки ҳикояти Ҷувайниро иқтибос овардааст.

Нақд ва баррасии осор ва таълифоти муҳаққиқин ва пажӯҳишгарон (масъалаи историографияи мавзӯъ) дар сафаҳоти китоби профессор Назирҷон Турсунов шомили мушкилоти фаровонест. Амдан аз нақд ва баррасии тахасуссии ин мавзӯъ бояд чашмпӯшӣ кард, зеро ин бахш аз китоби «Ҳафтхони Темурмалик», воқеан, ба дарди илми таърих бихӯрад, нест. Муаллиф, агарчӣ саъй кардааст, вале натавонистааст саҳм ва заъфи ҳар яке аз муҳаққиқинро дар пажӯҳиши таърихи қарни ХШ Хуҷанд ва Темурмалик ба дурустӣ ва комилан илмӣ нишон бидиҳад.

Тааҷҷуб бештар мешавад аз ин ки муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» бо ин ҳама дағдағаҳо чӣ тур тавонистааст, осор

ва таълифоти муаррихин ва пажӯҳишгарон, аз қабили: аллома Муҳаммад Қазвинӣ, Аббос Иқбол, Аҳмади Касравӣ, Сарбоз, Иброҳим Қафас-ӯглу, А. Бойл ва бисёр дигаронро, ки дар робита бо Темурмалик корҳои шоистаеро анҷом додаанд, нодида бигирад ва мутмаин аст, ки:

«пажӯҳишгарону адибон корномаи Темурмаликрон бештар дар муҳити Хуҷанд ва саркардаи ононро дар миқёси Мовароуннахру Хуросон бар хилофи стратегия ва тактикаи Чингизхон ва ӯрдуи ӯ ошкор насохтаанд». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, с. 28).

Он чӣ ошкор аст, ин аст, ки бидуни арзёбӣ ва интиқоди таълифоти донишмандон ва нависандагони фавқ, дар мавриди Темурмалик ва ҳодисаи Хуҷанд, таълифи як асари комилан илмӣ ғайри мумкин аст.

Ҳақиқат агарчӣ талх аст, бояд гуфта шавад. Ин бахши «Ҳафтхони Темурмалик», дар воқеъ, ба «Ҳафт дастархон» -и профессори мардумшинос табдил шудааст. Муаллиф ҳар касеро, ки хостааст, ба гирди он даъват намуда ва ҳар касеро, ки нахостаааст, берун аз дастархон парт кардааст.

НАҚДИ БАХШИ МАНОБЕЪШИНОСӢ

Аз нақд ва баррасии бахше, ки марбут ба муаррифии манобеи таърихӣ аст. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С.12-19), бояд сарфи назар намуд, зеро ин бахш аз диди манобеъшиносӣ дар сатҳи бисёр пойин қарор дорад ва бояд афсӯс хӯрд, ки аз лиҳози мӯҳтаво шабоҳат ба кори курсии як донишҷӯи риштаи таърих дорад. Чунончӣ, профессори илми таърих, ҳатто натавониста миёни истилоҳи «муаррих» ва «хабарнигор» тафовут қоил шавад. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С.12).

Муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» иддао дорад, ки бар асоси маҷмӯаи азими манобеъ ва маохаз ва низ бо истифода аз иттилооти муҳимтарин таҳқиқоти донишмандон ва муҳаққиқин «ҳафт корномаи Темурмалик»-ро ба риштаи таълиф

дароварад. Ӯ навиштааст:

«Муаллифи ин сатрҳо дар асоси тадқиқи мустақилонаи сарчашмаҳои ҳаттӣ ба забонҳои форсӣ, арабӣ, туркӣ, русӣ (!) мутааллиқ ба асрҳои XIII-XIV, бо назардошти афкори муҳаққиқони гуногун (?!) барои рӯшан кардани силсилаи ҳафт корнамоиҳо, ҳафт қиссаҳои қаҳрамонии Темурмалик (!) ва лашкариёни ӯ дар Хуҷанд, Ҳисори олӣ (?), Сирдарё, Урганҷ, Шаҳрканд (Янгикент), Нисо дар солҳои 1219-1220 кӯшиш кард.» (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 28,).

Бояд мутазаккир шуд, ки зикри мураттаби ановини осор ва асомии муаррихон ва ҷо-ҷое иктибос овардани матолиб аз осори онон, ки тавассути муаллиф анҷом шудааст, ба ҳеч вақҳ маънии таҳлил ва баррасии манобеъшиносиро надорад. Равиши манобеъшиносӣ як равиши хос ва тахассусист. Ин нест, ки агар ҳар касе тавони хондани форсиро дошта бошад, ҳатман «манобеъшинос» ва муҳаққиқ аст. Агар ин тур аст, оё метавонем ҳамаи ҷамъияти Эронро, ки форсиро аз мо бамаротиб беҳтар мехонанд, муҳаққиқ биномем?!

Аз диди илми манобеъшиносии таърихӣ, арзёбии муаллифи мазбур дар робита бо осори муаррихон ва нависандагон, аз қабили: Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳ, Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, Шабонкорай, Васссоф, Банокатӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирзо Улугбек, Мирхонд, Хондамир, Абулғозӣ ва дигарон дар сатҳи бисёр пойин анҷом шуда, назари муҳаққиқ дар бисёр маворид мағшуш ва иштибоҳ аст. Иллати аслии заъфи назароти профессори мо дар арзёбии манобеъ дар ин аст, ки вай тафовути миёни манобеи дасти аввал ва дасти дуввумро ба хубӣ намедонад. Ба ин хотир аст, ки ба иттилооти манобеи дараҷаи дуввум ва севвум, ки мутассир ва вобаста аз манбаи аслӣ мебошад, такя зада, иттилооти онҳоро ба унвони манобеи «бикр ва мустақил» муаррифӣ кардааст.(Барои мисол р. к. сафаҳоти: 76; 81;93;173; 227-228; 237-238; 249 ва...).

Профессор Назирҷон Турсунов дар бахши манобеъшиносии китобаш менависад:

«Қобили қайд аст, ки бори аввал ному кори Темурмалик баъди бист соли фаъолияти ӯ, соли 1240 дар солномаи таърихии

мугулон таҳти унвони «Монголын нууц тобчоо»- «Гуфтори ниҳонии мугулон»(ё худ «Таърихи сиррии мугулон», дар радифи баҳодурони чингизӣ, дар силсилаи Чингизхон (?), писарони ӯ Ҷучӣ (Тушӣ), Чагатой, Ӯктой, Тулуй, сарлашкарони номи Хубилой, Ҷебе, Субедей дар паҳлӯи Ҷалолуддини Манкубурнӣ зикр шудааст. Мугулон аз ҷасорати ҷангӣ ва тактикаи ҳарбии Темурмалику Ҷалолуддин ба вачд омада, корнамоихои онҳоро дар китоби таърихи худ сабт намудаанд. ...Нуйинҳо-князҳои мугул Темурмаликро «Ирвес»- «Паланг» номидаанд.».(Турсунов Н. Ҳафтхон, С. 14-15).

Муаллиф, зимни дифоъ аз назароташ, интиқоди мунаққидро ночизу беаҳамият дониста, аз ҷумла мегӯяд: **«Л.Бойматов. яқин аст, аз маънии аслӣ, решаи этимологӣ ва мазмуни он хабар надорад, мо «Ирвес»-ро на ҳамчун номи хоси муғулӣ, балки ба сифати лақабе, ки чингизиён ба Темурмалик муносиб донистанд, истифода бурдаем.».**(Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд, № 30, С. 6).

Профессори илми таърих Назирҷон Турсунов матолиберо, ки аз навиштаҳояш иқтибос овардем, ошкоро барои исботи назараш «далели илмӣ» мешморад. Ин дар ҳоле аст, ки муаллиф ба ҳеч вачҳ қазияро натавониста собит намояд. Мулоҳиза шавад, ба равиш ва тарзи тафаккури муаллиф дар бораи ин ки «Ирвес» ҳамон Темурмалик аст. Профессор навиштааст:

«Аввалин иштибоҳе, ки Л. Бойматов ба мавзӯи «ирвес-паланг» шабоҳат додани амалиёти ҷангии Темурмалик аст.». Аз ин ҷумлаи профессор чӣ метавон гирифт? Ман ки чизе нафаҳмидам! Маҳкум мекунад ё дифоъ? Вале каме пойинтар изофа менамояд:

«Муаллифи китоби «Хафтхони Темурмалик» баръакси арзёбии сарсарии оппонент ҳангоми ба сифати «Ирвес» баррасӣ намудани қаҳрамони ҳуҷандӣ дар навбати аввал санадҳои солномаи таърихии зикршудаи муғулонро дар назар доштааст. Дар параграфи 78-и ин сарчашма омадааст, ки дар вақти ҳамла ба рақиб Темучжин (Чингизхон) ва бародари ӯ Хасар мисли «Ирвес» - паланг дар кори ба чанголи хеш гирифтани сайд ҳеҷ гоҳ таъхир намекунад. («Барс не замедлит схватить, т. е. Словно тигр, немекающий к своей схватке.».) (Турсунов Н. Аз шамъи

ҳасуд, № 30, С. 6).

Хуб, ин ҳама чӣ рабте ба Темурмалик дорад? Ва боз меафзояд:

«Мирзо Улуғбек, Садриддин Айнӣ Темурмаликро ба «наҳанг» (тимсоҳ) монанд кардаанд. Мирмуҳсин ба «Ирвес» (паланг) қиёс намудаанд. Муаллифи ин сатрҳо аз фарҳангҳои тафсири оиди «ирвес» ҷавоби саҳеҳ (!) ёфтам ва ба дурустии ташбеҳи Мирмуҳсин эътимод кардам (!)... Хуллас, ба *назари мо нӯёнҳои мугул* (князҳои чингизиён – Н. Т.) Темурмаликро баробари мақоми худ эътироф намуда ӯро «ирвес» лақаб додаанд.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 30, С. 6).

Магзи ҳарф ва «далоили илмӣ»-и профессор ҳамин сухан аст ва боқӣ баъд аз ин музахрафоти навбатӣ ҷиҳати дар сардаргумӣ қарор додани хонандагон!

Воқеан, бо ироаи ин гуна «далоили илмӣ» ва пайдо кардани «ҷавоби саҳеҳ» бояд шарм кард!

Магар пӯшида аст, ҷавоби дурусту бодалел чун санге аст, ки дандон мешиканад. Беҳтар мебуд, профессори илми таърих ба муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони навпо тавсия бикунад, ки аз ин ба баъд барои расидан ба ҳақиқати таърих фақат думболи мутолиаи осори адибони муосири хеш бишаванд ва бар асоси навиштаҳо ва тасаввурроту тахаюллоти онон аз фарҳангҳо «ҷавоби саҳеҳашро», яъне хаёлпардозиҳои адабии ононро бо забони «илмӣ» баён кунанд ва ин «дастоварди ҳақиқии илм» хоҳад шуд! Магар ҳамоқати донишманди таърих аз ин беш метавонад бошад?

Хонандаи закӣ ва ҳушёр аз матолиби иқтибос шуда мутаваҷҷеҳ мешавад, ки профессор бо чӣ заранги фарор аз посухи илмӣ мекунад. Аммо чун мунаққид бар-ӯ воқеиятҳоро рӯ мекунад, дар посух барои худшириниҳ хеш, ягона роҳи дифоъро дар фош додан ба мунаққид ва бидуни далел дар маҳкум кардани назароти ӯ мебинад.

Мо нагуфтаем, ки вожаи «Ирвес» дар кутуби муғули-чинӣ нест, балки гуфтем ва боз ҳам мегӯем, ки «илм ҳанӯз собит накардааст, ки «Ирвес - паланг» ҳамон Темурмалик аст.». Агар муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ба як суоли кӯчак

ва оддӣ посухи илмӣ надошта бошад, пас ин ҳама муҳим ҷилва додани ҷойгоҳи «таҳқиқи бунёдин» аз баҳри чист?

Дар робита бо масъалаи манобеъшиносии воқеаи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик мутазаккир бояд шуд, ки баёнот ва тавзеҳоти ҳеч кадоме аз муаррихини қуруни гузашта (ғайр аз Ҷувайнӣ ва Насавӣ) дар бораи Темурмалик ва ҳодисаи Хуҷанд навооварӣ надорад. Ҷойгоҳи осори муаррихин ва нависандагони дигари қуруни вусто фақат ва фақат аз диди илми таърихи «Таърихнигорӣ» («Историография») ва баррасии адабӣ ва сабкӣ муҳим асту бас! Тағйироти ҷузъие, ки дар мутуни ин ҳама муаллифин дар муқоиса бо матни «Таърихи ҷаҳонгушо» ба чашм мехӯрад, ҳамон гуна ки гуфта шуд, тағйироти сабкӣ ва услубӣ аст, ки тавассути муаллифони баъдӣ сурат гирифта (бояд ҳамеша дар назар дошт ин амр яке аз муҳимтарин вежагии таърихнигорони қуруни вусто мебошад), вале мутваҷҷеҳ бояд шуд, ки моҳият ва мӯҳтавои иттилооти манобеи дасти аввал ғолибан тағйир наёфтааст. Чун масъалаи вобастагии иттилооти манобеи марбут ба таърихи Темурмалик ба таври муфассал дар чандин аз навиштаҳои ин ҷониб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баҳси онро кӯтоҳ мекунам. (Барои касби иттилооти бештар р. к. Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 5-25. Ҳамон муаллиф. Темурмалик дар ҳофизаи таърихии Хуҷанд. - Кайҳони Фарҳангӣ, 1383, шаҳривармоҳ, № 215, С.62-64).

Мутазаккир бояд шуд, ки агар ҳиммат ва иқдоми дурандешонаи Атомалик Ҷувайнӣ намебуд, мо аз донистани номи Темурмалик ва диловариҳои вай комилан маҳрум мемондем. Хидмати муаррих Ҷувайнӣ дар сабт кардани номи Темурмалик дар авроқи таърих, воқеан, азим ва мондагор аст. Асилтарин ва арзишмандтарин манбаъ барои таҳқиқи ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик маҳз китоби «Таърихи ҷаҳонгушо» мебошад. Бидуни шакк, навиштаҳо ва ҳунари адабии Ҷувайнӣ модари ҳамаи мутуни баъдии муаррихон ва нависандагон дар бораи Темурмалик аст. Вай дар раъси тамомии воқеаногорони Темурмалик қарор дорад ва ҳеч муаррихе аз ӯ бартар нест. (Рочеъ ба аҳамият ва ҷойгоҳи китоби Ҷувайнӣ дар таҳқиқи Темурмалик р. к. ба: Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С.

8-12; Ҳамон муаллиф. Темурмалик дар ҳофизаи таърихии Хуҷанд, С.62-63). Ҳамаи мутуни муаррихин ва нависандагони баъдӣ аз ҳар ҷиҳат ва зовия вобаста ба матни «Таърихи ҷаҳонгушо» мебошанд ва ҳеч кадоме аз муаррихин ва нависандагони қуруни вусто, бидуни иттилоти Ҷувайнӣ наметавонистанд, ҳатто як калима дар бораи ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик бинависанд.

Он гоҳ, ки муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» аз «бартарӣ» ва «иловаҳои шоистаи» иттилооти Ҳоҷа Рашиддудин нисбат ба навиштаҳои Атомалик Ҷувайнӣ ба унвони кашфи илмӣ ва натиҷаи диққати назару жарфнигарри хеш сухан мегӯяд, бидуни шакк, он чизе аст, ки муҳаққиқи заиф аз таҳии мағзии хеш санои хеш мехонад, ноогоҳона аз «рашодатҳо ва кашфиётҳои моҳирона» ва «андешаҳои зарфи худ» доди сухан мегӯяд. Ин дар ҳоле аст, ки мавзӯоти мазбур (масъалаи вобастагии иттилооти Хоҷа Рашидуддин аз «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ ва масоили дигари марбута) дар илми таърихнигорӣ баҳси ҷадиде нест. Ин дидгоҳ, дар воқеъ, тавассути маъруфтарин муҳаққиқин ва ховаршиносони қарни 19 ва 20 собит шудааст ва ниёз барои кашфи «дурӯғи ростнамо» набуд! Чунончӣ, В. В. Бартольд ба ин воқеият таъкид намуда, аз ҷумла дар бораи ҷойгоҳи илмии бахши марбут ба таърихи истилои муғул аз «Ҷомеъ ут-таворих»-и Рашидуддин навиштааст:

«История завоевания мусульманских стран излагается **исключительно по Джувейни**». (В. В. Бартольд. Туркестан, С. 93). Ё профессор И. П. Петрушевский (муҳаррири илмии китоби таърихии Рашидуддин Фазлуллоҳ навиштааст:

«История завоевания монголами Средней Азии и Ирана **изложена преимущественно на основании Джувейни,** Ибн ал-Асира и других источников.» (Петрушевский И. П. Рашид-ад-дин и его исторический труд. Рашид-ад-дин. Сборник летописей....Т. 1. Кн. 1. М.-Л., 1952, С. 31). Фикр мекунам, маънии калимоти русии **«исключительно» ва «преимущественно»** барои профессори «манобеъшинос» ба таври кофӣ рӯшан аст!

Дар идомаи ин арзёбӣ мутазаккир бояд шуд, ки назари куллии шарқшиносон ва муҳаққиқини таърихи аҳди муғул нисбат ба арзиши илмии ин бахши «Ҷомеъ ут-таворих» ҳамин аст, ки оварда шуд ва ҳеч яке аз муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони осори Рашидуддин низ чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ ҳеч гоҳ саъй накардаанд, то бартарии иттилооти ӯро ***дар робита бо таърихи истилои муғул дар Мовароуннаҳр*** нишон бидиҳанд. Ин корро фақат ва фақат фарди ноогоҳ аз мавзӯи таҳқиқ чиҳати намоиши нодонии хеш ва масхараи таърихи таърихнигорӣ метавонад анҷом бидиҳад.

Муҳаққиқе, ки дар таҳқиқаш наметавонад ҷойгоҳи сарчашмаи аслии иттилоот ва вобастагии манобеи дигарро муайян намояд, мутмаинан, дар таҳқиқоташ дар сардаргумӣ қарор мегирад ва соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» маълум аст, дақиқан дар ҳамин вазъ қарор дорад.

Профессор Назирҷон Турсунов на фақат таваҷҷӯҳи лозимро дар таҳқиқ ва баррасии манобеи аслӣ ва таҳқиқот надошта, балки дар таъйини ҷойгоҳи муҳимтарин таълифот комилан оҷиз мондааст. Адами иттилооти муаллиф дар манобеъшиносии мавзӯъ то ҳадде ошкор аст, ки вежагиҳои манобеи дасти аввал ва фаръиро натавониста аз ҳам ҷудо намояд. Соҳиби китоб ҳатто намедонад, ки кадоме аз гурӯҳи манобеъ дасти аввал асту, кадоме фаръӣ, кадоме аз тақиқот аслӣ асту, кадоме фаръӣ. Ё гоҳе ба иллати ноогоҳӣ фикри ба ҳам тазоди хешро ироа мекунад, вай мутаваҷҷеҳ нест, ки дар ҷое як ҳарфе ва дар ҷои дигар ҳарфи дигаре мезанад. Чунончӣ, дар сафҳаи 17 китоби хеш навишта:

«Бобати Темурмалик бошад, Рашидаддин ба Ҷувайнӣ такя кардааст ва *ҷо-ҷо иловаҳои мӯътабар намудааст(!)*».

Аммо дар сафҳаи 171(матни русӣ) баръакси ин дидаш ҳарф мезанад:

«Повествование и даже название главы в книге Рашид-ад-Дина о Темурмалике пóчти дословно совпадают с трудом Джувайни. *Мы произвели сверку соответствующих глав обоих сочинений и выявили* полную идентичность их содержания и пришли к заключению, что Рашид ад-Дин сведения о деяниях

Темурмалика и худжанцев заимствовал у Джувайни». (Турсунов. Н.Семь подвигов Темурмалика, С. 171).

Чӣ тур мумкин аст, муаллифе, ки сар то сари ҳикоёти хеш муассир ва вобаста аз баёноти нависандаи қаблӣ аст, метавонад боз «чо-чо иловаҳои мӯътабар»(!) намояд? Мантиқ куҷост? Муаллиф фикри ғалаташро шадидан дифоъ мекунад ва бо таъкид (омехта бо дашном) алайҳи мунаққидаш менависад:

«Л. Бойматов дониставу надониста ин ҷонибро дар бобати иловаҳои Рашидаддин ба навиштаи Ҷувайнӣ «диди мутлақо галат» номидааст. Дар қатори « шарқшиносону пажӯҳишгарон»-и ноаниқ(!) ӯ зоҳирпарастӣ карда, аллома Рашидаддинро «дузди Ҷувайнӣ» гуфтааст. Чӣ густохиву беинсофии сиёҳкунанда аз ҷониби як шогирдпешаи айбҷӯ.»

Ва каме пойинтар илова мекунад:

«Дар онҳо (яъне дар мутуни Ҷувайнӣ ва Рашиддадин.- Л. Б.) аз ҳар кучо иловаҳои мӯътабари Рашиддадин бар матни Ҷувайнӣ барало ба чашм мерасад. Чунончӣ: а) «ишон ба дигар умаро, ки аз атроф ба ишон муттафиқ шуда буданд, он ҷо рафтанд, яъне аз рӯи далелҳои тозаи Рашидаддин ва илова ба ахбори Ҷувайнӣ лашкари муғул таҳти фармондеҳии Олоқ Нуён, Шиктур ва Тағой бо амирони қӯшуни атроф ба онҳо пайвастшуда ба ҳамла ба самтҳои Фанокат ва Хуҷанд рафтанд. Аз ин иловаи асосноки Рашидаддин (!) муқобилияти шадиди Темурмалик бар зидди лашкари якҷояи муғул таҳти фармондеҳии иттифоқи сипаҳсолорони чингизӣ равшан мешавад; б) далели нави Рашидаддин: «...пиёда аз кӯҳ ки ба се фарсангӣ буд, санг нақл мекарданд». Мувофиқи ин замимаи Рашидаддин 50 ҳазор мардони ҳашари пиёда аз кӯҳ (Мевағул-Н.Т.), аз кони санги –Н. Т.) (18 км. – Н. Т.) санг мекашонданд; в) Рашидаддин дар бораи самараи ҳамлаҳои шабонаи Темурмалик ба сари муғулон нисбат ба Ҷувайнӣ дақиқтар далел овардаанд: «ва он лашкар (қӯшуни мутаффиқи чингизиён таҳти фармондеҳии зумраи амирони муғул.-Н. Т.) аз дасти ӯ оҷиз (нотавону бечора – Н. Т.) монданд. Баъд аз он муғулон тир ва манҷаник фаровон карданд ва ҷангҳои сахт мекарданд... 4) Ҷувайнӣ: «... ва (Темурмалик – Н. Т.) аз аҳвол бохабар...»

Рашидаддин: «...ва (Темурмалик – Н. Т.) аз аҳволи хона ва фарзандон мастахбар». Яъне, Темурмалик дар шаҳри Ӯши ҳадди Фарғона зиста, аз аҳволи хона ва фарзандонаш пурсону ҷӯён ва огоҳ гашт. Ҳамин тавр, Л. Бойматов аз ӯҳдаи беғалат хондани матн набаромадааст, ба мазмуну моҳияти навиштаҳои Ҷувайнӣ ва Рашидаддин сарфаҳм нарафтааст. Дар натича ба саҳеҳӣ ва холисии баёни Ҷувайнӣ нобоварӣ кардааст, иловаҳои шоистаи Рашидаддинро дарк накардааст ва беасос диди муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик»-ро «мутлақо галат» ғуфтааст..(Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., №31, С. 6).

Дар ибтидо, профессор бояд бидонад, ки яке аз муҳимтарин авомили пешрафти илм шакк аст. Шакк кардани муҳаққиқ ба иттилооти манобеъ магар ҷурм аст? Гузарем аз ин, зикри асомии муғулӣ (Олоқ Нуён, Шиктур ва Тагой), ки профессор аз «Ҷомеъ ут-таворих» ба унвони ашхоси ҷадид овардааст, иттифоқан иштибоҳи Хоҷа Рашидуддин ё котибини китоб аст, ки аз «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ бардоштаанд. Дар асл он се, ҳамон се фармондеҳони муғулӣ мебошанд, ки Ҷувайнӣ ёд кардааст. Диққати назар лозим аст, тамомии чаҳор мавориде, ки муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик ба унвони муҳимтарин вежагӣ ва бартарии матни «Ҷомеъ ут-таворих» бар асари Ҷувайнӣ муаррифӣ мекунад, дар «Таърихи ҷаҳонгушо» ҳаст. Профессор Назирҷон Турсунов мисли ҳамеша аслро раҳо мекунаду думболи фаръ мегардад. Решаҳои ин вежагиҳоро набояд дар «Ҷомеъ ут-таворих», балки дар «Таърихи ҷаҳонгушо» бояд ҷуст! Профессори мардумшиносро қабл аз ин ки озмудагонро дар таҳлил арзёбӣ кунад, мебояст ба таври ҷиддӣ машғул ба мутолиаи матни «Таърихи ҷаҳонгушо» ва татбиқи он бо кутуби дигари таърихӣ мешуд.

СИРРИ НОДУРУСТИҲО ДУРУСТИСТ

Аз хислатҳои носутудаи пешиниён яке донишсозиест, ки аз сари ҳавопарастӣ ва хештанситоӣ аз падидаҳои бе пироя донише ниёзманди тафсир месохтанд ва гирифториҳои печида меофариданд.

Асғари Муаззизӣ

Нақди «хони якӯм»:

«Хони якӯм»-и китоби мавриди назар «Марзбони шарқи Мовароуннаҳр» ном дорад.(Турсунов Н., С. 37-47). Ин бахш аз таҳқиқи профессор Назирҷон Турсуновро метавон «моя ва поя»-и куллии китобаш хонд, чаро ки мутуни муҳимтарин манобеи дасти аввали таърихӣ маҳз дар ин «хон» баргардон ва тасҳеҳ шудааст.

Маълум аст, ки ҳамаи таҳқиқоти илмии марбут ба таърих бар асоси иттилооти манобеъ ва маохаз сурат мегирад. Аз ин назар на танҳо ин бахш, балки бахшҳои дигари китоби «Ҳафтхони Темурмалик» бояд ба ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад, чаро ки муаллиф мукарраран таъкид ба бикр ва беназир будани таълифи худ мекунад.

Мутазаккир бояд шуд, муҳимтарин мавзӯе, ки дар ин «хон» мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст масъалаи таҳқиқ ва таъйини муддати замони муқовимати хуҷандиён алайҳи муғулон бо сарварии Темурмалик аст. Шояд аз ин назар, бошад, муаллифи китоби мазкур, таҳия ва баррасии мутуни таърихии муаррихони аҳди муғул, яъне Атомалик Ҷувайнӣ ва Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳро, ба унвони манобеи дасти аввал дар робита бо ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд ва Темурмалик ба унвони «Хони якум»-и китобаш ироа намудааст.

Дар воқеъ, пӯшида нест, таҳия ва тасҳеҳи мутуни таърихӣ аз муаллифини асрҳои гузашта барои хонандагони тоҷик, бахусус дар шароити имрӯз аз арзиши фаровоне бархӯрдор аст. Профессор Назирҷон Турсунов бо ин ҳадаф, матни ҳар ду

муаррихро дар ду сутун (дар муқобалаи якдигар) қарор дода ва сипас шурӯъ ба тавзеҳ ва баррасии иттилооти муаррихин намудааст. Соҳиби китоб зимни ироаи матолиби таърихӣ, саъй кардааст, матнро бо тавзеҳоте, ки аз назари худ муфид мебошад, таъмин намояд.

Бо ин ҳама хушбинӣ ва саъю кӯшиш, мутассифона, ин бахш аз китоб, ҳатто бо назари иҷмолӣ метавон мушоҳида кард, ки «моя» ва «поя»-ашро аз даст дода ва муаллиф натавонистааст, матни таърихиро ба дурустӣ тасҳеҳ намояд. Агар ин тасҳеҳи ҷадиди порофессор фақат як мақолаи кӯчак ва барои нашриёти даврай мебуд, нақд ва баррасии илмии он чандон муҳим ба назар намерасид. Аммо қазия ин аст, ки ин таҳқиқ аз забони худи муаллиф ба унвони яке аз кутуби сангин ва пурбори илми муосири тоҷик муаррифӣ шудааст. Чунончӣ:

«Омӯзиши амиқу дақиқи далелҳову сарманбаъҳои хатти мӯътабари давраи асрҳои миёна ва таҳлили тафсири афкори муҳаққиқони нуктасанҷ (!) **ба муаллифи тадқиқоти мазкур барои муайян кардани мақому манзалаи Темурмалик дар таърихи муборизаҳои халқи тоҷик барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ дар масири шаҳри Хуҷанд....** ***имконият фароҳам овард.»*** (Турсунов Н., С. 103).

Шитоб нек наёяд ва низ дуруст гуфтаанд, ки ҳар кӣ осон гирад, душвор уфтад. Дар ҳамин бахши кӯчаки китоби «Ҳафтхони Темурмалик» каламот ва ибороти зиёде ба чашм мехӯрад, ки чӣ аз назари наҳв ва чӣ аз диди таърихӣ хато навишта шудаанд. Чунончӣ, иштибоҳоте, ки фақат марбут ба кори баргардон ва тасҳеҳи матни «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Атомалик Ҷувайнӣ дар шаш сафҳа (Турсунов Н.,С.38 - 43), ки дар муқобила бо матни китоби «Ҷомеъ ут-таворих»-и Хоҷа Рашидуддин анҷом шудааст, саҳлангории фаровоне ба мушоҳида мерасанд. Зикри истилоҳот ва каламоти иштибоҳ овардашуда дар китоб ва ташреҳи навоқис он беҳтар аст, ба зайли сутунҳо оварда шавад, то дарки он барои хонандагон ва мутахассисин осонтар ояд:

Шакли иштибоҳ (дар китоб ва мақола)	**Шакли дурусташ**
Истилоҳот ва иборот:	
«аума» (С. 33)	«аима»
«бо сари хам» (С. 38)	«биусариҳим»
«муҳтариқа ва синон» (С.38)	«мӯҳтарифа ва санноъ»
«асҳоби ҷаворак» (С.38)	«асҳоби ҷавореҳ»
«истеҳком карда» (С. 39)	«истеҳком карда буд»
«ба ҳашар он ҷо»(С.39)	«ба ҳашари он ҷо»
«пиёда санг накл...»(С. 39)	«пиёда аз кӯҳ ба се фарсангӣ санг...»
«ба ҳар ҷонибе равон..»(С.40)	«ба ҳар ҷонибе шаш равон...»
«дар мерехтанд»(С.40)	«дар об мерехтанд»
«фарои об медод..»(С. 40)	«фаро об медод»
«буна»(С.40, 41)	«бунаҳ»
«муаъд»(С.40)	«муадд»
«қурси хур муайяни замин шуд»(с.40)	«қурси Хур хӯри меъдаи замин шуд»
«қут кардандӣ» (.40)	«қувват кардандӣ»
«киштиҳоро ҳоил »(С.40)	«киштиҳоро ҳоил бошад.»
«аз ҳар тараф» (С.41)	«аз ҳар ду тараф»
«ба ӯ дар ҷанг..» (С.41)	«бо ӯ дар ҷанг»
«...ҷойгоҳ бардошт» (С.41)	«ҷойгоҳ бидошт»
«ва киштиҳо пул бастанд» (С. 41)	«ва ба киштиҳо пул бастанд»
«бар канори Борчиликкент.»(С.41)	«ба канори Борҷалиғкант»
«чун оташ дар биёбон.»(С.41)	«чун оташ бар бодпоён»
«ва чандон, ки масофат...»(С. 41)	«чандон, ки бунаҳ масофат...»
«чун чандин рӯз..»(С.41)	«чун чанд рӯз»
«муковаҳат»(С. 41)	«муковиҳат»

мардони ӯ куштаву...»(С.41)	«мардони ӯ бештар куштаву...»
«бо се тире, ки шикаста»)С.41)	«бо се тир: яке шикаста...»
«ва якчанд, ки султон»(С.42)	«ва якчанде, ки султон»
«зайи мутасаввифа»(С.42)	«зиййи мутасаввифа»
«илтиёме пазируфт»(С.42)	«илтиёмӣ пазируфт»
«Мустахбар», «мастхабар» (С.42)	
«мастахбар» (дар мақола)	«мустахбир»
«ба хизмати Қудқоон расид, фармуд»(С.43)	«ба хидматиҚадқон расида, фармуда»
«муковаҳату муқоталати ӯ»(С.43)	«муковиҳату муқотилати ӯ»
«истикшофе» (с. 43)	«истикшофӣ»
«бозшинохт»(С.43)	«бозшинохта»
«зиёдат сухане мепурсид»(С.43)	«зиёдат сухане мепурсида»
«тире кушодаст» (С.43)	«тире гушод додаст»
«Бипечиду з-он пас яке оҳ кард»(С.43)	«Бипечиду з-он пас оҳ кард, Зи неку бад андеша-кӯтоҳ кард»

Ин ҳама мисолҳо, ки оварда шуд, фақат марбут ба матни «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Атомалик Ҷувайнӣ аст. Бо итминон ҳамин ғуна ишколро нисбат ба баргардони матни «Ҷомеъ ут-таворих»-и Хоҷа Рашидуддин низ метавон гирифт. Аз ин назар, баррасии дурустии баргардон ва тасҳеҳи ҳикояти муаллифи «Ҷомеъ ут-таворих», дар муқобилаи матни Ҷувайнӣ, ҷиҳати муҳаққиқин ва огоҳии хонандагон муфид ба назар мерасад. Чунончӣ, дар баргардон ва тасҳеҳи матни «Ҷомеъ ут-таворих» каламот ва ибороти зайл ё иштибоҳ ва ё бо бардошти ғалат анҷом шудаанд:

шакли иштибоҳ	шакли дурусташ
«арбоб раоё» (С.38)	«арбобу раоё»
«шох» (С.39)	«шоха»
«лашкарӣ бирасид» (С.39)	«лашкар бирасад»
«ҷиҳати он ки»(С.39)	«ҷиҳат он ки»
«ҷавонони Хуҷанд»(С.39)	«ҷавонони Хуҷандро»
«мард (ҳашарӣ) (С.39)	«марди ҳашарӣ»
«заврақ» (С. 40,)	«куруд»
«сангҳое, ки» (С.40)	«сангҳо, ки»
«фарои об» (С.40)	«фаро об»
«...сахт мекарданд»(С.40)	«...сахт мекард»
«гариз» (С.40)	«гурез»
«маъд» (С.40)	«муадд»
«буна»(С.40,41)	«бунаҳ»
«ашқол»(С.40)	«асқол»
«ба ҷамоати мардон»(С.40)	«бо он ҷамоати мардон»
«бар он равон шуд» (С.40)	«бар об равон равон гашт»
«бар канораҳои об» (С.40)	«бар канори об..»
«завравқҳо он ҷо рондӣ» (С.40)	«заврақҳо ва қурудро он ҷо рондӣ»
«чун қазо ҳадаф» (С.40)	«чун қазо аз ҳадаф»
«дар об кашида»(С.40)	«бар рӯи об кашида»
«монеаи киштиҳо»(с.40)	«монеи киштиҳо»
«лашкар дар ду тарафи об» (С.41)	«лашкарҳо аз ду тарафи об»
«тири садди лашкар» (С.41)	«тарассуди лашкар»
«ва канори...» (С.41)	«ва ба канори..»
«асқол дар пеш карда»(С.41)	«асқол дар пеш кардӣ»
«ба ин намата» (С.41)	«бар ин намат»
«муковаҳат кард»(С.41)	«муковиҳат кард»
«аксар мардумони ӯ» (С.41)	«аксари мардони ӯ»
«буна аз ӯ бозгирифтанд»	«бунаҳ аз-ӯ бозгирифтанд»
«се чӯби тире, ки шикаста бепайкон»	се чӯба тир; яке шикаставу бепайкон»

«ҳадди Фарғона» (С.42)	«аз ҳудуди Фарғона»
«мастхабар» (С.41)	«мустахбир»
«як боре Хуҷанд рафта» (С.42)	«як боре ба Хуҷанд рафт»
«бозомада»(с.42)	«бозмонда»
«бо муғул» (С.43)	«ба муғул»
«намти» (С.43)	«намат»
«ва бар худ» (С.43)	«ва бархӯрд»

Илова бар ин дар сафаҳоти китоби мавриди назар истилоҳот ва каламоти бисёреро метавон мушоҳида намуд, ки ё иштибоҳ ва ё дар шаклҳои мухталиф навишта шудаанд. Чунончӣ, истилоҳоти зайл:

шакли иштибоҳ	**шакли дурусташ**
Баргӯзида (С.361)	Баргузида
Бодшоҳ(С.361)	Подшоҳ
Шабонкораҳӣ (С.17,28,63..)	Шабонкорай
Кабрӣ (С.35,)	Кубро
Элатку (С.38, 44)	Илтегу-малик
Алаш (С.41,78)	Улуш
Қудқоон (С.43,	Қадақон (Қадқон)
Олоқ Нуён (18-19,30, 34, 38, 44, 71)	Алақ (Алоқ)
Шакту, Шактур, Шиктур (С.30, 38, 71, (дар мақолааш низ)	Сагату (Сакту)
Тағай,Тақай,Тағой (С.30, 34 ..дар мақола)	Тақой
Хӯҷандӣ (С.361)	Хунҷӣ
Узлуғшоҳ,Узлағшоҳ(С. 15, 92,93)	Узлоқ
Арас, Урс (С.42, дар мақола)	Ӯш
Борчилиқ (С. 29,30,41,72,76....)	Борчалиғ

Мухаққиқи мо бо ин ҳама «васфи истеъдодаш» дар таъйини дурустии асомии ашхос ва ҷойҳои ҷуғрофиёии матни интиқодии худ, боз ҳам тасмими қатъӣ нагирифтааст, ки кадоме аз шакли навишти истилоҳот илмитар аст. Нобоварии муаллиф нисбат

ба дониши худ дар ин бахши таҳқиқаш то ҳадде расида, ки вай исми як шахси таърихиро сар то сари асараш бо анвои мухталиф арза менамояд. Хонандае, ки иттилооти кофӣ дар бораи мавзӯъ надошта бошад, шакк нест, ҳар яки онҳоро афроди ҷудогонае мепиндорад. Ба назар мерасад, худ муаллиф низ ин иштибоҳро муртакиб шудааст. Чунончӣ, вай Шакту, Шактур, Шиктур (С.30, 38, 71)-ро, ки ҳамон Сагату (Сакту) мебошад, шахси мутлақо ҷадид дониста ва таъкид мекунад, ки ироаи ин ном аз «иловаҳои мӯътабари Хоҷа Рашидуддин» аст. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 17; Ҳамон муаллиф. Аз шамъи ҳасуд..., №31, С. 6).

Ин дар ҳоле аст, ки тамомии матни Хоҷа Рашидуддин такрори маҳзи навиштаҳои муаррих Атомалик Ҷувайнӣ мебошад. (Роҷеъ ба ин масъала р. к. ба: Бойматов Л. Темурмалик дар ҳофизаи таърихии Хуҷанд. - Кайҳони фарҳангӣ, 1383, Шаҳривар-Сентябр, № 215, С. 63).

Аз диди матншиносӣ (сарфи назар аз масоили таърихӣ) метавон феҳристи «ғалатнома»-и китоби «Ҳафтхони Темурмалик»-ро идома дод, вале фикр мекунам барои итминони мутахассисин муаррифии навоқиси ошкоршуда фақат аз нисфи матни «Хони якӯм»-и Ҳафтхон» кофӣ бошад.

Муаллифи китоби мавриди назар бовар дорад, ки мунаққид ва муққаризи асараш **«саргарми айбҷӯӣ шуда, навиштаҳои ба талаботи имло мувофиқи моро (яъне эшонро –Л. Б.) аз сабаби дуруст матни форсиро хонда натавонистанаш ғалат арзёбӣ намудааст. Чунончӣ, номи Шабокораҳӣ баъди ҳарфи «ҳ»-и ҳавваз, шитобзада исми муаррихро «Шабокораӣ» тавсия намудааст. Ҳамчунин, мунаққид матни форсии Ҷувайниро ғалат хонда, дар бобати имлои номҳои Кубро, Элатку, Алаш, Қудқоон ба саҳв роҳ додааст.»** (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Ин гуна иштибоҳоти «содда» ва «маъмулӣ» ниёз ба тавзеҳ надоранд, балки ниёзманди машварати муаллиф бо мутахассисини забони форсианд. Соҳиби китоб, ҳадди ақал барои баррасии мушкилоти наҳвӣ ва итминонаш мебояст машварате бо устодони забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Хуҷанд ва шарқшиносону муаррихон мекард. Аз тамомии

мутахассисини адабиёти форсии Донишкадаҳои забон ва адаби форсӣ бипурсед, истилоҳи мазбур «Шабонкорай» аст ё «Шабокораҳӣ»?

Ин муҳаққиқи мӯҳтарам, ки иддаои таҳлил ва баррасии ҳамаи таълифоти шарқшиносонро дар мавриди таърихи қарни 7 ҳ. /13 мелодӣ дорад, ҳатто диққат накардааст, ки истилоҳи «Шабонкорай» дар таълифот ва навиштаҳои маъруфтарин шарқшиносон (В. В. Бартольд, И. П. Петрушевский, Е.Э. Бертельс, Ч. А. Сторӣ ва ..... чӣ гуна навишта шудааст.

Аммо қазияи дурустӣ ва нодурустии номҳои муғулӣ, баҳси комилан илмӣ аст. Ин ҷониб, шакли дурустии истилоҳоти муғулиро ахиран бар асоси ташреҳоти мутмаинтарин таҳқиқоти забоншиносони туркӣ ва мугулӣ, аз ҷумла, аз осори маъруфтарин шарқиносони муосир ва муҳаққиқини асри муғул А. Бойл, Б. Манз ва дигарон интихоб кардаам.

Илова бар он чӣ, ки омад, тавассути муаллифи китоби мавриди назар ибороти таърихӣ ва адабӣ зимни баргардон аз форсӣ ба кириллӣ (русӣ-тоҷикӣ) таҳриф ё баргалат маънӣ дода шудаанд. Чунончӣ, калимаи «аима» дар шакли «аума» оварда шуда (Турсунов Н., С.33) ва муаллиф онро «мардум» маънӣ додааст, ки мусаламман иштибоҳ аст. Калимаи «аима» шакли ҷамъи «имом» аст ва манзури муаррих Минҳоҷи Сироҷ аз вожаи «аима», «яке аз имомони Хуҷанд» аст. (Турсунов Н., С.33).

Профессор ибораи арабии «биусариҳим»-ро, ки дар ҳикояти Ҷувайнӣ омадааст, иштибоҳан «бо сари хам» хонда, ки ҳеч маънӣ надорад.(Турсунов Н., С.38). Қобили зикр аст, манзури муаррих аз истифодаи ибораи «биусариҳим» - «бо хонаводаҳояшон» аст ва ӯ хонаводаҳои лашкари шикастхӯрдаи Фанокатро дар назар дорад, ки тавассути муғулон ба қатл расиданд. Иттифоқан, ховаршиносони урупоӣ, аз ҷумла марҳум профессори Донишгоҳи Манчестер А. Бойл ибораи фавқи Ҷувайниро ба инглисӣ «бо оилаҳояшон» тарҷума кардааст, ки дуруст аст.

Ҳамчунин, муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар баргардон ва тасҳеҳи матни худ каламоти «мӯҳтарифа ва санноъ»-ро бидуни таваҷҷӯҳи лозим «муҳтариқа ва синон»

хондааст, ки комилан иштибоҳ аст. (Турсунов Н., С. 38). Маълум аст, ки муаррих Атомалик Ҷувайнӣ зери мафҳуми «мӯҳтарифа ва санноъ» табақоти ҳунармандон ва пешаворонро дар назар доштааст. Ҳамчунин дар ҳамин сафҳа мусаҳҳеҳ истилоҳи «ҷавореҳ»-ро иштибоҳан «ҷаворак» хонда ва онро «бурранда» низ маънӣ карда, ки дуруст нест. (Турсунов Н., С. 38). Истилоҳи «ҷавореҳ» шакли ҷамъи калимаи «ҷориҳа» аст ва дар ин ҷо манзури муаррих аз ҳунармандони аслиҳасоз аст.

Дар ҳамин сафҳа ибораи таърихии «аларрасм ҷанг карданд» дар шакли «аларрасм *ҷанге* карданд» омадааст, ки иштибоҳ аст. Аз диди профессор маънии истилоҳи фавқ «аз рӯи таомул» аст. Аммо маънии ин калима дар мутуни таърихӣ ҳамеша «тибқи русум; мувофиқи одат; аз рӯи одат» аст.

Ё калимаи «ғошиядорӣ»-ро профессор ба маънии «тобеъгӣ» шарҳ додааст.(Турсунов Н., С. 39), ки саҳеҳ нест, бояд маънии «ҷилавдорӣ асп»-ро дошта бошад. Ё дар сафҳаи 39 иборот дар ин шакл: «ба ҳар ҷонибе равон мешуд», «ӯ *фарои об* медод» ва «*шабохун* мебурд» омадааст, ки дурусташ « ба ҳар ҷонибе (бо) шаш (киштӣ) равон мешуд», « ӯ фаро об медод» ва «шабехун мебурд» бошад. Ё дар сафҳаи 40 «...қурси *хур муайяни замин* шуд» омадааст, ки маънӣ надорад ва бояд «...қурси Хур, хӯри меъдаи замин шуд» бошад. (Ҷувайнӣ, С. 71). Маънии ин сухан «вақте, ки шаб фаро расид» аст.

Ҳамчунин, ибораи «ҳар куҷо, ки ***қут*** кардандӣ» (Турсунов Н., С. 40), ки маънӣ надорад, бояд «ҳар куҷо, ки қувват кардандӣ» ва ибораи «ба чанд ҷойгоҳ бардошт» бояд « ба чанд ҷойгоҳ бидошт» бошад. Ё ин ки, мусаҳҳеҳи мо калимаи «гурез»-ро «ғариз» хонда ва онро барғалат ба маънии «ақибнишинӣ» гуфтааст. (Турсунов Н., С. 40).

Муаллифи китоби мавриди назар ибораи «чун оташ бар бодпоён»-и Ҷувайниро «чун оташ дар биёбон» хондааст, ки маънӣ надорад. (Турсунов Н., С.41). Бояд дар назар дошт, ки маънии калимаи «бодпо» - «аспи даванда» аст. Ва манзури муаррих Ҷувайнӣ аз ин гуфтаҳо ин аст, ки Темурмалик пас аз ин ки аз об берун омад, **савора** бо суръат равон шуд. Дурустии ин назарро аз таҳрири Рашидаддин низ метавон ба вузӯҳ

мушоҳида кард. Чунончӣ, вай навиштааст: «...аз об берун омад ва савора равон шуд». Қобили зикр аст, ки мутарҷими матни инглисии «Таърихи ҷаҳонгушо», профессори Донишгоҳи Манчестер А. Бойл ибораи мазбури Ҷувайниро он гуна, ки мо бардошт кардем, тарҷума кардааст.

Дар сафҳаи 43 «хони якум» ибороти «истикшофе мекард» омада ва онро муаллиф маънии «магрурӣ мекард» додааст.(Турсунов Н., С.43). Аввалан, саҳеҳи иборот «истикшофӣ мекарда» аст. (Ҷувайнӣ, С. 73) ва тибқи маънии баёни муаррих на «истикшофе», балки «истикшофӣ» бояд бошад. Сониян, маънии ин иборот на «магрурӣ кард», балки «баррасӣ кард» ё «пурсиш кард» аст, ки тавассути шоҳзода Қадақон (Қадқон) анҷом шудааст. Он гуна, ки зикр шуд, профессор Назирҷон Турсунов ибороти «се чӯба тир: яке аз онҳо шикаста»-и Ҷувайнӣ ва Рашидаддинро баргалат «се тире, ки шикаста» ва «се чӯби тире, ки шикаста» тасҳеҳ кардааст. (Турсунов Н., С. 41) Ин дар ҳоле аст, ки муҳаққиқ дар хони чаҳоруми асараш бар хилофи тасҳеҳаш қотеона навиштааст:

«Сипас охирин ёрони ӯ кушта шуданд, дар дасташ силоҳе намонд ба ҷуз се адад тири камон, ки якаш шикаста ва бепайкон буд». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 81).

Хонандаи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар сардаргумӣ қарор гирифта ва билохира, намефаҳмад, ки Темурмалик се ё як тири шикаста доштааст? Профессори илм дар ин маврид, ҳадди ақал, бояд таъйин менамуд, ки тасҳеҳи матнаш дуруст аст ё таҳқиқаш!?

Ҳамчунин, бояд мутазаккир шуд, ки муаллифи китоби овозадор зимни баргардони матни форсӣ ба кириллик, маълум нест, ба чӣ сабаб, баъзе аз тиккаҳоро, ки маҷмӯан чанд сатрро дар бар мегирад, ҳазф кардааст. Зимни баргардони матн ***чанд сатр аз манобеъ фаромӯш шуда ва ё мусаҳҳеҳ тавоҷҷӯҳи лозимро бар матн надоштааст.*** Шояд шитобзадагӣ ё фориғболии профессор бошад, ки вай бо боварии комил навишта, ки «фалон хабар» дар матни « Таърихи ҷаҳонгушо» мавҷуд нест ва дар ин бора фақат Хоҷа Рашидуддин иттилооти бикр овардааст. Маталаби **«...пиёда аз кӯҳ ба се фарсанг санг**

нақл мекарданд ва муғулони савора дар ҷайҳун (ба маънии об - Л. Б.) мерехтанд.»-и Атомалик Ҷувайнӣ мисоле аз ҳамин гуна «кашфиёт»-и профессори таърих аз мутуни таърихӣ ба шумор меояд. (р. к. Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 39; Ҳамон муаллиф. Аз шамъи ҳасуд..., № 31, С. 6).

Тасаввур метавон кард, муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» профессор Назирҷон Турсунов, ки фақат дар барғардони як хикояти тарихӣ аз ду китоби муаррихини аҳди муғул дар асари «илми-тадқиқотӣ»-аш то ин андоза ба иштибоҳ роҳ дода бошад, чӣ ғуна метавонад ***маҷмӯаи манобеъ ва осори донишмандонро*** дуруст ва комилан аз роҳи илмӣ арзёбӣ намояд?! Мутмаинам, аз ин назар тамомии мутуни китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ниёз ба бознигарии ҷиддӣ ва тахассусӣ дорад!

Бо вуҷуди ин ҳама иштибоҳот ва камбудҳои илмӣ иддаои муаллиф бар фанни матншиносӣ ва тасҳеҳи мутуни таърихӣ бисёр болост ва вай бовар бар он дорад, ки дигарон дар баробари дониши профессор **«фарсаххо аз мазмуну маънои рисолаҳои муаррихони қуруни вусто дур буданашонро намоиш»** медиҳанд ва **«ноогоҳиашонро аз таърихи сохтори ҳарбии давлати Хоразмшоҳиён ошкор»** менамоянд ва дар баррасии масоили таърих онон **«ровии ғафлатфаҳму нусхабардори пурхатои сарманбаъҳои таърих»** мебошанд ва **«ба мақоми муҳаққиқ нарасидаанд ва нахоҳанд расид.»** (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд., 32, С. 6).

Баъд аз тасҳеҳи мутуни таърихӣ профессор саъй карда то посухе бар суоле, ки дар оғози «Хони якӯм» матраҳ карда буд, ироа намояд. Бо ин ҳадаф вай тасмим гирифта то аз мутуни « Таърихи арбаъ улус»-и Мирзо Улугбек ва сафаҳоти романи нависандаи ӯзбек Мирмӯҳсин суд ҷӯяд. Вай аз ҷумла, навиштаҳои зайли Улугбекро ба унвони иттилооти бикр оварааст:

«(Олоқ-нӯйон) ба Хуҷанд рӯй ниҳода аз раҳму шафқат, шарму ҳаё даст кашид. (Мугулон) вақте, ки ба шаҳри Хуҷанд наздик шуданд, Темурмалик ба онҳо муқобилат намуд.»

Ва муҳаққиқ бардошти худро аз навиштаҳои Улуғбек ин гуна шарҳ медиҳад:

«Дар ин гуфтаҳо оиди задухӯрди Темурмалик бо муғулон ҳангоми наздик шудани онҳо ба Хуҷанд, бе муайянкунии дақиқи макону замони воқеа ишорае мавҷуд аст.». (Турсунов Н. Ҳафхони Темурмалик, С. 44).

Аммо шореҳи масъалаи таърих мутаваҷҷеҳ нест, матни Улуғбек ҳеч навоварӣ дар робита бо воқеаи Хуҷанд надорад ва решаҳои суханони ин муаррихи туркзабон дар ҳастаи иттилооти «Таърихи ҷаҳонгушо» қарор дорад. Китоби Мирзо Улуғбек барои таҳқиқи таърихи ҳодисаи Хуҷанд ва Темурмалик ба ҳеч ваҷҳ наметавонад манбаи мӯътамад ва аввалиндараҷа бошад.

Сипас профессор матлаберо аз китоби «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ дар бораи тоҷир Аҳмади Хуҷандӣ, ки ғайри мустақим бо ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд дар иртибот будааст, матраҳ менамояд.(Турсунов Н., С.45). Вай мӯътақид аст, ки устод **«Садриддин Айнӣ дар бораи ҷосуси Чингизхон будани Аҳмади Хуҷандӣ ба ҳуҷҷатҳои барои мо номаълуми таърихӣ истинод намудааст.»** (Турсунов Н. С.45). Ин дар ҳоле аст, ки устод Айнӣ матлаби худро бар асоси навиштаҳои Мирхонд ироа намуда ва Мирхонд низ ин матлабро аз «Таърихи ҷаҳонгушо»-и Ҷувайнӣ ғирфтааст.(Р. к. Ҷувайнӣ, С. 39-40. Муқоиса шавад бо матни Мирхонд).

Муаллиф баъд аз интиқоди назарияи устод Садриддин Айнӣ дар бораи ин, ки мугулон «шаҳрро сӯхта ва вайрон карда ба замин яксон намуд» саъй менамояд то акси ин қазияро собит намояд. (Турсунов. Н.,С. 46-47). Аммо чунин ба назар мерасад, ки муаллиф боз ҳам натавониста барои исботи назари хеш далоили мустақим, ки қобили қабул бошад, ироа намояд. (Баҳси ин мавзӯъ масъалаи ҷудогонаест ва ҷои дигаре хоҳад омад).

Ҷолиб ин ҷост, ки муаллиф пас аз ироаи баҳсҳои фавқ, бидуни ин ки бар асоси шавоҳиди мустақим ва ғайри мустақими таърихӣ посух бар суоли аслии «Хони якӯм» бидиҳад, бо итминон натиҷа мегирад:

«Ҳамин тавр, ... ин бобҳои хони аввалини диловариҳои Темурмалик ва хуҷандиён дар охири соли 1219 - ибтидои соли 1220 буданд.» (Турсунов Н. С.47).

Мадҳи худ кардан пахта дар даҳон хоидан аст. Хоксорӣ ҳам неъмат асту ҳам фазилат. Соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» бо камоли ифтихор мегӯяд:

«Муаллифи тадқиқоти мазкур *дар партави ахбори сарманбаъҳои хаттии асрҳои ХШ-Х1Х,* қатъи назар аз ақидаҳои бархе аз пажӯҳишгарон, ки фидокориҳои Темурмалик ва Ҷалолуддинро ҳамчун намунаҳои диловариҳои шахсӣ ва барои кори умумӣ беҳуда ва бенатиҷа, дар макону замони маҳдуд арзёбӣ кардаанд, корнамоиҳои баҳодури тоҷикро ба сифати сарвари оммаи муборизони роҳи озодӣ, пайванди аҳли футувват, вориси арзандаи ниёгони абармард дар муҳити муқобилияти Хуҷанд, Ҳисори истеҳкоми ҷазираи обӣ, разму набардҳои ҷараёни дарёнавардӣ, ғазои байни Ҷанду Хоразм, ҳамла ба Шаҳрканд, бартараф кардани сӯиқасди шоҳзодагон ва ҷонибдорони онҳо дар Урганҷ ва муҳорибаи Насо *собит намуд.».* (Турсунов Н. С. 103-104).

Оре, таҳқиқ ва пажӯҳиш амали хубест, агар судманд бошад! Аммо чӣ бояд кард, дар «хони якум»-и «Ҳафтхони Темурмалик», ки онро моя ва пояи тамомии таълифаш хондем, на тасҳеҳи матни таърихӣ саҳеҳ асту на тазеҳоташ илмӣ аст. Муаллифи ин асар натавонистааст ба суолоти матраҳкардаи хеш посухи илмӣ-мантиқӣ бидиҳад. Дар ин миён ниёзмандон боз ҳам бениёз монданд.

ТАЪВИЗИ ОРМОНҲОИ ҲАҚИҚАТ

Нақди «хони дуввум»:

Хони дуввуми китоби «Ҳафтхони Темурмалик дар воқеъ марбут ба ходисаи руди Сайҳун ва қалъаи обии Темурмалик аст. Ба ин хотир аст, ки муаллиф саъй кардааст то дар чанд сафҳа (С. 48-52) иттилоотеро аз манобеи таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ дар робита бо ҷуғрофиёи таърихии руди Сайҳун, пайваста бо ҷойгоҳи таърихии Хуҷанд ва қалъаи обии Темурмалик ироа намояд.

Агарчӣ, иқдоми муаллиф ҷиҳати касби иттиллоти куллӣ барои хонандагон ва алоқамандон дар маҷмӯъ муфид аст, вале чунин ба назар мерасад, ки матраҳ кардани ҳамчунин баҳс дар ин бахш ба таври маснӯӣ сурат гирифтааст. Агар қарор бар тавсифи ҷуғрофиёи таърихии Сайҳун бошад, бидуни шакк, мешуд ирҷоъ ба муҳимтарин таҳқиқоти марбутаи мусташриқин дод ё он ҳама баҳси дараҷаи дуввумро метавон дар ҷои дигаре ва ё ҳадди ақал дар пайнавиштҳо ҷо кард. Ҳамчунин баҳсҳои муаллиф дар робита бо абъоди ҳисори Темурмалик (С. 56), тафсири калимаи «гарданкашон» ва «аҳли футувват» будани ҳамсафони Темурмлик (С. 56-58; 218-219) ва мавзӯоти дигар, натиҷаи таҳқиқи бостоншиносӣ ва ҷомеашиносии таърихӣ нест, балки сохтаҳои зеҳни муаллиф аст ва наметавонад воқеиятро таъйид намояд.

Дар ин бахш ва бахшҳои дигари китоб боз ҳам заъфи манобеъшиносии профессор ба вузӯҳ метавон ошкор кард. Он гоҳ ки соҳиби «Ҳафтхони Темурмалик» саъй мекунад собит намояд, ки истилоҳоти муаррихин ва нависандагони қуруни вусто дар таъйини моҳияти воқеа ва тасвири ҳаводиси марбут ба таърихи Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик ҷудо аз якдигаранд ва ҳар яке аз онон манбаи вежае дар нигошти худ доштаанд ва ба тадриҷ «иловаҳои мӯътабар «ба навиштаҳои муаллифи «Таърихи ҷаҳонгушо» кардаанд, сахт иштибоҳ мекунад, зеро чунон ки омад, ҳамаи ин гуфтаҳо ва «суханбозиҳои адабӣ ва сабкӣ» -и муаррихин ва нависандагони баъд аз Атомалик

Ҷувайнӣ мебошанд, ки муҳаққиқин ва хонандагони ноогоҳро ба роҳатӣ метавонанд дар сардаргумӣ қарор бидиҳанд. Ба ин хотир аст, аксарияти муҳаққиққин ва мутахассисини таърихи асри муғул дар ин гуна маворид, ба навиштаҳои муаррихини баъд аз Атомалик Ҷувайнӣ эътимод намекунанд ва ҳатто ирҷоъ намедиҳанд, чаро ки онҳо хуб медонистанд ва медонанд, ки гузоришҳои муаллифини мазбур (Рашиддаддин, Қазвинӣ, Шабонкорагӣ, Вассоф, Банокатӣ, Яздӣ, Мирхонд, Хондамир, Абулғозӣ ва..) дар робита бо таърихи забти Хуҷанд ва аҳволи Темурмалик аз арзиши чандон илмие бархӯрдор нестанд. Магар муҳаққиқин ва мусташриқине, ки дар робита бо таърихи ҳамлаи мугул ва вақоеи баъд аз фаҷоеи азими таърихӣ кор карда буданд, аз қабили: В. В. Бартольд, И. П. Петрушевекий, Иброҳим Қафасоғлу, Аҳмади Касравӣ, Аббос Иқбол, З. Бунёдов ва бисёр дигарон аз таълифоти муаррихине, ки профессори мардумшинос ангушт бар иттилооти «мӯътабараш» гузоштааст, намедонистанд ё бехабар буданд? Бояд дар назар дошта бошем, ки бархе аз ин муҳаққиқин кашшофи аслии ҷойгоҳи илмии муаррихони мазбур буданд. Аз ин рӯ, «тавваҷҷӯҳи мӯшикофона»-и профессори мо дар таъйини ҷойгоҳи илмии иттилооти муаррихини баъд аз Атомалик Ҷувайнӣ гунае аз худфиребиҳост.

Он ҷо ки муаррихин ва нависандагони қуруни вусто дар мадҳи ҷасорат ва мардонагии Темурмалик ва сарбозонаш «марди номдор» (Рашидаддин), «музаккар» (Яздӣ), «мӯъдамад ул-истеъдол» (Улуғбек), «мардони корзор» (Мирхонд), «марди номдор» (Хондамир) ва ... менависанд, дақиқан идомаи тарвиҷи тафаккур ва бозтоби ҳунари нависандагӣ ва адабии Атомалик Ҷувайнӣ, ки мудофеъинро «марди корзор аз гарданкашони номдор» номида буд, мебошад. Аз ин рӯ, дар осори ин муаррихин ва дар тағйироти лафзии онон дар тасвири воқеоти Хуҷанд ва шахсияти Темурмалик набояд пайи пайдо кардани «иловаҳои мӯътабар»-и таърихӣ шуд. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 63).

Ё дар тавсифи қалъаи обии Темурмалик корбурди вожаҳои сифатиро тавассути муаррихин ва нависандагони қуруни вусто

аз қабили ибороти: «ҳисори олӣ» (Яздӣ) набояд чудо ва бартар аз ибораи «ҳисори баланд» - навиштаи Атомалик Ҷувайнӣ донист. Ин ҳама иборот ва тавсифоти муаррихони баъдӣ дақиқан аз лиҳози маънӣ яке аст ва он ин аст, ки ҳисори дар миёни Сайҳун бано кардаи Темурмалик бисёр маҳкам ва устувор будааст. Ҳамчунин он гоҳ, ки Ҷувайнӣ «Шаҳрканд» ва Рашидаддин «Янгикант (ё Яникант) менависанд (р. к. Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 85-86), ин ҳар ду истилоҳ як чизе аст ва манзури ҳар ду муаррих як шаҳре аст ва нобояд ин тавфовути ҷузъиро, ки эҷодгараш Рашидаддин аст, тафовути ҷиддӣ миёни ду матн: «Таърихи ҷаҳонгушо» ва «Ҷомеъ ут-таворих» донист. Баъйид нест, Рашиддаддин инро амдан (шояд ҷиҳати дарки хонандагони муосираш) ворид карда бошад. Профессор Назирҷон Турсунов ғайри мустақим ба ин воқеият ишорае дорад. Вай аз ҷумла навиштааст:

«Яъне муаллифи китоби «Ҷоме-ут-таворих» Рашидаддин дар аввали асри XIV номи Деҳнав (манзили аҳолинишини нав-Н. Т.) - Шаҳрканд (манзил шаҳрӣ – Н. Т.)-ро дар шакли Янгиканд зикр кардааст. Ин тағйирёбии номҳои ҷуғрофӣ аз ҷараёни тадриҷии туркшавии саҳрогардони резишгоҳи Сирдарё, атрофи баҳри Арал ва Хоразм дар давраи ҳукмронии муғулон хабар медиҳад.». (Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 86).

Ин ҷост, ки хатои муҳаққиқ аз бетаваҷҷӯҳӣ сар зада. Вай натавониста решаҳои фаръро аз кулл пайдо кунад.

Нақди «хони севвум»:

Хони севвуми «Хафтхон» дар муқоиса бо хонҳои дигар шояд бенавотарин хони профессори мардумшинос бошад, ба делели ин ки иттилооти манобеи таърихӣ чӣ, аз лиҳози таърихӣ ва чӣ лиҳози ҷуғрофиёи таърихӣ дар вазъи бисёр лагзандае қарор дорад. Албатта, дар оғози ин хон муаллиф кӯшиш кардааст, ки «яктарафа таҳрир» кардани муаррих Шабонкораиро дар мавриди бораи «воқеаи фарори Темурмалик» маҳкум» намояд. (Р. к. Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик», С. 72). Аммо бидуни ин ки интиқоди ӯро илмӣ анҷом бидиҳад, дақиқан ғуфтаҳои муаррихи фавқро дубора бо суханони дигар (бар асоси ғуфтаҳои

Атомалики Ҷувайнӣ ва Рашидаддин) такрор менамояд. (С. 72) Вай мӯътақид аст, ки Темурмалик «фарор накардааст», балки фақат «бо машъалҳои фурӯзон чун барқу бод шино намуд.» (Муқоиса шавад бо матни «Таърихи ҷаҳонгушо» ва «Ҷомеъ уттаворих», ҳамон сафҳа). Он чӣ, ки ин муҳаққиқ аз худ изофа кардааст ин аст, ки гӯё **«воқеаномаи ҷангии Темурмалик дар маҷрои Сирдарё дар масофаи бештар аз 1000 км. Байни Хуҷанд ва Ҷанду Борчилиққанд хеле тӯлонӣ, мушкил ва бо талафоти зиёди ҳар ду тараф якчанд моҳ давом кард.»** (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 72.). Ва баъд аз ин саъй кардааст, ки назари хешро дар робита бо ҷуғрофиёи таърихии Сирдарё (ба гуфтаи муаллиф «хусусияти табии Сирдарё») ва шаҳри Ҷанд изҳор намояд. (Ҳамон ҷо, С. 72-74; 76-78)).

Аммо ошкор аст, ин ироаи ин мавзӯъ низ ба тарзи маснӯӣ бар масъалаи таърихи дифои Темурмалик изофа шуда, аз ҳама муҳимтар ин аст, ки матолиби ироа кардаи муаллиф аз диди илми ҷуғрофиёи таърихӣ арзиши ончуноне надорад. Чун ин матолиб дар муқоиса бо таҳқиқоти доманадори муҳаққиқини хориҷӣ дар сатҳи бисёр пойин ва оддӣ қарор дорад, шоистагии нақди онро дар ин сафаҳот намебинам. Дар сурати лозим ба нақди ин матлаб хоҳем пардохт.

Чунин ба назар мерасад, ки афзудаҳои муаллиф дар мавриди ҷуғрофиёи таърихии Сирдарё ва иқтибоси абёт аз шоир Ҳакназар Ғоиб ба эҳтимоли қавӣ барои «ҳаҷим» сохтани достон оварда шудааст.(Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 72-75;75-76).

Профессор саъй кардааст, ки иттилооти муаррихон Мирхонд, Хондамир ва Абулғозиро барои тақвияти фикраш мавриди истифода қарор бидиҳад. Аз ҷумла ӯ навиштааст:

«Мирхонд силсилашикании Темурмаликро мухтасар, аммо басо мӯътабар (!) тасвир кардааст: «Вале ӯ бо як зарб занҷирро бигусаст ва бигузашт.» (Равзат ус-сафо, 1373, С. 845).

Аммо иқтибосҳое, ки аз «Равзат ус-сафо» дар китоби профессор Назирҷонн Турсунов омадааст, матни аслии Мирхонд, нест, балки матни «талхис ва таҳзибшуда»-и он тавассути дуктур Аббоси Зарёб аст. Асли матн ин аст: « Ӯ бо як захми тир, ки бияндохт занҷирро пора сохта бигзашт.».

(Мирхонд, Ҷ. 5., С.91). Ошкор аст, бардошти муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» аз ин ки навиштаи Мирхонд дар ин маврид «басо мӯътабар» аст, асос надорад. Мӯътабартар боз ҳам матни «Таърихи ҷаҳонгушо»-аст, ки дар ин маврид омадааст: «Бо як захм бар-ӯ заду бигзашт». Магар рӯшан нест, ки навиштаҳои ахир чӣ аз диди адабӣ ва чӣ аз диди таърихнигорӣ ба маротиб боарзиштар аз матни «Равзат ус-сафо»-и Мирхонд аст.

Профессор Назирҷон Турсунов навиштааст:

«Бино ба маълумоти Ҷувайнӣ ва Рашидаддин муғулон Борҷиликанд ва Ҷандро моҳи апрели соли 1220, тақрибан байни 10-20 апрели ҳамон сол истило карданд. Темурмалик бо диловаронаш тахминан охири апрели соли 1220 бар канори Борҷиликанд аз рӯди Сир берун шуданд ва корномаи дарёнавардии онҳо хотима ёфт». (Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 78). Мутазаккир бояд шуд, ки матлаби (***бо ишора бар таърихи дақиқ***) дар робита бо тасарруфи ду шаҳри азими пойиноби Сайҳун дар кутуби мазбур наёмадааст.

Дар охири ин хон муаллиф навиштааст:

«Ақибнишинӣ тадбири оқилонаи Темурмалик буд ва ҳикмати хоса дошт. Зеро ин амалиёти қаҳрамон тамоми диққату эътибори муғулонро ба худ ҷалб кард ва *дар натиҷа Хуҷанд ва сокинони он аз фаношавии ногузир эмин монданд.*» (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 78).

Дуруст аст, ки тадбири Темурмалик як тадбири низомии пухта буд, вале ин ки дақиқан ҳамин тасмим боиси нақоти Хуҷанд ва хуҷандиён аз ғазаби душман бошад, албатта тардидовар аст.

Накди «хони чорӯм»:

Унвони ин хон «Аз Ҷанд то Хоразм» буда, шомили се сафҳа аст.(Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 80-81). Агарчӣ, ин хон низ аз ҳисоби «тавзеҳоти ҷуғрофиёи таърихии Ҷонидарё ва Қувандарё» вусъат ёфтааст, вале матолиби ироашуда ҷиҳати ошноӣ бо масоили ҷуғрофиёи таърихии ин минтиқаи резишгоҳи рудхонаи Сайҳун, бисёр заиф аст ва асосан бо тавзеҳи

ҷуғрофиёи табии маҳдуд шудааст.

Муаллифи китоби мавриди назар дар робита бо «арзиши илмии» иттилооти Абулғозӣ Баҳодурхон навиштааст:

«Аз рӯи Абулғозӣ Баҳодурхон: «қӯшуни муғул бо дастаҳои тақсимшуда Темурмаликро таъқиб карданд ва ба ӯ расиданд. Темурмалик бо ҳазор баҳодурони худ ҷасорати калон содир кард».

Ва тавзеҳи илмӣ медиҳад, ки ин аст:

«Агар ба ин далелҳои хони Хева Абулғозӣ шакк наоварем пас маълум мешавад, ки сафҳои лашкари Темурмалик дар рафти сафари обии хатарнок ва пуртаҳлука рахна нашудаанд ва бо ҳазор нафар мардони ҳуҷандӣ ба масофаи қариб 1000 км ҷониби Хоразм раҳсипор гардид.» (Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 81).

Ин ҷост, ки муҳаққиқ бори дигар заъф ва нодонии худро дар бахши манобеъшиносии таърих намоиш дода ва иттилооти «такрорӣ ва ба наҳве таҳрифшуда»-и муаррих Абулғозиро, ки баъд аз чандчин садсолаҳо воқеаи Хуҷандро ба риштаи таҳрир кашидааст, дуруст медонад (албатта бо шарте) ва мехоҳад таъйид намояд, ки ҳазор сарбози Темурмалик дар ин муддат ҳама «зинда ва саломат» буданд ва душман натавониста сафи хуҷандиёнро «рахна» бисозад. Чӣ тур мумкин аст, дар ин ҳама фосила, бо ин ҳама набарде, ки профессор дар таърифу тасвираш теги қаламашро дареғ намедорад, ҳеч касе аз сарбозони ҳокими Хуҷанд намурда ва захме ҳам барнадошта? Магар сипоҳиёни муғул нишони бечони тири хуҷандиён буданд? Иттиллооти таҳрифшударо воқеият пиндоштан, ҳунар нест, балки нишонаи заъфи ҳунар аст.

Нақди «хони панҷӯм»:

Хони панҷӯми китоби «Ҳафтхони Темурмалик» «Ҳамла ба Шаҳрканд» ном дорад. Муаллиф дар ин бахш саъй мекунад, собит намояд, ки устод Садриддин Айнӣ дар таъйини таърихи тасарруфи Урганҷ иштибоҳ карда ва таъкид бар он дорад, ки устод Айнӣ дар таъйини худ иштибоҳ кардааст. (Турсунов Н.Ҳафтхони Темурмалик. С. 83-84). Аммо худ ҳеч ғоҳ саъй

накарда, то ин ки мушаххас намояд, оё ин масъала мавриди баррасии муҳаққиқин қарор гирифта буд ё хайр? Посух ба ин суол намедиҳад, вале зимни эрод аз тарҷумаи китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров менависад, ки **«феъли русии шахси сейӯм «отнял»-ро ба тоҷикӣ «бо ҳуҷум гирифт, кашида гирифт» гуфтан ҷоиз аст.»** (Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 86).

Аз назари профессор Назирҷон Турсунов дар ҷанги Шаҳрканд **«Темурмалик бо азму пайкори босубот (!) ба Шаҳрканд чингизиёнро боз як бори дигар бо талвоса мубтало кард ва аз ҳама муҳимаш манзили ҳамдиёранашро (!) аз дасти истилогарон кашида гирифт. Иқдоми ҷасуронаи сипаҳсолори барҷаста фасонаи шикастнопазир будани қӯшуни Чингизхонро бартараф намуд ва имконияти дар ҳолати ҳуҷуми муташаккил саросар торумор сохтани истилогаронро собит кард».**(Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик,С.86-87).

Ин назар дуруст аст, агар манзури нависанда фақат аз шикасти дастае аз лашкари Чингизиён бошад. Аммо агар манзур ***аз кулли қӯшуни Чингизхон бошад,*** хатои маҳз аст, чун дар ин ҳангом, лашкари аслии Чингизхон машғули анҷоми тарҳҳои дигаре буд. Бо шикасти дастае аз артеши хони бузурги мугул, наметавон натиҷа гирифт, ки **«фасонаи шикастнопазир будани қӯшуни Чингизхонро бартараф намуд».** (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик,С. 87).

АЗ ТЕМУРМАЛИК «ГЕНЕРАЛИССИМУС» НАСОЗЕМ!

Ситоиш густохонатар аз накӯҳиш аст.
Ф. Ничше

Нақд «хони шашӯм»:

Яке аз масоили муҳиме, ки бояд мавриди баҳси илми таърих қарор бигирад, масъалаи «амир ал-умаро» будан ё набудани Темурмалик аст. Муаллифи китоби Ҳафтхони Темурмалик» нахустин нависандаи таърих аст, ки ин фикрро ироа намудааст. Вай мукарарран таъкид бар он дорад, ки ҳокими Хуҷанд Темурмалик «амир ал-умаро» - «генералиссимус» - сарфармондеҳи олии армия» будааст.

Қабл аз ин ки баҳси тахассусии ин масъала матраҳ гардад, ироаи тавзеҳоти илмии донишмандон ва шарқшиносон дар бораи моҳияти истилоҳи «амир ал-умаро» лозим ба назар мерасад. Албатта, профессори мардумшинос Назирҷон Турсунов саъй кардааст то бар асоси фарҳангномаҳои мухталиф ба маънии лугавии ин истилоҳ даст пайдо бикунад. Чунончӣ, вай дар шарҳи истилоҳи «амир ал-умаро» аз фарҳангномаҳои «Нозима-т-табо», Онандроҷ» ва аз назари куллии К. З Зиттерстеен суд ҷустааст. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С.88; низ р. к. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6). Дар матни русии китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ин фикр бар асоси назари куллии К. В. Зиттерстеен ироа шудааст:

«арабский термин «амир–ул-умаро», его персидский вариант «амири амирон», комментировал как «глава эмиров»- «главнокомандующий» - главный эмир, по значению приравнивал с немецким «Generalisimus» - Генералиссимус.» (Турсунов Н. Семь, С. 244).

Бояд дар назар дошт, ки фақат шарҳи калима ё истилоҳот наметавонад ба таври комил моҳият ва воқеияти таърихиро бозгӯ намояд. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифи китоби мазбур, дар баррасӣ ва таҳлилҳои хеш ба умқи маънӣ ва моҳияти истилоҳоти иҷтимоии асри Хоразмшоҳон ба хубӣ

нарасидааст. Муаллиф дар ироа ва таҳлили масоили таърихӣ бештари маворид маҳдуд ба шарҳи луғавии истилоҳ ва маънии зоҳирии он шудааст. Шояд ба ин хотир аст, ки дар мақолаи дифоии хеш, зимни интиқоди назари мо бо таъкид навиштааст:

« Л. Бойматов фикри оиди баробармаъно будани истилоҳҳои арабӣ-форсии «амиралумаро» ва лотинии «генералиссимус»-ро ҳосили эҷоди муаллиф ҳисобидааст.» (Р. к. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., Сугд, № 33, С. 6).

Мутаззакир бояд шуд, масъала дар «баробармаъноии истилоҳот» нест, балки дар баррасии моҳияти аслии каламот, таъйини воқеияти таърихӣ ва дар корбурди аслии он дар замону макони таърихӣ аст. Адами омодагии тахассусии муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» боис шуда, ки барои ташреҳи моҳияти таърихии истилоҳи «амир ал-умаро» аз таҳқиқоти тахассусии донишмандон ва шарқшиносон ба куллӣ чашм пӯшида, фақат ба иттилооти куллӣ теъдоде аз фарҳангҳои тақвияти фикраш ирҷоъ ба таҳқиқоти донишмандони русӣ, ки марбут ба қуруни ХУШ-ХIХ мелодӣ аст, басанда кардааст. (Р. к. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд ...,Сугд, № 33, С. 6).

Ин дар ҳоле аст, ки таҳқиқи бунёдӣ ва ошноӣ бо назари тахассусии мусташриқин дар мавриди истилоҳи таърихӣ-иҷтимоӣ барои дарки воқеияти таърихии ҳар давра аз шурути лозим барои ҳамаи пажӯҳишгарон ва муҳаққиқин ба шумор меояд. Истилоҳи «амир ал-умаро», агарчӣ бо вожаи лотинии «генралиссимус» аз назари забоншиносӣ мутародиф аст, вале он чӣ аён аст, ин аст, ки ин истилоҳ ба мисли истилоҳоти дигари иҷтимоӣ ***дар макону замони таърих ҳамеша дар ҳоли таҳаввул*** будааст.

Тибқи назари маъруфтарин мусташриқин Д. Дефремери, Л. Пул, В. Минорский, П. Ҳиттӣ, Д. Аялон, Р. М. Саворӣ, С. М. Имомуддин, М. Кабир, В. Мюер, К. В. Зеттерстин, Б. Левис, Н. Бергнисий ва дигарон, ки таҳқиқи тахассусӣ дар робита бо таҳаввули таърихии истилоҳи «амир-ал-умаро» анҷом додаанд, ин калима ба маънии « амири аслӣ», «сарфармондеҳи олӣ дар сипоҳ будааст. Ин вожа дар бархе аз кишварҳои исломӣ (асосан аз даврони Хилофати Аббосӣ), вале дар аҳди Мамлукони Миср ба густардагӣ роиҷ шудааст. Мусташриқини мазбур зимни ин

ки истилоҳи арабии «амир ал-умаро»-ро синоним ва мутародифи вожаи туркии «баклярбакӣ» медонанд, таъкид бар он доранд, ки «амир ал-умаро» ба унвони сарфармондеҳи олии сипоҳ кишвар дар замони силсилаҳои ҳокими туркӣ (ба хусус замони Салҷуқиён) қудрати воқеиро дар даст доштааст, яъне ба тариқи дигар соҳибқудрат будани «амир ал-умаро» яке аз муҳимтарин вежагиҳои ин унвон будааст.(Р. к. Zettersteen K.V. Amir-al-umara, P. 446; Бергнисий Н. Амир ал-умаро, С. 248-249). Муаллифи мақолаи «Амир ал-умаро» дар «Доират ул-маорифи Бузурги исломӣ» ба форсӣ дар робита бо маънии кулли ин истилоҳ навиштааст:

«Амир ал-умаро», унвони болотарин мансаби низомӣ, фармондеҳи олӣ, ноиб ё қоим-мақоми фармонраво, ки гоҳ ба сурати мири мирон низ ба кор рафтааст». (Бергнисий Н. Амир ал-умаро, С. 248).

Чунон ки дар нақдҳои қаблиам гуфта будам, профессори мардумшинос Назирҷон Турсунов бар хилофи воқеиятҳои таърихӣ саъй дорад то собит намояд, ки Темурмалик «амир ал-умаро»-и давлати Хоразмшоҳиён буд. Ин фикр дар огози «хони шашум»-и китоби мазбур бо ҷумалоти мағшушу по дар ҳаво ин гуна ироа шудааст:

«Ҳукуматн Хоразмшоҳиён дар шахсняти мушриф Имомуддин ва вакили дор (?!) Шарафуддин корнамоиҳои панҷкарата(?) ва самараи газоӣ (?) Шаҳркандро ба инобат гирифта ба Темурмалик унвони олии ҳарбин давлат «амир-ул-умаро» ё «амири амирон»-ро муносиб донист». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 88).

Дар сафҳаи баъдии китоби мавриди назар низ омадааст:

« Темурмалик ба сифати амири лашкар барои хизматҳои барҷастаи низомӣ (?) ва ташкилотчигӣ дар миқёси давлати Хоразмшоҳиён (?) дар айёми пуртаҳлукаи таҷовузи муғулон ба унвони «амир-ул-умаро» ноил гашт. Ӯ дар радифи генералиссимусҳои тоҷик ҷой гирифт». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 89).

Ин назари муаллиф ба забони русӣ низ котеъона ироа шудааст:

«При Хорезмшахах выдающиеся эмиры - командующие войсками назначались главой эмиров и лучших из них удостоивались звания «амир-ул-умаро». (Турсунов Н. Семь.,С. 244).

Муаллиф дар посухи хеш бар эродоти мунаққид саъй кардааст, ба тамом аз назари хеш дифоъ кунад ва бо таъкид менависад:

«Муаллифи ин сатрҳо асосҳои ба унвони «амирулумаро» лоиқу шоиста ва арзандаиу муносиб будани Темурмаликро *аз мутолиаи мӯшикофонаи сарманбаъҳои хаттии таърихӣ (!)* пайдо кард: Якӯм, ба гуфти Рашидаддин подшоҳони хоразмшоҳиён, остонҳо ва вилоятҳои нави забтшударо дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Ироқи Эрон ба сифати иқтаъ ба амирон ҳадя намуданд ва барҷастатарини онҳоро бар ҳамаи амирони маҳаллӣ сарвар таъин карданд ва онҳоро ба унвони «амирулумаро» сарфароз гардониданд. Алоуддин Муҳаммад Хоразмшоҳ баъди зафар дар ҷанги дашти Иламиш бар гӯрхони қарохитоиён соли 1210 дар вилоятҳои фатҳшудаи Мовароуннаҳр аз Бухоро то Ӯзғанд волиён ва шахнаҳои худро таъин кард. Темурмалик волии ӯ дар Хуҷанд ва инчунин, аз эҳтимол (!), саркари амирони Ахсикат, Ӯзганд, Андиҷон, Илок, таъин гардид ва ба унвони амирулумаро соҳиб гашт. Дуюм, дар партави ахбори Ан-Насавӣ султон Муҳаммад Хоразмшоҳ баъди задухӯрди нахустини ҳалокатовари лашкари 60 - ҳазорааш бо қӯшуни 20-ҳазораи муғулон бо роҳбарии Ҷучӣ-писари калонии Чингизхон дар дарёи Иргизи вилояти Турғой (Қазоқистони имрӯза) соли 612 ҳичрии қамарӣ (1215-1216 милодӣ) бо тарсу ҳарос ба Самарқанд баргашт. «...султон амирони мулкро мукофотонид, иқтаи онҳоро зиёд намуд, бо рутбаҳо ва мартабаҳои нав сарфароз гардонид.» (Ан-Насави, 1996, 4, 14. саҳ. 49). Дар ин воқеа низ эҳтимолияти ширкати Темурмалик (!) ва ба унвони «амирулумаро» муносиб гаштани ӯ мавҷуд аст (!)». (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 32, С. 6).

Ин фикри муаллиф ба забони русӣ ба ин зайл ироа шудааст:

«Согласно ан-Насави, после боя с монголами Души-хана (Души-Н. Т), который произошел за Иргизом а Тургае в 616

х.\1215-16 гг., султан Ала-ад-дин Мухаммед по возвращению в Самарканд увеличил мукта, повысил в чинах и туловал Буджи Пахлавана-Кутлуг-ханом, Огул-хаджиба - Инандж-ханом. *Можно лишь предполагать,* что тогда худжандский полководец с неизвестным для нас собственным именем за ратный подвиг совершенный во время сражения с монголами в Тургае был удостоен прозвания «Темур» (Железо) и титула «малик»-князь.» (Турсунов Н. Сем подвигов Темурмалика, С. 185).

Муҳимтарин далоили профессор Н. Турсуновро (дар бораи ин ки Темурмалик «амир ал-умаро»-и Хоразмшоҳон аст) ба ин хотир иқтибос овардем, ки саъй мекунем то собит намоем, таҳлили эшон дар масоили таърих аз мантиқи солим бархӯрдор нест.

Бар мӯҳтавои иқтибоси фавқ ба ҷиддӣ таваҷҷӯҳ фармоед, мутаваҷҷеҳ мешавед, ки усули таҳқиқи муҳаққиқ бар ин минвол шакл меғирад: муаллиф нахуст ҳадс мезанад, сипас бо иттилооти куллие, ки ҳеч рабте ба қазия надорад, онро «тақвият» мебахшад, баъд ҳадсро ба унвони «воқеият» муаррифӣ мекунад ва билохира худаш аз ҳадси бемоя «ҳақиқати моядори ҷадиде» месозад! Яъне, муаллиф барои ин ки исбот кунад, ки Темурмалик «амир ал-умаро» аст, аввал ҳадс мезанад, ки Темурмалик бо умарои Хоразмшоҳон (қабл аз ҳамлаи муғул) дар набарди Тургой ширкат кардааст, сипас эҳтимолияти (!) ширкати Темурмаликро дар ҷаласоти умаро ҷиҳати эҳдои ҷавоиз аз тарафи султон яқин медонад ва баъд бо итминон мегӯяд, ки чун Темурмалик ҳам дар ин ҷаласаи султон буда, ҳатман соҳиби унвони «амир ал-умаро» шудааст!

Фикри профессор фақат ҳадсест, ки хоҳем дид, ҳаргиз мутаккӣ бар шавоҳиди таърих он рӯзгор нест. Ҳодисае, ки муаллиф барои тақвияти ҳадси хеш истифода мекунад, бояд мутаваҷҷеҳ бошем, як ҳодисаи оддии таърих набуда. Дар робита бо ин ҷанги муҳим, гайр аз Насавӣ, муаррихин ва муаллифини дигари исломии аҳди муғул низ навиштаанд. Навиштаҳои онон голибан чунон бо ҷузъиёт ва муфассал аст, ки баъйид аст зикри номи Темурмалик фаромӯш шавад. Соҳиби китоби «Таърихи ҷаҳонгушо», ки нахустин муаррих ва ситоишгари Темурмалик

низ мебошад, дар баёни ҳодисаи Тургой ҳатто як бор ҳам аз Темурмалик ном набурдааст. Насавӣ, ки ҳамеша ҳамроҳи султон Ҷалолуддин буда ва аз эҳтимоли қавӣ ҳикояти худро дар бораи ҷанги мазбур бар асоси гуфтаҳои ҳомиаш - султон ва шоҳидони дигари ин ҷанг навиштааст, аз зикри номи Темурмалик худдорӣ кардааст. Суол ба миён хоҳад омад ва он ин аст, ки чаро муаррихоне, ки дар осорашон ба кӯчактарин ҷузъиёти рӯзгори султон Ҷалолуддин ва ҳамроҳаш - Темурмалик (чунончӣ, Насавӣ фарори он дуро аз Хоразм ба ҷониби Насо бо ҷузъиёташ нақл кардааст), барои таъйини ҷойгоҳи Темурмалик дар ин ҳодисаи бузург беаҳамиятанд? Чаро муаррихин ва муаллифине, ки аз шахсияти Темурмалик ошно будаанд, номи ӯро ба унвони ширкаткунандагони ҳодисаи Тургой зикр накардаанд? Оё ин бетаваҷҷӯҳии муаррихин нисбат ба Темурмалик амдан аст?

Бидуни ҳеч мадрак ва далоил набояд аз зеҳн ва хотираи муаррихин ва нависандагони гузашта хурдагирӣ кард ва худписандона гуфт, ки «шояд муаррихон фаромӯш карда бошанд». Таҳлил ин нест! Муҳаққиқини жарфнигар борҳо ишора бар он кардаанд, ки муаррихин ва муаллифини он рӯзгор нисбат ба ҳаводисе, ки дунёро ба ларзиш дароварда буд, бетафовут набуданд! Ҳамаи онон саъй мекарданд, то ҷое ва имконе доштанд, вақоеи замонро бо ҷузъиёташ бинависанд ва маълум аст, вазифаи худро асосан дар интиқоли таърих бар наслҳои оянда дидаанд. Аз ин назар, номи Темурмалик, ки гӯё то вуруди муғулон қаҳрамон ва диловари рӯзгори хеш шудааст, набояд ба ин осонӣ аз зеҳни муаррихин дур мешуд! Ба назар чунин менамояд, ки адами зикри номи Темурмалик дар набарди Тургой тавассути муаррихин ва нависандагони аҳди мугул, нишонгари воқеиятест ва он ин аст, ки ҳокими Хуҷанд дар ҷанги Тургой ширкат наварзидааст. Ҳамчунин, фикри профессор Н. Турсунов дар бораи ин ки **«Темурмалик производил впечатление полководца, раньше сражавшегося на поле битвы с чигизидами»** (!?)(Турсунов Н. Семь подвигов Темурмалика, С 185-186). метавонад ғалат ва сохтаи тасаввуроташ бошад! Далели дигари муаллиф дар мавриди ин, ки Темурмалик «амир алумаро»-и

Хоразмшоҳон аст, эҳтиром гузоштани Чингизхон нисбат ба «қобилияти»кордонии ҳокими Хуҷанд будааст. Аз ин назар ба навиштаҳои зайл ва тарзи таҳлили муаллиф мулоҳиза шавад:

«Чингизхон аз рӯи маълумоти ҷосусон ва истеъдоди сарвар ва қобилияти ташкилотчигии Темурмалик хуб воқиф буд. Бино бар ин, ба муқобили рақиби худ (!) подшоҳзодагонро ҳамчун фармондеҳони олирутба сафарбар намуд. Чунки хони мугулон Темурмаликро дар мақоми «амиралумаро» эътироф мекард (!). Яъне Чингизхон, қаттолу хунхори бемонанд бошад ҳам, рақибашро мардонавор саҳеҳу дақиқ арзёбӣ кард». (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд.., № 33, С. 6).

Намедонам, муаллифи китоби «Ҳафтхон» ё худро бисёр доно мешуморад ва ё мардуми босаводро беақл! Бояд аз эшон пурсид, ки магар мулук ва умарои дигари давлати Хоразмшоҳон душманони Чингизхон набуданд? Оё хони муғул дар ҷанги зидди султон фақат ба Темурмалик чира шуд? Ё ки Чингизхон барои тасарруфи шаҳрҳо ва мулуки дигар фақат «духтаронашро» мефиристод? Воқеан, ки профессор шӯри «далоилро» дароварда!

Ироаи ҳар ҳадси илмӣ ниёзманди далел аст ва бидуни далел пазируфтанӣ нест. Зоҳиран, аз навиштаҳои профессор Назирҷон Турсунов чунин бармеояд, ки ҳамчунин далоиле дар манобеъ ҳаст ва муҳаққиқини қаблӣ гуё ба вуҷуди ин гуна иттилоот таваҷҷӯҳи лозимро накардаанд. Дар ҳақиқат бошад, профессор бо навиштаҳои саргармкунандаи берабт ва фикрҳои баландпарвозаш зеҳни хонандаро агфол мекунад ва баёноташ кам-кам аз асли матлаб фосила мегирад то ин ки аз роҳи фиребанда ҳадсашро табдил ба «ҳақиқати маҳз» кунад. Такрор ба такрор овардани матолиби куллӣ ва маълум бар муҳаққиқин аз муносибтарин васоили гӯл додани зеҳни хонандагон барои муаллифи китоби мазбур аст.

Маълум нест, ки профессори мардумшинос ин ҳама матлаби муҳим («амир ал-умаро» эълом шудани Темурмалик, ӯро «дар мақоми «амир ал-умаро» эътироф кардани Чингизхон» ва амсоли ин гуна «воқеиятро»)-ро бар чӣ асос ироа карда ва ба таври возеҳ намегӯяд, ки дар кучо ва дар кадом манбаи дасти

аввал ҳамчунин чизе навишта шудааст? Бо итминон метавон гуфт, ки дар ҳеч як аз манобеи мӯътабари таърихӣ ҳамчунин матлаб ба таври мустақим ва ғайри мустақим дар иртибот бо ин масъалаи Темурмалик бошад, наёмадааст.

Муаллиф барои тақвияти фикраш матлаби нисбатан тӯлониро ба унвони иттилооти ғайри мустақим (шояд барои саргармии хонанда бошад) ироа мекунад, ки соири подшоҳони силсилаҳои Шарқи исломӣ лақаби «амир-ал-умаро» доштаанд. (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 88-89; Ҳамон муаллиф. Аз шамъи ҳасуд..., № 33,С. 6).

Матолиби овардаи муаллиф, ағарчӣ, ба кулл дуруст аст, вале чунон ки омад ҳеч рабте бар вазъи Темурмалик ва Хоразмшоҳон надорад ва наметавонад барои таъйидияи фикраш дар мавриди ин ки Темурмалик «амир ал-умаро» аст, далел бошад. Профессор дар мақолаи дифоиаш муҷаддан бо такя бар «маҷмӯаи далоили ҷадидаш » менависад:

«Омилҳои зерин бо тақозои мантиқи таърих ба унвони «амирал-умаро» шоиста будани Темурмаликро тасдиқ мекунад:

-Ҳуҷанд ва мардуми он таҳти сарварии волии ин сарзамин зарбаи яке аз чор самтҳои куллӣ ва асосии ҳамлаи ҳарбии Чингизхонро дар Туркистон ба худ қабул намуданд ва муқовимати шадиди сазовор карданд.

- ҳамлаи мушаххаси лашкари муғул зери фармонфармоии Улоқ Нӯён, Сакту, Тақой ва тӯдаи амирони бо онҳо дар Утрор пайвастшудаи чингизӣ бо лашкариёнаш боздошта шуд.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд.., № 33, С. 6).

Аз ин навиштаҳо ошкор аст, муҳаққиқи мо ҳеҷ омили аслиро намебинад ва ё намехоҳад бибинад, вале илалу авомили сонавӣ ва атрофро ба ҳисоб меоварад, то ҳадси пучашро ба собит бирасонад. Ва мутмаин мешавад, ки «таҳқиқаш» бо роҳи дуруст анҷом шудааст ва натиҷагириаш «камоли мантиқ» аст. Вай бо ин назар менависад:

«Хуллае, маҷмӯаи далелҳои баёншуда (!) аз нигоҳи таърих (!) ва бо талқини мантиқ (!) ба унвони ҳарбии «амир ал-умаро» лоиқ ва мувофиқ будани хизматҳои Темурмаликро тасдиқ мекунад. Танҳо шаккок (бо забони китоби - нигилист) ва мункир

(!) санадҳои болоиро (!) гайри илмӣ меҳисобад.»

Ва аз ҳашм изофа менамояд:

«Қабоили туркӣ-муғулӣ ин гуна ашхоси мункир ва наҳзанандаи ҷасорату размандагии тоифаи хеш ро «қӯтур» меноманд.» (Турсунов Н., Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Албатта, ҷумлоти ахир марбут ба дашноми мунаққидаш аст, вале он низ рабте бо баҳси илмии мавзӯи фавқ надорад. Навиштаҳои фавқи профессор магар, нишонгари ин нест, ки ҳамаи ҳарфҳои муаалиф мабнӣ бар ҳадсҳо ва тавзеҳоти ераб ва гоҳе бар пояи тасаввурот ва бардоштҳои ғалат аз таърих қарор дорад? Он ҷо, ки соҳиби китоби «Ҳафтхон» тавони таҳлил ва мантиқашро аз даст медиҳад, аз ғазаб бар мунаққидаш фош медиҳад.

Дар воқеъ, ин муҳим нест, ки мугулон дар баробари «мункиронашон» чӣ мугӯянд, балки ин муҳим аст, ки натиҷагирии профессори мардумшинос дар бораи ин ки Темурмалик «амир ал-умаро»-и Хоразмшоҳон аст, бар пояи ҳадси бе ҷо сурат гирифтааст. Тамомии **«далелҳои баёншуда», «бо талқини мантиқ»** ва... муаллиф, бори дигар нишон медиҳад, ки ӯ аз вазъи низомӣ ва маъмурии Хоразшоҳон бахубӣ огоҳ нест.

Агар тибқи назари мантиқи таърихӣ бар воқеият ва ҳаводиси он рӯзгор назар афканем, мебинем, ки тақрибан ҳамаи шаҳрҳои Мовароуннаҳр, аз ҷумла, муҳимтарин шаҳрҳои вилоёти водии Фарғона дар ҳамон вазъе, ки Хуҷанд буд, қарор доштанд. Шиддати муқовимати хуҷандиёнро на дар эҳдои унвонии низомии ва рутба волиаш, балки дар вусъати ҷасорат ва эҳсоси мардонагии вай ва иродаи устувори мудофеонаш бояд ҷуст! Густариш додани теъдоди сарбозон ва мардуми бегорӣ (ҳашарӣ) тавассути мугул низ дақиқан натиҷаи истодагарии мудофеини шаҳри Хуҷанд буда, на ба ин иллат ки Темурмалик «амир ал-умаро»-и минтиқа аст.

Ҳокими Хуҷанд бидуни мардони муқовими меҳанпараст «қаҳрамони таърих» наметавонист бишавад ва ин айни ҳақиқат аст.

Агар ба ҷиддӣ назар ба тарзи тафаккур ва мӯҳтавои

матолиби муаллифи мазбур оварда шавад, ошкор мешавад, профессор Н. Турсунов ҳеч мадрак ва санади мустақим ё ғайри мустақиме ва сухани мантиқӣ, ки қобили таваҷҷӯҳе барои исботи дурустии фикраш бошад, ироа намекунад. Ин дар ҳоле аст, муаалиф барои дигарон панд медиҳаду худ панд намепазирад ва ба унвони назарияпардози илми таърих таъкид менамояду мегӯяд, ки:

«таърихшиноси ҳақиқӣ (на таърихнавис) ровии ривоят ва ноқили баёнгари бетарафи ҳаводис набуда, балки муҳаққиқи нуктасанҷ, таҳлилгари дақиқкор аст (!), ки таҷрибаи таърихии гузаштагонро таҳлилу ҷамъбаст карда, ҳикматҳои онро барои бунёди ҷамъияти мутамаддуни шаҳрвандии ҷаҳонӣ пешкаш мекунад.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Тааҷҷуб мекунам, донишманде, ки дарки имрӯзро наметавонад бикунад, чӣ гуна метавонад ғузаштаро дарк бикунад? Муаррихе, ки бардошти дуруст наметавонад аз таърихи гузашта бигирад, чӣ гуна метавонад сухан аз имрӯзу оянда бизанад?

Ҳамон гуна, ки ишора шуд, муҳимтарин заъфи муаллифи асар дар матраҳ кардан ва баррасии масъалаи «амир ал-умаро» будан ё набудани Темурмалик ин аст, ки ӯ ҳеч таввақӯҳе ба воқеиятҳои таърихии асри Темурмалик надорад. Профессор бо боварии комил менависад:

«Вай (яъне Темурмалик - Л. Д.) ҳамчун раҳбари муаззами (!) вилояти Хуҷанд ва ҳаддҳои шарқии Мовароуннаҳр амал мекард.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Муаллиф далели ин гуфтаҳоро фақат дар ҳамзамон будани ӯ бо умаро ва мулуки маъруфи Хоразмшоҳон дар вилоёти Мовароуннаҳр, Хуросон ва вилоёти дигари Эрон медонад. Оё матолиби ироашудаи муаллиф, воқеан, барои «амир ал-умаро» шудани Темурмалик дар вилоёти марзии давлати Хоразмшоҳон далел метавонад бошад?

Нависандаи асар хостааст, чизҳои пайваст нашударириро ба ҳам пайваст бикунад ва бо ин роҳи комилан ғайри илмӣ қасд кардааст, то эътибори Темурмаликро бияфзояд. Ин иқдом ба хотири он аст, ки аз дурӯғу қалб ҳақиқати маҳз офарида шавад!

Бидуни шакк, ин матлаби профессор Назирҷон Турсуновро метавон аз намунаҳои бикри ёвагӯйҳои илми таърихи муосир муаррифӣ кард.

Адами мутолиаи лозим дар масъалаи девонсолории силсилаҳои ҳокими туркӣ, аз ҷумла, системи давлатдории Хоразмшоҳиён сабаб шудааст, ки соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» бар асоси баъзе аз иттилооти мағшуш, носанҷида ва наомӯхта бардошти галате бигирад ва аз роҳи таассуб (мутассифона, дар ин маврид наметавон калимаи дигареро истифода кард) унвони «генералиссимус» ба ҳамшаҳриаш Темурмалик эҳдо намояд.

Ин дар ҳоле аст, ки дар замони силсилаи ҳуккоми туркӣ, асосан Салҷуқиён, «амир ал-умаро» дорои қудрати воқеӣ буданд. Он гуна, ки омад, дар асри Салҷуқиён ва силсилаҳои дигари туркӣ ба мисли замони қабл соҳибқудрат будани «амир ал-умаро» аз муҳимтарин вежагиҳои дорандагони ин унвон будааст. Ба ин вежагии «амир ал-умаро» тақрибан ҳамаи мутахассисин ишора кардаанд ва лузуме надорад, ки ба осори ҳар яки онҳо ирҷоъ дода шавад. Агар аз ин назар ба воқеияти вазъи Темурмалик нигоҳ кунем, дар меёбем, ки Темурмалик дар остонаи ҳамлаи мугул ба Мовароуннаҳр ҳеч кадом аз ин вежагиҳоро дар ихтиёр надоштааст. Гузашта аз ин, дар баррасии ин масъала як иштибоҳи сахти истротежии шоҳи Хоразмро низ дар ҷанги муғул набояд аз хотир бурд ва он ин аст, ки қабл аз ҳамлаи муғул султон Муҳаммад Хоразмшоҳ ба ҷои ин ки қудрати сиёсӣ ва низомии кишварро алайҳи муғул мутаҳҳид созад, онҳоро аз ҳам ҷудо намуд ва умарои шаҳру вилоёти Мовароуннаҳру Хуросон маҷбур шуданд ҳар яке ба танҳои бо дастаҳои кӯчак алайҳи душман бичанганд. Дар остонаи ҳамлаи муғул, қудрати сиёсӣ ва низомии умаро аз тарафи султон ба ҳадде маҳдуд шуда буд, ки ҳатто писари ҷасураш Ҷалолуддин то замони зинда будани падараш ҷуръати мутаҳҳид кардани сипоҳи кулии кишварро надошт. Чӣ гуна метавон бовар кард, ки писари султон дар давлати падараш маҳрум аз қудрати воқеӣ аст, вале Темурмалик як амири шаҳри ба нисбат бузург (ва он ҳам аз назари муаллиф тоҷик !) дар саросари давлати туркони

Хоразм ё дар минтиқаи муҳими истротежии онон соҳиби қудрати воқеӣ мешавад? Мантиқ куҷост? Ин дар ҳоле аст, ки тибқи шавоҳиди таърих Темурмалик дар остонаи ҳамлаи муғул дар муқоиса бо мулуки дигари Хоразмшоҳон теъдоди бисёр ками сипоҳро дар ихтиёр дошт.

Профессор Назирҷон Турсунов бар хилофи ин ҳама иттилооти манобеи дасти аввал ва таҳқиқоти бунёдини донишмандон, боз ҳам такя бар навиштаҳои такрории Рашидуддин (бо каме иштибоҳ) зада матлаберо ироа мекунад ва таъкид дорад, ки «амири Кабири Хоразмшоҳон» фарде ба исми « Бадруддин Инанҷхон маъруф ба Ӯғул Хоҷиб» будааст. (Турсунов Н., Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6). Ба шахсияти таърихии фард коре надорем. Аммо ин назари профессор илова бар ин ки бо фикри қаблиаш дар танақус аст, сиҳати таърихӣ надорад. Яъне профессор дар дифоъ аз ин ки Темурмалик «амир ал-умаро» -и давлати Хоразмшоҳон аст, аз монобеъ далел бар нафъи Бадруддин Инанҷхон меорад! Инро чӣ тавр бояд фаҳмид?

Матлабе, ки иттифоқан, профессор бар ироаи фикраш такя бар навиштаҳои Рашиддудин кардааст, дар асл мутааллиқ ба қалами Ҷувайнӣ аст. Ҷувайнӣ дар асараш *истилоҳи «амир ал-умаро»-ро истифода накардааст*, аммо фақат як бор (дар ҷилди дуввуми китобаш, С. 668-669, тарҷ. англ.) аз истилоҳи «амир ал-ҷуюш» («фармондеҳи Олӣ») зикр мекунад ва ин матлаб дақиқан он чизе аст, ки профессор аз «Ҷомеъ ут-таворих» гирифтааст. Аммо ин истилоҳ ҳеч рабте ба унвон ё лақаби «амир ал-умаро» ва «амири Кабир» надорад. Муҳаққиқи барҷастаи китоби «Таърихи ҷаҳонгушо» - профессори Донишгоҳи Манчестер А. Бойл зимни ташреҳи истилоҳи «амир ал-ҷуюш» ишора мекунад, ки ин истилоҳ, дар воқеъ, лақаби вазири машҳури Хоразмшоҳон - Бадр ул-Ҷамолӣ (насаб аз аромана доштааст), будааст. (Ҷувайнӣ. Тарҷумаи ингилисӣ, С. 668).

Ин ҳама сохтакориҳо ва холибандиҳои «таҳқиқӣ-таърихӣ»-и профессор Назирҷон Турсунов дар ҳоле арза мешавад, ки ғолибан куллии муҳаққиқин ва мутахассисини мавзӯъ, ки фақат асомии бархе аз онон дар боло зикр шуд, ба таври возеҳ таъкид мекунанд, ки ***«аз корбурди ин истилоҳ дар миёни Хоразмшоҳиён***

иттилооте дар даст нест.» (Барои мисол р. к. Бергнисий Н. Амир ал-умаро, С. 249). Гузашта аз ин ҳама, маъруфтарин шарқшиносон ва мутахассисони таърихи силсилаҳои туркии Осиёи Марказӣ, аз қабили В. В. Бартольд, С. Г. Агаджанов, З. М. Бунёдов ва дигарон дар осорашон аз вуҷуди ҳамчунин вазифа дар давлати Хоразмшоҳиён ёд накардаанд. Муаллифи китоби «Давлати Хоразмшоҳон» академик Зиё Бунёдов, ҳатто дар фасли махсусе, ки ***муҳимтарин вазоифи давлатӣ ва дарбории замони Хоразмшоҳон***-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, аз зикри вуҷуди вазифаи «амир ал-умаро» дар давлати Хоразмшоҳон матлаберо ироа надодааст. (Р. к. Буниятов З., Государство Хорезмшахов, С. 93-100).

Ҷои пурсиш дорад, магар муҳаққиқини мавзӯъ ҷиҳати баррасии моҳияти «амир ал-умаро» манобеи дасти аввал ва таҳқиқоти мавҷудро ба хубӣ надида ва насанҷида буданд ва аз ин миён фақат профессори мардумшиноси Хуҷанд тавониста он чӣ ки дар манобеъ нест, кашф бикунад? Агар соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» мутмаин бошад, ки ҳамчунин будааст,пас қабл аз ин ки изҳори назар намояд, нахуст мебоист исбот кунад, ки ин ҳама донишмандон дурӯг мегӯянд!

Ин чашмбандиҳои муаллифи мо дар ҳоле аст, ки соҳибони муҳимтарин манобеи таърихии замони Хоразмшоҳон «Сирати Ҷалолуддин Манкбурнӣ» ва « Таърихи ҷаҳонгушо», ки муаллифи мӯҳтарами китоби «Ҳафтхони Темурмалик» барои исботи назароташ гаштаву баргашта ирҷоъ медиҳад, дар ҳеч маворид аз вуҷуди вазифаи «амир ал-умаро» дар давлати Хоразмшоҳон сӯҳбат ба миён наёвардаанд. Гузашта аз ин, манобеи дигар низ дар ин маврид сукут ихтиёр кардаанд.

Ҳамин тавр, профессори мардумшинос Назирҷон Турсунов бар асосии хадсҳои бе моя ва иттилооти куллии бе рабт мехоҳад собит намояд, ки Темурмалик - ҳокими Хуҷанд «амир ал-умаро»-и Хоразмшоҳон аст.

Муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» «сармаст аз кашфиёти бузургаш» бисёр мехоҳад қаҳрамонашро боз ҳам азимтар ҷилва бидиҳад, вай бо эҳдои унвони «амир ал-умаро» ба ҳокими Хуҷанд қонеъ нест ва бисёр мехоҳад, ки қаҳрамонаш

«Генералиссимус» бошад. Бар идомаи баҳсаш саъй мекунад собит намояд, ки истилоҳи «амир ал-умаро» муродифи истилоҳи лотинии «генералиссимус» аст. Он гуна, ки ишора шуд, барои «исботи» фикраш ирҷоъ ба чанде аз фарҳангҳои забони хориҷӣ медиҳад. (Турсунов Н. Ҳафт хони Темурмалик, С.88; Ҳамон муаллиф. Аз шамъи ҳасуд..., Сугд, 2004, № 33, С. 6)

Ин дар ҳоле аст, ки дар маъруфтарин фарҳангҳои русӣ маънӣ ва моҳияти аслии истилоҳи «генералиссимус» ба маротиб беҳтар аз фарҳангҳои хориҷӣ ташреҳ шудааст ва лозим набуд профессори мардумшинос барои «тавзеҳи илмӣ» ва **«барои муайян кардани савобу гуноҳи мунаққид ва муаллиф рӯзномахонҳои мӯҳтарамро ба ҳакамӣ даъват намояд! » .** (Р. к. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., С.6).

Барои дарки моҳият ва воқеияти унвони «генералиссимус» шарт набуд думболи фарҳанги фарансавӣ рафт, беҳтар аст муроҷиа ба фарҳангҳои тахассусии Русия ва Шӯравии собиқ карда шавад, чун тоҷикон аз тариқи забони русӣ ошноӣ бо ин истилоҳ пайдо кардаанд. Дар маъруфтарин фарҳангҳои русӣ маънӣ ва моҳияти истилоҳи «генералиссимус» ин гуна ташреҳ шудаанд:

«Генералиссимус» (превосх. степень, от латинск. «generalissimus»), высш. Военный чинь. Титул Генералиссимус присваивался лицам царск. крови или главнокомандующим несколькими армиями, особенно союзными. У нас титуль Генералиссимус в первый раз встречается в Устав Петра Великаго». (Энциклопеди- ческий словарь. Р. Б. И. Гранат. 12-е издание. Т. 13, С. 135.)

«Генералиссимус» - высшее воинское звание. В иностанных армиях присваивалось обычно лицам, командовавшим несколькими армиями. В русской армии установлено Петр 1.» (Энциклопеди- ческий словарью Т. 1. М., 1953, С. 404).

« Генералиссимус» - главнокомандующий, начальник всей военной силы государства.» (Даль В. Тольковый словарь живого языка. Т.1. М., 1956, С. 348.)

«Генералиссимус» - высшее воинсуое звание, присваиваемое за особо выдающиеся военные заслуги, а такие лицо, носящее

зто звание.» (Ожегов С. И. Словарь русского языка. М., 1960, С. 124).

«Генералиссимус» (от лат. «generalissimus» - самый главный), высшее воинское звание в вооруженных силах ряда стран. Присваивалось полководцам, командовавшим во время войны несколькими, чаще союзными армиями, а также иногда лицам из семей царствущих династийти государственным деятелям как почетное звание.» Дар ин мақолаи илмӣ асомии 15 тан, ки соҳиби ин унвон будаанд, оварда шудааст. (Кавтарадзе А. Г. Генералиссимус» - БСЭ.Т.6. 3-е изд. М., 1971, С. 219).

«Генералиссимус» (лат. «generalissimus» - самый главный), высшее воинское эвание в ВС некоторых государств. Первоначально как почетный титул присваивалось (чаще только на период войны) главнокомандующему ВС страны коалиции стран), иногда лицам из семей царствующих династий и государственным деятелям. Впервые присвоено Генриху Анжуйскому во Франции (1569 г.). В Росии воеводу А. С. Шиену (1696 г.), А. Д. Меншикову (1727 г.), Антону У. Брауншвейскому (1740 г.), А. В. Суворову (1799 г.). Всего в мире эвание (титул) Генералиссимус имели свыше 50 человек». (Военный Энциклопедический словарь. ВЭС. М., 1986, С.185).

Аз иқтибоси фавқ ошкор аст, истилоҳи «генералисссимус» (бо маънии лугавии «аз ҳама муҳимтар», «муҳимтарин», «аслитарин») ва корбурди низомиаш «сарфармондеҳи аслии артеши мутаҳидда» аст ва дар тӯли таърихи беш аз чаҳорсад сол теъдоди бисёр ками ҳукком ва сипаҳсолорон соҳиби ин унвон шудаанд. Аммо рабт додани унвони низомии «генералисссимус»-и урупоӣ бо таърихи иҷтимоии қарни 7 ҳ. / 13 мелодии Осиёи Марказӣ иштибоҳ аст ва он чӣ ки дар китоби «Ҳафтхони Темурмалик» анҷом дода шудааст, мутмаинан ба таври маснӯӣ ва аз роҳи комилан ғайри илмӣ сурат ғирифтааст.

Ин иқдоми профессор Назирҷон Турсунов шабеҳи он мемонад, ки адабиётшиносон ба бузургони адаби форсӣ ба тақлид аз урупоиён унвони «академик» ё «профессор» бидиҳанд. Тасаввур кунед, ки аз ин ба пас барои таъйини ҷойгоҳи волои бузургони адаб гуфта шавад: Академик Рӯдакӣ, Академик

Низомӣ, Академик Ҳофиз, Академик Ҷомӣ, профессор Амир Хусрав, профессор Ҳилолӣ, профессор Абдураззоқ ва... Бояд аз худ бипурсем, ки оё ин роҳи саҳеҳи «боэътибор кардан»-и шахсият ва шоистаи шаъни бузургон аст? Мутмаинан, адабиётшиносон чӣ дар дохил ва чӣ дар берун даст ба чунин ҳамоқат нахоҳанд зад. Пас чаро муҳаққиқини таърих ин корро бикунанд? Агар ин навъ фазлфурӯшиҳо «дар либоси илм» идома ёбад, мутмаин бошед, фардо сафаҳоти таърихи миллат пур аз маршалу генералҳо хоҳад шуд! Бидуни ин ҳам, маҳз бо «кашфиётҳо»-и профессори мардумшинос дар илми таърихи тоҷик дӯкони рутбафурӯшии Хуҷанд боз шуда, ҳам акнун, миллати мо бо ҳиммати ин гуна уламо соҳиби силсилаи «Генералсиммусҳои тоҷик» шудааст! (Дар зимн, мутазаккир бояд шуд, ки баррасӣ ва арзёбии илмии ин масъала барои таъйини роҳу равиши илми таърихнигории муосири тоҷик холӣ аз фоида нахоҳад буд!)

Дар тааҷҷубам, ки профессори мо таъйиди ин ҷонибро дар мавриди ин ки Темурмаликро ба унвони амири Хуҷанд муаррифӣ кардаам, як навъ таҳқир нисбат ба шахсияташ дониста ва бидуни фикру хаёл навиштааст:

«Л. Бойматов моро ҳамчун афзункунандаи эътибори Темурмалик бо роҳи ғайри илмӣ мазаммат кардааст. Худаш бошад *ҷоҳилона (!) Темурмаликро наҳ зада (!) буду шудаш чун «воли як шаҳр» ба унвони «амир» ё «малик» арзёбӣ кардааст.»* (Р. к. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд ..., № 33, С. 6).

Дар идомаи ҳамин фикри муаллифи «Ҳафтхон» мехоҳам бипурсам, оё муҳаққиқин ва нависандагоне, ки қабл аз ман (В. В. Бартольд, И. П. Петрушевский, К. Ян, А. Ю. Якубовский, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, З. Бунёдов, Н. Неъматов, Аҳмади Касравӣ, Аббос Иқбол, Б. Шпуллер, Р. Груссе ва даҳҳо дигарон) Темурмаликро «буду шудаш ба унвони волии як шаҳр» («амир», «малик») муаррифӣ кардаанд, ҷоҳиланд? Оё ин ҳама донишмандон бо ин тарзи тафаккурашон шахсияти Темурмаликро «наҳ задаанд»? Ба ростӣ, дар баробари ин суханони «профессори илм» ҳакимони машриқу мағриб ҳам ангушти ҳайрат хоҳанд газид!

Ин ҳама холибандиҳо ва иттиҳомоти беақлона дар ҳоле аст, ки Темурмалик ҳеч гоҳ «амир ал-умаро»-и Хоразмшоҳон набуд! Агар Темурмалик ҳатто ба фарз «амир ал-умаро»-и вилоёти водии Фарғона бошад, ин далел намешавад, ки ӯро баъд аз ҳафт қарн «Генералиссимус» бихонем ва ба худ бинозем, ки аҷаб дар таърих «Генералиссимусе» аз аҳди муғул дорем, ки бо ин ҳама маҳорати ҷангиаш дар баробари душман ҳатто натавонист умарои тобеи худро мутаҳҳид намояд! Вай чӣ гуна Генералиссимусе аст, ки дар ҷанг шикаст хӯрд ва сараиҷом тариқати суфияро ихтиёр намуд? Воқеан, ки профессори мардумшинос тавонистааст ба ин хубӣ ширро бо об даромезад. Ин олими «саховатманд» бо эҳдои волотарин унвони низомии урупоӣ марди қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ - Темурмаликро бечора кардааст. Магар ин гуна «кашфиётҳо» ва «бузургсозиҳо» масхараи таърих нест? Магар тавсеаи ин гуна равишҳои ба истилоҳ «таҳқиқ» дар илми таърих намунае аз намоиши эҳсосоти кӯр-кӯронаи миллӣ ва заъфи илми тоҷик дар миёни макотиби илмии ақвоми милал нест?

Чунин ба назар мерасад, ки адами мутолиаи лозим дар масоили таърихи иҷтимоии қуруни 7-8 ҳ. /12-13 мелодии Осиёи Марказӣ ва шитобкориҳои ғайри масъулона сабаб шудааст, ки соҳиби китоби «Ҳафтхони Темурмалик» профессори мардумшинос афкори ғалат ва бардоштҳои насанҷида ва бемаъниро барои хонандагони омм ба унвони дастоварди илми таърих ироа намояд. Эҳдои унвони «генералиссимус» ба Темурмалик тавассути профессори мардумшинос, агарчӣ ба манзури эътибори волототар ва ҷадидтаре бахшидан ба шахсияти Темурмалик сурат гирифтааст, дар ҳақиқат аз роҳи илм наёмадааст. Воқеият ин аст, ки дар ин маврид ҳақиқат зери султаи ҷаҳолат боқӣ мондааст. Чаро намехоҳем мутаваҷҷеҳ бошем, худ ҳақиқат дер ё зуд инкори ботил мекунад.

ХОНҲОИ ДАРБЕҲШУДА

(ё нақди ба хонҳо тақсим шудани асар)

Накди «хони ҳафтум»:

Охирин хони китоби «ҲафтхониТемурмалик», ки «Шамшери олуда ба хуни муғулон» ном дорад, дар воқеъ, бар асоси иттилооти китоби «Сират ус-султон Ҷалолуддин Манкбурнӣ» навишта шудааст. Асли ҳадафи ин хон интиқоли ҳодисаи Насову Фарова мебошад. Тибқи навиштаи ин муаррих, ки Темурмалик ҳамроҳи султон Ҷалолуддин Хоразмро ба иллати адами тавофуқ ва ваҳдати шоҳзодагону умаро, тарк кард ва бо сесад нафар саворон ба ҷониби Насо равон шуд. Дар наздикии рустои Насо миёни дастаи саргарони муғул ва сипоҳиёни Хоразм задухӯрде ба амал омад ва дастаи мусалмонон пирӯз шуданд. Дар ин задухӯрд Темурмалик низ ширкат дошт. Профессор дар васфи қаҳрамони худ чунини менависад:

« Темурмалик дар ҷанги Насо бори дигар афзалияти санъати ҳарбии худро нисбат ба тактикаи низомии артиши мугулон намоиш дод. Сесад нафар ҷанговарони яктану тавонои Темурмалик бар лашкари беш аз ду маротиба зиёди чингизиён ғолиб омаданд ва ҳамаи онҳоро саросар аз дами теғи интиқом гузаронидаанд». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 97-98).

Ин таърифу тавсиф муаллиф нисбат ба шуҷоат ва мардонагии Темурмалик ва сарбозонаш ба ҷост. Аммо он ҷо, ки профессор бар асоси иттилооти муаррихон Ҷувайнӣ ва Рашидуддин менависад, ки:

«Темурмалик дар ибтидои соли 1221 замоне, ки мардуми Урганҷ шаҳрро аз ҳуҷуми муғулон бо сарварии Ҷӯҷӣ, Чағатой ва Ӯктой ҳимоя мекард, дар Нишопур ҳамсафи Ҷалолуддин буд. Дар давоми соли 1221 барои ҷамъоварии артиш ва таъмини лашкар ба ҳар тараф қосидҳо фиристода шуданд, Темурмалик дар Қандаҳор, Қалъаи Валиёи ва Парвони назди Ғазна, Гардез ва муҳорибаи серӯза дар соҳили дарёи Синд охири ноябри соли 1221 ширкат варзид.»

Ва боз ҳадс мезанад, ки:

«Тахмин кардан мумкин аст, ки Темурмалик дар ҷараёни

лашкаркашиҳои Ҷалолуддин дар шимоли Ҳиндустон дар солҳои 1221-1222, роҳпаймоии султон(!) дар биёбони байни кишвари Ҳинд ва Кирмон, сипас ҳаракат сӯи Шероз, Исфаҳон, забти Озарбойҷон дар соли 125 ҳамроҳи ӯ буд». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, С. 99), бидуни шакк мушкил дорад.

Чунин ба назар мерасад, ки профессор дар ин маврид таҳқиқашро чунон ки бояд бошад, анҷом надодааст. Вай баррасӣ накардааст, ки чаро муаррих Атомалик Ҷувайнӣ таъкид ба ин воқеият мекунад, ки: «Ва якчанде, ки султон (Ҷалолуддин) дар такопӯй буд, ӯ (Темурмалик) низ кифоятҳо намуд». Ва ё Рашидуддин ин матлабро бо каме тағйири лафзӣ овардааст. « Ва якчанде, ки султон дар такопӯй буд, ӯ низ кифоятҳо ва ҷалодатҳо намуд». Дар зимн профессор, дар иқтибоси ин матлаб аз «Таърихи ҷаҳонгушо» ва «Ҷомеъ ут-таворих» бори дигар ба иштибоҳи наҳвӣ роҳ додааст. Матне, ки худ тасҳеҳ ва барғардон кардааст, аз ин иқтибосаш фарқ мекунад. (Муқоиса шавад бо сафҳаи 42 китоби мавриди назар). Аммо таъйини иштибоҳоти муаллиф муҳим нест, балки баррасии ибораи «такопӯиҳои султон»-и муаррихин муҳим аст. Фақат дар сурати рӯшан намудани ин қазия мешавад, аз сарнавишти баъдии Темурмалик ҳарфе ба миён овард. Бидуни баррасии ин мавзӯъ ироаи ҳар гуна ҳадс ва таъйидот наметавонад қобили қабул бошад. Аммо он чӣ рӯшан аст, ин аст, ки профессор натавониста ҳадси худро дар робита бо ин ки Темурмалик дар ҷангҳои Нишопур, Қандаҳор, қалъаи Валиён, Парвони Ғазна, Гардез ва... ширкат карда ва то соли 1231 ҳамроҳи султон будааст, ба исбот бирасонад. Гуфтаҳои вай дар ин маврид фақат ҳадси бемантиқ аст. *(Дар робита бо ин мавзӯъ р. к. Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг. Темурмалик. ИМЭМО АН РТ. Депонирование. НПИЦентре от 25. 01. 1997, № 3 (1097) –Та 97 Душанбе, 1997, С.63-64; Ҳамон муаллиф. Чун мардон шамшерзанон мерафт.- Кайҳони Фарҳангӣ, 1377, Озар ва дай, № 148, С. 17)* Ҳамин тавр, «хони ҳафтӯм»-и китоби Ҳафтхони Темурмалик» низ аз ишколоти илмӣ орӣ нест ва наметавон ин «хон»-ро низ матни комилан илмӣ баршумурд.

Баҳси дигаре, ки бояд мавриди интиқод қарор бигирад ба « хонҳо» тақсим кардани зиндагӣ ва корномаи Темурмалик аст.

Дуруст аст, ки муаррихони қуруни вусто (Ҷувайнӣ, Рашиддудин, Мирхонд, Хондамир ва... мардонагӣ ва шуҷоати Темурмаликро бо Рустаму Золу Исфандиёр ва... муқоиса карда, аз ин тариқ ба мақому манзалати ӯ арҷ гузоштаанд. Баҳси муфассали ин мавзӯъ дар яке аз навиштаҳои ин ҷониб, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба чоп расидааст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо ин гуна муқоиса ва дар як сатҳ қарор додани ривоёт ва воқеиёти таърихӣ тавассути муҳаққиқин, ба хусус таърихнигорони муосир, бидуни шакк, нишонгари заъфи метод ва методулужии таҳқиқ метавонад бошад. Агар қасди муаллифи китоби мазбур татбиқи қаҳрамонони таърихӣ бошад, пас чаро Темурмаликро бо султон Ҷалоллуддини Хоразмшоҳ, ки ҳамраъй ва аз бисёр ҷиҳат ҳамсони ӯ буд, муқоиса накардааст? Ин қиёс на танҳо воқеъбинона, балки аз назари равиши таҳқиқ муфидтар метавонист бошад!

Заъфи таҳқиқ ва баррасии илмӣ тақрибан дар ҳамаи бахшҳои китоб қобили мушоҳида аст.Кофист, аз ин лиҳоз ишора ба «хонҳо» тақсим кардани корномаи Темурмалик карда шавад.Ин тақсимот ҳам маснӯӣ ва ғайри илмӣ сурат гирифтааст.(муқоиса шавад бо «Ҳафтхони Рустам»!) Бале, устоди мардумшинос, чун дида, ки муаррихон ва адибони гузашта Темурмаликро бо Рустам муқоиса кардаанд, фикри сохтани «ҳафтхони ҷадид» дар адабиёти илмии муосир ба ёдаш зада ва онро низ бо камоли сохтагӣ сохта! Ин ҳақиқат ошкор аст, ки мардумшиноси номӣ фалсафа ва таърихи таърихнигории қуруни вусторо ба ҷиддӣ мутолиа накардааст ва агар мутолиа медошт, ҳаргиз иқдом ба навиштани чунин асар ва бо ин сохтор намекард. Дар робита бо ин мавзӯъ матолиби пучи зиёдеро метавон мавриди интиқод қарор дод, вале баҳси онро барои вақти дигар ва ба ҷои дигар вомегузорам. Ҳатто агар, гузашт ба иштибоҳоти муаллиф шавад, боз ҳам ба назар мерасад, аз диди таъйини теъдоди «хонҳо» низ ин китоб дорои ишкол аст. Муаллиф мебоист теъдоди «хонҳо»-ро ба ҳашт ва ё бештар аз ин месохт. Мулоҳиза фармоед:

«Дар давоми соли 1221 барои ҷамъоварии артеш ва таъмини лашкар(?) ба ҳар тараф қосидҳо фиристода шуданд. Темурмалик

дар ҳамлаҳо ва ҷангҳои Ҷалолуддин ба муқобили муғулон ба Қандаҳор, қалъаи Валиён ва Парвони назди Ғазна, Ғардез ва муҳорибаи серӯза дар соҳилҳои дарёи Синд охири ноябри соли 1221 ширкат варзид. Тахмин кардан мумкин (!) аст, ки Темурмалик дар ҷараёни лашкаркашиҳои Ҷалолуддин дар шимолии Ҳиндустон дар солҳои 1221- 1222, роҳпаймоии султон (?) дар биёбони байни кишвари Ҳинд ва Кирмои, сипас ҳаракат сӯи Шероз, Исфаҳон, забти Озарбойҷон дар соли 1225 ҳамроҳи ӯ буд.».(Турсунов Н., С. 99).

Агар ин ҳақиқат аст, пас ку «хонҳо»-и баъдӣ? Ку «хонҳо»-и Валиён, Парвон ва....? Бардошт чунин мешавад, ки агар муаллими мардумшинос ҳамаи хонҳоро ба тасвир кашад, шояд Темурмалик шабеҳи Рустам намешуд, чун Рустам бо «ҳафтхонаш» маъруф аст. Баъйид нест, бо ин андеша, тавсифи хонҳои баъдӣ дар китоб қасдан ҳазф шуда бошад. Аз сӯи дигар, иқтибоси фавқ бо навиштаҳои баъдии муаллиф ошкоро дар тазоданд. Чунончӣ, муаллиф навиштааст:

«***Темурмалик марди мусалмон, фарди худотарс ва худопараст буд*** **ва ҳамин хислати бандагӣ ӯро ба ҳифзи миллату диёнат водор намуд.»** (Турсунов Н., С. 109).

Чӣ тур мумкин аст, «марди мусалмон, фарди худотарс ва худопараст»-ро, ки ҳамроҳи султони худ Ҷалолуддин ба шимолии Ҳиндустон, даштҳои Кирмон, Шероз, Исфаҳон, Озарбойҷон ва....вилоёти дигари сарзаминҳои исломӣ ба муқобили мусалмонон ва ҳамдинони хеш лашкар мекашад, қатлу ғорат эҷод мекунад, «ҳофизи диёнат» ва «мусалмони комил» номид? Дар куҷо хондаед, ки «марди мусалмони комил» зидди мусалмони дигар лашкар кашида бошад?

Ин дар ҳоле аст, ки аксари мусташриқин ва муҳаққиқини таърихи истилои муғул иқдомоти баъдии султон Ҷалолуддинро (ба хусус баъд аз воқеаи Парвону Синд) шадидан маҳкум намудаанд. Агар амири Хуҷанд Темурмалик то соли 1225 ва баъд аз ин султон Ҷалолуддинро ҳамроҳӣ карда бошад, пас ин иттиҳом шомили вай ҳам хоҳад буд.

Муаллиф бо таъкид ба ин мавзӯъ менависад:

«Аз декабри соли 1220 то августи соли 1231 Темурмалик

дар паҳлӯи султон Ҷалолуддин *баҳри ҳифзи миллату диёнат қонбозиҳо* кард.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Ин фикри профессор Назирҷон Турсунов дар воқеъ такрори иштибоҳи муҳаққиқини қаблӣ аст. Он гуна, ки омад, Темурмалик пас аз ҳодисаи Насо тарки рикоби султон Ҷалолуддин кард.(Дар ин бора р. к. Бойматов Л. Чун мардон шамшерзанон мерафт, С. 16-17; Ҳамон муаллиф. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 60-62). Муаллиф зимни посухаш ба эродоти мунаққид навиштааст:

«Л. Бойматов бар хилофи ин далелҳо ба назари мо оиди «марди мусалмон, фарди худопараст» будани Темурмалик нобоварӣ изҳор мекунад. Ӯ тадбирҳои султон Ҷалолуддинро баъди муҳорибаи Парвон (дар Хуросон - Н. Т.) ҳамчун рафтори хилофи подшоҳи мусалмон «шадидан маҳкум» кардааст. Шоҳиди воқеаҳои он рӯзҳо Ан-Насавӣ бошад, Ҷалолуддинро маҳз дар Парвон бори нахуст чун султони дорои қарори қатъии ташкили чиҳод ва ҳимоятгари ғаюри ислом тасвир кардааст.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Бардошти муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» аз навиштаҳои мо дар ин хусус ба куллӣ ғалат ва аз эҳтимол дур нест, ба қасди дифои фикри хеш матни моро бо таҳриф ба хонандагон ташреҳ дода бошад! Бояд пурсид, ки дар кучои матни дар боло овардашуда нобоварии мо нисбат мусалмон будани Темурмалик изҳор шудааст? Агар муҳаққиқи мо таърихчаи мавзӯъро ба хубӣ мавриди баррасӣ ва мутолиа қарор медод, мутавҷҷеҳи қазияи «шадидан маҳкум» шудани султон Ҷалолуддин низ мешуд. Чаро ба он касе, ки офтобро намебинад, чароғ ба дасташ бидиҳем!

Нақди бахши «Саранҷоми бошараф»:

Бахши охири китоби «Ҳафтхони Темурмалик», «Саранҷоми бошараф» ном дорад. Дар огози ин бахш муаллиф таъкид бар он дорад, ки Темурмалик баъд аз марги султон Ҷалолуддин (ба соли 1231), **«либос ва киёфаи сӯфӣ ба худ гирифт ва ба ҷониби Шом (Сурия-Н.Т.) рафт. Муддатҳо то пасанда шудани оқибати истилои муғулон ва фаро расидани ҳаёти осоишта, сиҳҳатшавии чароҳатҳои бурду бохти разму набард бо душман**

дар зовияи хонақоҳҳо ва такягоҳҳои қаландарон зиндагӣ кард.» (Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 100).

Ин матлаб (яъне то соли 1231 ҳамроҳи султон буданаш), дақиқан идомаи ҳадси беасоси профессор дар робита бо қазияи «такопӯйҳои султон» аст. Ва аммо ба тариқати сӯфия ворид шудани Темурмалик воқеиятест, ки касе наметавонад рад намояд. Муаллиф бар ин ақида аст, ки қароргоҳи шоҳзода Қадақон Ӯгул дар Оқтеппаи Нов, воқеъ буда, бошад ва тавсия мекунад, ки қабри Темурмаликро дар ин маҳалҳои соҳили Сирдарё муайян бояд кард. Дар тақвияти фикри хеш менависад:

«Фикри моро далелҳои В. В. Бартольд, М. Е. Массон оиди қароргоҳ, лашкаргоҳ ва бошишгоҳи бадавиён будани мавзеъҳо бо номи Оқ теппа қувват медиҳанд.». (Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик, с. 101.).

Ин фикри профессор Назирҷон Турсунов низ аз мантиқи солим бархӯрдор нест, зеро ки вай қабл аз ин ки назари хешро дар мавриди қабри Темурмалик баён намояд, ҳатто як бор ба ҷиддӣ думболи баррасии қароргоҳи шоҳзода Қадақон бар асоси манобеи мӯътамад нашудааст. Профессори мардумшинос, шояд аз рӯи эҳсосот, бисёр мехоҳад, ки қабри қаҳрамонаш дар ҳаволии Хуҷанд бошад. Ин дар ҳоле аст, ки қароргоҳи шоҳзода Қадақон ба садҳо фарсах дур аз Хуҷанд, дар ҳудуди Туркистони Чин воқеъ будааст. Дар робита бо ин мавзӯъ қаблан назарот ва таҳқиқоте анҷом шуда ва муҳаққиқе, ки иддаои таҳқиқи бунёдин дар робита бо Темурмалик дорад, мебоист дар ибтидоъ ба накд ва баррасии назароти мавҷуд мепардохт. Мутаасифона, профессори мардумшинос ноогоҳона ва бо шитобзадагии ба худ хос мехоҳад қабри Темурмаликро дар ҳаволии Хуҷанд «биканад». (Дар бораи наҳваи қатл ва ҷои қабри Темурмалик р.к.: Бойматов Темурмалик.- Ҳақиқати Ленинобод, 1989, 3 январ; Ҳамон муаллиф. Худжанд в 1219-1250 гг.- ИМЭМО АН РТ. Депон. НПИЦентре от 25. 01. 1997, № 3 (1097) –Та 97 Душанбе, 1997, С.65-68; Ҳамон муаллиф. Чун мардон шамшерзанон мерафт.- Кайҳони Фарҳангӣ, 1377, Озар ва дай, № 148, С. 17).

Дар зимн, профессор Назирҷон Турсунов на танҳо дар ин

бахш, балки дар бахшҳои диғари аз китоби хеш ба шахсият ва ҷойгоҳи шайх Маслиҳатдин Хуҷандӣ дар ҳодисаи тасарруфи Хуҷанд тавассути муғул таваҷҷӯҳ намуда, боз ҳам бидуни баррасии лозим матолиберо ба хонандагон арза медорад, ки бовар карданаш мушкил аст. (Р. к. Турсунов Н., Ҳафтхони Темурмалик, С. 34-45;46-47; 62; 101-102;105;108 ва....). Чун нақд ва баррасии ин гуна холибандиҳои муаллиф дар бораи ширкати шуюх дар ҳодисаи забти муғул ниёз ба баррасӣ ва фурсати муносиб дорад, ба амд аз нақди онҳо даст мекашам. Аммо лозим ба зикр аст, ки ҳунари ва таҳлили профессор Назирҷон Турсунов дар робита бо ширкати аҳли тасаввуф ва шуюх дар ҳаводиси мугул ба маротиб заифтар аз таҳқиқи масоили таърихиаш аст. Ироаи матолиб, ки дар ин замина дар сафаҳоти китоби «Ҳафтхони Темурмалик» омадааст, комилан ошкор менамояд, ки муаллиф на ирфони аҳди мугулро дарк кардааст, на масоили тасаввуфро.

Ҳамчунин лузуме надорад, ки нақд ва баррасии охирин бахши китоб, яъне «Хулоса»-и он анҷом бипазирад, зеро ин бахш аз китоб такрор ва мухтасари матолиби ҳамаи «хонҳо», андешаҳои профессор омехта бо эҳсосот мебошад.

Бемантиқӣ далел намехоҳад. Ин муҳаққиқи маъруфи мардумшинос, бо иқдоми бемояш, дар раҳи таърих, на танҳо худро гумроҳ карда, балки гурӯҳе аз аҳли илм ва хонандагонро ағфол намудааст. Диди муҳаққиқ аз реша хатост. Таърихнависӣ василаи касби ифтихор нест, балки василаи баёни пораҳои ҳақиқати таърих аст. Воқеан, ба касе, ки дарки воқеияту ҳақиқат намекунад, чӣ гуна метавон бовар кард?

Он чӣ бояд гуфта шавад, ин аст, ки адами таҷруботи кофӣ дар таҳқиқ ва баррасии манобеи дасти аввал ва маохази фаръӣ, дуруст надонистани усули таҳқиқи масоили таърихӣ даврони қуруни миёна, бетаваҷҷӯҳии муаллиф нисбат ба таърихчаи мавзӯъ (историография масъала) ва таълифоти муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони хориҷӣ ва ҳатто дохилӣ ва авомили дигар боис шудааст, ки «мутахассиси» мудаъӣ натавонистааст масъулияти илмии хеш ва супориши аз боло содиршударо дар назди ҷомеаи ниёзмандаш ба хубӣ анҷом бидиҳад.

Ошкор аст, ҳатто равобиту завобити муаллиф ҳам барои навиштани китоби хуби илмӣ коргар нашудааст. Мутаасифона, шоҳиди онем, ки бархе аз асотиди номдор ба хотири эътибор бахшидан ба таълифоти заифашон аз шогирдоне, ки дар ҳоли пешрафт мебошанд ва соҳиби эътибор шудаанд, суйистифода мекунанд. Зикри асомии муқарризин ва муҳаррирони боном дар таълифоти камарзиш яке аз намунаҳои ин раванди нохушоянди илми муосир аст, ки бояд аз байн бурда шавад. Аммо дар бораи ҷойгоҳи илмии китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ҳаминро метавон гуфт, ки он фақат ва фақат нахустин ***кӯшиши номуваффақи муаллиф*** ҷиҳати анҷоми таҳқиқи илмӣ дар бораи Темурмалик аст.

Мутаассифона, ин китоб аз тарафи баъзеҳо бо ин ҳама навоқиси илмӣ, ҳанӯз ки ҳанӯз ба унвони ифшокунандаи ҳуввияти таърихии Хуҷанд ва камоли дастоварди таҳқиқи донишмандони Хуҷандӣ дар мавриди Темурмалик муаррифӣ мешавад. Воқеан, дуруст гуфтаанд, ки дар боғе, ки қумрӣ набошад, калог сурудхон мешавад.

АНДЕШАИ МУТАМАЛЛИҚ СОБИТ АСТ

Он кас, ки бадам гуфт, бадӣ сирати ӯст,
В-он кас, ки маро гуфт накӯ, худ накӯст.
Ҳоли мутакаллим зи каломаш пайдост
Аз кӯза ҳамон бурун барояд, ки ар-ӯст.

Шайх Баҳоӣ

Профессор Назирҷон Турсунов мудаъӣ бар бикру нотакрор будани таҳқиқи хеш дар маосили таърихи аҳди муғул аст. Вай мутмаин аст, ки кори воқеан академик дар робита бо таърихи Темурмаликро анҷом додааст. Дар бораи аҳамияти илмии китобаш худ муаллиф навиштааст:

«Омӯзиши амиқу дақиқи далелҳову сарманбаъҳои хатти мӯътабари давраи асрҳои миёна ва таҳлили тафсири афкори муҳаққиқони нуктасанҷ (!) **ба муаллифи тадқиқоти мазкур**

барои муайян кардани макому манзалаи Темурмалик дар таърихи муборизахои халки точик барои озодй ва истиклолияти Ватани худ дар масири шахри Хучанд.... ***имконият фароҳам овард...*** **Муаллифи тадкикоти мазкур** ***дар партави ахбори сарманбаъҳои хаттии асрҳои ХШ-Х1Х,*** **катъи назар аз акидахои бархе аз пажўҳишгарон, ки фидокориҳои Темурмалик ва Ҷалолуддинро ҳамчун намунахои диловариҳои шахсй ва барои кори умумй бехуда ва бенатича, дар макону замони махдуд арзёбй кардаанд, корнамоиҳои баҳодури точикро ба сифати сарвари оммаи муборизони роҳи озодй, пайванди ахли футувват, вориси арзандаи ниёгони абармард дар мухити мукобилияти Хучанд, Ҳисори истеҳкоми ҷазираи обй, разму набардҳои ҷараёни дарёнавардй, газои байни Ҷанду Хоразм, ҳамла ба Шахрканд, бартараф кардани сўикасди шоҳзодагон вачонибдорони онҳо дар Урганч ва мухорибаи Насо** ***собит намуд».*** (Турсунов Н. С. 103-104).

Чунончй, зимни интикоди хеш аз эродоти мунаккид дар маколаи дифоии худ навиштааст:

«Муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» ҳеч гоҳ аз асархои илмие, ки бо тадкики Темурмалик робитаи бевосита доранд, сарфи назар накардааст.» (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С. 6).

Аммо дидем, ки ин иддаои муаллиф беш аз василаи номатлубе ҷихати ҷазби диккати хонандагонаш набудааст.

Ошкор аст, ки профессор Назирҷон Турсунов аз интикоди ҳарифаш нороҳат шуда, ба ҷои ин ки посухи дар ҳакикат илмй бидиҳад, саъй кардааст, думболи « як навъ касос рафта» ва онро ба унвони матраҳ кардани камбудҳо ва нуксонҳои таҳкики муннаккидаш пиндоштааст. Чун ин воқеияти номатлуб дар навиштахои муаллиф ба хубй қобили мушоҳида аст, ташреҳи онро муҷададдан дар ин сафаҳот зарур намебинам.

Ба таври ошкор метавон мушоҳида кард, ки дар бисёр маворид, муҳаққик насанҷида изҳори акида мекунад. Ғолибан суханҳояш аз мантики солим бархўрдор нест ва иддаохояш бечост, изҳори акидааш ғолибан бераб т аст. Он гоҳ, ки аз муаллифи китоби «Ҳафтхон» эрод гирифта шуд, ки эшон бо

хаёлпардозиҳои адабӣ-таърихии бархе аз адибонро, ошкоро ба унвони қазия ва иттилооти илмӣ ироа додааст, эшон ранҷида ва дар посух он чӣ, ки иқтибос оварда шуд, ироа кард. Ҳадс ва бардошти мо дуруст буда ва худ муаллиф таъйид менамояд, ки дар ироаи назараш мутаассир аз навиштаҳои Мирмӯҳсин шудааст. Аммо ин ҷо бар хилофи ақидаи профессор Н. Турсунов изофа бояд намуд, ин ки Мирмӯҳсин бо тамомии буъдаш ҳаргиз Оноре де Балзак нест! Исботи ин ҳақиқат кори мушкиле нахоҳад буд. Аммо дар ин сафаҳот думболи қазияи дараҷаи дуввум рафтан беҳуда аст. Вале бояд гуфт, ки муқоисаи профессор дар ин маврид фақат ҷиҳати дифоъ анҷом шуда, на бо мақсади расидан ба воқеияту ҳақиқат. Ин дар ҳоле аст, ки навиштаҳои Мирмӯҳсин дар матраҳ кардани мавзӯи таърихӣ, такрор мекунам,аз иштибоҳоти ҷиддие барҳӯрдор аст. (Дар ин бора р. к. ба: Бойматов Л. Таърих шоҳид аст. - Садои шарқ, 1987, № 11, С. 127-129; Бойматов Л. Худжанд в 1219-1250 гг., С. 32-38.).

Муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони ҷиддӣ барои собит кардани як қазия ва назари таърихӣ ва ё ба манзури равшанӣ андохтан бар масоили печида ва мубҳами таърих, ҳаргиз ба роман ва ё повестҳои адабӣ ирҷоъ намедиҳанд. Бояд мутаваҷҷеҳ шуд, ки осори адабии муосири мо барои баррасии таърихи гузашта наметавонанд ба унвони манобеи дасти аввал бошанд.

Мутаассифона, муаррихин ва муҳаққиқине ҳам ҳастанд, ки барои расидан ба гарази хеш ин корро мекунанд ва аз ин роҳи осон ва роҳат мехоҳанд нишон бидиҳанд, ки ин ё он қазияи таърих ҳал шудааст. Аммо бехабар аз ин ки ироаи фикри хато ва таассубӣ таввасути муаллифони саҳбукбор зеҳни хонандагонро дар дарки таърих ва ҳуввияти миллӣ дар сардаргумиҳо қарор медиҳад. Мусалламан, ин гуна равиши таҳқиқ зарари муассиреро ба ҳамроҳ хоҳад овард. Муҳаққиқи таърих ҳамеша бояд дар назар дошта бошад, ки миёни илми манобеъшиносии таърихӣ ва тасвири адабиёту ҳунар тафовут ҳает.

Хонандаи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ин асари «илмӣ-тадқиқотӣ» (р.к. ба таъкиди рӯи

саҳофии китоб) сар то по бо абёти шуарои қадим ва муосир «ороиш» дода шудааст. Иллати ин иқдомоти муаллиф, мусалламан, ҷаззоб кардани матлаби таърихӣ аст. Аммо ин навъ «ороишоти таҳқиқоти илмӣ» кори мутолиаро барои муҳаққиқон мушкилтар мекунад. Агарчӣ, интихоби абёт дар бештари маворид дуруст анҷом шудааст, вале дар кулл арзиши «тадқиқоти илмӣ»-ро коҳиш додааст. Бояд дар хотир дошт, ки дар қабл ва ҳам акнун, ин усул мавриди таъйиди ҷиддитариин афрод ва донишмандони дақиқ набуда ва намебошад, зеро онон медонанд, ки равиши илм ва адаб ҳамеша аз ҳам ҷудо аст. Аммо муаллифи китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар мавриди «ороиши адабӣ»-и хеш низ ба иштибоҳ роҳ додааст. Чунончӣ, абёте, ки дар сафҳаҳои 250 ва 354 (тарҷумаи русӣ ва инглисӣ) аз номи Ҷувайнӣ оварда шудааст, дар асл мутааллиқ ба Фирдавсӣ мебошад, ки Ҷувайнӣ ва сипас дигарон барои тақвияти фикрашон мавриди истифода кардаанд. Ҳамчунин, дар сафҳаи 43 чопи як мисраъ аз «Таърихи ҷаҳонгушо» фаромӯш шудааст. Фикр мекунам, агар ҳадафи муаллиф, воқеан, таъйид ва тақвияти андешаҳояш аз тариқи абёти хубе мебуд ва албатта, агар заҳмати бештаре ба харҷ медод, мутмаинан метавонист, ашъори беҳтар ва дилнишинтареро аз шуарои қадим ва муосири форсӣ, ки мустақиман дар мадҳи Темурмалик суруда шудааст, ба даст биёварад.

Ҳамчунин дар феҳристи манобеъ ва маохаз («список литературы») китоберо, ки ҳанӯз ба чоп нарасидааст, ба унвони асари чоп шуда, бо зикри замон ва макон омадааст. Чунончӣ, китоби: **Турсунзод Ҳоҷӣ Назир Муҳиддин. Таърих ва фарҳанги мардуми Хуҷанд. Маркази Хуросоншиносӣ. Машҳад, 1378 ҳ. ш.** Ин дар ҳоле аст, ки ин китоб фақат баъд аз панҷ соли таълифаш, яъне соли 1383 ҳ./ 2004 м. дар Муассисаи чоп ва интишороти Остони Қудси Разавӣ. (Машҳад, 1383) дар ҳаҷми 335 сафҳа барои нахустин бор ба чоп расид.

Агарчӣ, зоҳиран, феҳристи манобеъ ва маохаз ва феҳристи таҳқиқот муфассал ва қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад, вале ҳақиқат ин аст, ки муаллиф муҳимтарин манобеъ ва маохазро ба дурустӣ истифода накардааст. Вай бештар бо интиқоли

матлаби манобеъ маҳдуд шудааст, то таҳлил ва баррасии илмии иттилоот. Решаи ироаи андешаҳои таърихӣ ва мардумшиносии муаллифи «Ҳафтхони Темурмалик» на дар маркази ақл истиқрор карор дорад, балки дар роҳи фиреби зеҳни хонанда ҷо гирифта аст. Вай сар то сари асар бо камоли маҳорат ҳадафашро думбол мекунад. Таҳлилҳояш бештар шабеҳ ба тавзеҳоти беробт ва фаротар аз он нарафтааст. Чунончӣ, тавзеҳоташ дар мавриди чуғрофиёи таърихии шаҳрҳо ва рустоҳои Моваруннаҳру Хуросон ғолибан ба таври маснӯъӣ сурат ғирифта, зеҳни хонандаро аз масъалаи аслӣ дур месозад. Чунин ба назар мерасад, муаллиф, ки бисёре аз тавзеҳот ва шарҳҳоро дар дохили матн карор додааст, метавонист дар ёддоштҳо ва ирҷооташ ҳамроҳ бо зикри муҳимтарин аз манобеъ ва маохаз чо бидиҳад. Аммо ошкор аст, вай нахостааст, ки ҳамчунин кореро анҷом диҳад, зеро медониста, ки фақат бо интиқоли матлаб аз манобеъ, наметавон таҳқиқи «калонҳаҷм»-ро анҷом дод. Барои соҳиби «Ҳафтхони Темурмалик» на мӯҳтвои илм, балки ҳаҷм ва теъдоди сафаҳот ва намуди зоҳирии китоб муҳим будааст.

Эшон зимни интиқод аз мунаққидаш навиштааст, ки:

«Соли 1989, 1993 Л. Бойматов бобати нашри хабари илмиаш дар маҷмӯаи кафедраи мо ва дасгирии рисолаи номзадиаш муроҷиат кард ва ин ҷониб сари вақт ба ӯ дасти ёрӣ дароз карда будем.»

Ва изофа менамояд:

«Аҷаб дунё бӯқаламун, имрӯз бошад, Л. Бойматов намакҳаромӣ намуда, ба мо сабку тарзи асари илмӣ навиштанро омӯзондан мехоҳад». Ва низ дар ҷои дигар навиштааст: **« ...Чӣ густохиву беинсофии сиёҳкунанда аз ҷониби як шогирдпешаи айбчӯ.»** (Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд..., № 33, С.6).

Хоксор будан дар баробари худписандон хорӣ меоварад, ки дар ҳукми залил будан аст.

Маҷбурам, дар баробари ин ҳама иттиҳомоти хушк, агарчӣ номуносиб аст, посух бидиҳам, зеро вазифаам аст, на танҳо аз худ, балки аз зътибори устодони шарифам дифоъ намоям, чун онҳое, ки маро тарбият кардаанд, ҳар яке дар ҷои худ фарданд.

Ман ор мекунам, аз он устодгунае, ки шарафи инсониашро баҳри эътибори кизб ба фурӯш мегузорад.

Ин ҷониб, то соли 1998 бо мӯътаризи худ, ошноӣ надоштам. Ошноии ман бо эшон барои нахустин бор дар Машҳад сурат гирифт. Ман ҳаргиз аз эшон барои рисолаам кӯмак нахостаам ва хушбахтона ҳамаи устодон ва дӯстонам воқифанд, ки рисолаамро дар Маскав навишта будам, на дар Душанбе ё Хуҷанд. Гузашта аз ин, дар он рӯзгор ҳеч иртиботе бо Донишгоҳи Хуҷанд надоштам. Ҳангоми дифои рисолаам аз Тоҷикистон фақат устодон Н. Неъматов ва А. Мирбобоев тақриз (барои автореферат) ирсол доштанд. Он ду нафар ҳам бидуни дархости ин ҷониб иқдом ба дастгирии ҳамшаҳришон карда буданд, ки албатта, то зинда ҳастам сипогузорам.

Иддаои профессор дар хусуси чопи «хабари илмӣ» дар маҷмӯаи Донишгоҳи Хуҷанд, боз ҳам дурӯг аст ва воқеият ин аст, ки мақоларо аз Душанбе, бидуни ин ки эшонро шиносам, ирсол доштам. Риёву тазвир ва танақиси ҳарфҳои мутамаллиқ ҳатто дар ҳамин иттиҳомаш ошкор шудааст. Шахсе, ки ҷулӯтар бо камоли пуррӯӣ ва ҷиддияти том иддао мекунад, ки ин ҷониб ҳеч навиштаи лоиқе дар бораи Темурмалик надорам, вале пойинтар, ноогоҳона аз пиндор ва кирдори хеш таъкид бар «хабари илмии» мо менамояд ва аз амд намехоҳад бигӯяд, ки дақиқан ҳамин «хабари илмӣ» марбут ба Темурмалик буд. Ҷои зикр аст, ки нигоранда дар ин навиштор барои нахустин бор зарурати ба таври илмӣ ва бунёдӣ таҳқиқ кардани таърихи истилои Хуҷандро матраҳ карда буд. Беҳуда нагуфтаанд, умри дурӯг кӯтоҳ асту ҳақиқат ошкор. Он кас кӣ наметавонад аз дурӯғу ботилаш ҳимоят кунад, чӣ гуна метавонад дифоъ аз ҳақиқат кунад!?

Агар фикр ганда бошад, натоиҷ гандидатар хоҳад шуд. Иштибоҳи устоди мардумшинос ин аст, ки эшон аз оғоз зери дарахти чанор себ мечӯяд. Барои баррасии таърихи Темурмалик набояд думболи автореферати диссертатсия ва китоби Торобии ман мешуд! Аз номаш пайдост, ки ин таълифот марбут ба Темурмалик набуда. Агарчӣ, дар ин иддаояш ҳам хато кардааст. Дар воқеъ, матлабе марбут ба Темурмалик дар диссертатсияи

ин ҷониб буда ва дар тақвияташ манобеи қобили таваҷҷӯҳе низ ишора шудааст. (Р. к. ба: Социально-экономическое положение и народные движения в Мавераннахре во второй четверти XIII в. Рец. д. и. н. В. Л. Егоров. Под ред Чл-кор РАЕН и АН РТ, д. и. н. С. Г. Агаджанова. Душанбе, 1996, - 200 С. Библиограф. 281 назв. Депон. в НПИЦентре от 24. 12. 1996 . № 45 (1088)-Та 96., С. 119-120.

Бидуни баррасии лозим, заҳамоти муҳаққиқонро нодида гирифтан ва маҳсули илмии ононро ба нестӣ додан, на роҳи дурусти илм аст ва на амали ҷавонмардӣ. Эшон тамоми ҳунари нависандагии худро ба кор бурда, саъй кардааст, то ин ҷонибро ба унвони як «шарлатан» дар илм муаррифӣ намояд ва гаштаю баргашта таъкид карда, ки ин ҷониб дар робита бо таърихи Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ, Сарбадорон ва масоили дигари аҳди муғул таълифоте надорам ва он чӣ дорам, ба гуфтаи эшон фақат ва фақат «хабарҳои парокандае дар Эрон» будааст! Вокеан, ба вазъи нотавони устоди маъҷул раҳмам меояд ва мачбур ҳастам, фақат ба хотири итминони ин муҳаққиқи ғофил ирҷоъ ба феҳристи «Манобеъ ва маохаз»-и ҳамин китоб менамоям.

Оре, мо ба унвони хонандаи ошиқу дилсӯз ҳамаи кори муҳаққиқи ҷадиди таърихи Темурмаликро дидем ва мутолиа кардем. Аммо кирдор ва аъмоли профессори мо нишонгари ин ҳақиқат нест, ки гуфтаанд: «барои бархе шунидан ва дидани чизи тозае ба гӯшу чашмаш ранҷовару душвор месозад!». Ин ҷо бояд пурсид. Барои кӣ?

Огоҳӣ аз воқеиятҳои назарҳо ва андешаҳои дигарон аз муҳимтарин нишонаҳои донишмандон аст. Шояд мояи ноогоҳӣ ва вуҷуди ҳисси нафрат дар сиришти профессор будааст, ки эшон бо камоли пуррӯӣ навиштааст:

«Ин ҷо мунаққид асли мақсади нақди парешони худро ошкор мекунад. Л. Бойматов моро дар арзёбӣ накардани асарҳояш айбдор кардааст. ***Ҳол он ки ҳама гуна саъю кӯшиши банда барои пайдо кардан ва мавриди истифода қарор додани лоақал паём ё хабари илмии арзандаи Л. Бойматов доир ба корнамоиҳои Темурмалик натиҷаи дилхоҳ надоданд ва баръабас рафтанд».***

Воқеан, ки ҷаҳаннам ҳам ба ин гармӣ нест! Ошкор аст, ки корҳои шоиставу муҳим на ба ҳама кас мавриди қабул аст. Мутаассифам, ки устоди оҷил бо ин ҳама маняташ, ҳатто риояти ҳурмати шахсияти хеш накардааст! Кош устоди мардумшинос ва ҳоҷии хонаи Худо мефаҳмид, ки хирад, бахшиши эзид аст ва адаб ҳосили кӯшиши фард! Ҳатто дар посухи илмиаш ақлу ҳушро гум кардааст. Дар воқеъ, агар ниҳоди нафс захм хӯрад, либоси ҳаё пора мешавад.

Беақлӣ аст, ки худхоҳе худро нашнохта қазоват дар бораи дигарон кунад! Хуб гуфтаанд: «Ёвасароён аз осмону ресмон ба ҳам мебофанд». Бо камоли таассуф, ба мардумшиноси арҷмандамон, мехоҳам бигӯям, ки ростӣ ва дурустиро бо кибру риёву иттиҳом наметавон олуда сохт, чун он монанди хуршедро ба гил олудан аст. Чӣ тур, метавон бовар кард ва чӣ тур метавон тавзеҳ дод муҳаққиқеро, ки ба муддати як сол дар Маркази Хуросоншиносии Машҳад кор карда, вале мақолот ва навиштаҳои моро дар бораи Темурмалик, таърихи Хуҷанд ва масоили аҳди муғул, дар Эрон ба чоп расида буданд, надида бошад? Ин дар ҳоле аст, ки ҳар ду чанд боре дар нишастҳои илмии Марокази илмӣ ва Донишгоҳҳои Эрон ширкат варзида будем. Тааҷҷуб боз бештар мешавад, агар бигӯям, ки дар яке аз ҷаласоти илмии байналмиллалӣ, ки ҳар ду даъват шуда шуда будем, суханронии ман дар робита бо масоили таърихи аҳди мугули Осиёи Марказӣ буд. Ин гуна рафтори муҳаққиқи собиқадор нисбат ба таҳқиқ, магар исботи ин ҳақиқат нест, ки ҳакиме дар ҳаққаш гуфта: «Аз-ӯ хушам намеояд. Чаро? Зеро, ҳамтарози ӯ нестам.» Дар ин гуна маворид, фақат шукр аз Худованд мекунам, чаро, ки роҳҳои имтиҳонро барои мардум фаровон таъйин кардааст. Ҳар фард, ҳатто агар донишманд бошад, қабл аз шурӯъи ҳар коре бояд бидонад, ки салоҳияти анҷоми ҳамчунин кореро дорад ё хайр? Вагарна, маълум аст, ки ҷои семург ҷавлонгаҳи магас нест!

Мутаассифона, ғурур намегузорад, ки воқеиятҳоро ҳамон гунае, ки ҳаст, бипазирем. Бояд устоди мардумшиноси арҷманд, биёмӯзонад, ки сухан ба ҷо гуфт, на ин ки аз дурӯғу ботил худ либоси гарм барои ҳақиқат дӯзад!

Коре, ки бо шитоб анҷом мешавад, ағлаб на комил асту на солим. Баъзеҳо ба омол ва орзуҳои зудрас меандешанд ва ба сабру таҳаммул таваҷҷӯҳ намедиҳанд. Намехоҳанд бифаҳманд, сабурӣ сабаби пирӯзӣ аст. Он гоҳ, ки устоди арҷманд, дар бораи чоп нашудани китоби «Ҳамлаи Чингизхон ба мамолики Ғарб»-и ин ҷониб мегӯяд, дуруст аст ва то кунун ин китоби ба забони русӣ таълиф кардаам, чоп нашудааст ва далелаш ҳам ин аст, ки виростори илмии он устоди банда проф. С. Г. Агаджанов (аз Академияи Улуми собиқ Шӯравӣ, Маскав) баъд аз виростории нисфи китоб бар асари сиктаи дил фавтиданд. Руҳашон шод бод! Чун дар Эрон гирифторӣ доштам, натавонистам дубора пайгири чопи ин китоб шавам. Бовар дорам, хонандагон ва муҳаққиқин мушкилоти пешомадаро дарк хоханд кард. Вале бо ин вуҷуд тавонистам, чанде аз бахшҳои ин китобро худ ба забони форсӣ тарҷума карда ва дар нашриёти илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба чоп бирасонам. Агарчӣ, муҳаққиқон ва хонандагони эронӣ дархости тарҷумаи комили онро карданд, вале ин ҷониб то кунун ба далели гирифториҳои мухталиф, натавонистам ба анҷоми ин кор иқдом намоям. Баъд аз ироаи намунае аз таҳқиқоти хеш дар робита бо масоили таърихи муғули Осиёи Марказӣ, фикр мекунам, хонандагон ба ҳарфҳоям бовар хоҳанд кард. Албатта, ман ҳеҷ гоҳ думболи таҳияи маҷмӯаи мақолоти хеш дар масоили мухталифи таърих нашудам, агарчӣ анҷоми ин кор муфид аст. Вале хушбахт ҳастам, чанд нафар аз шогирдон ва дӯстони эронӣ (аз Донишгоҳҳои Эрон), худашон иқдом ба таҳияи маҷмӯаи мақолоти банда карданд ва ҳам акнун 1-2 маҷмӯаи мақолоти илмӣ дар робита бо таърихи аҳди мугул барои чоп дар Эрон омода шудааст. Агар устоде, ки корҳои моро бо ин ҳама маниятҳо ва дагдагаҳо, ба нестӣ медиҳад, ҳақ дорад ин ҳарфҳоро низ дурӯғ эълом намояд! Ман назди эшон муваззаф нестам, ки барояшон гузориши илмӣ бидиҳам.

Оре, дуруст гуфтаанд, ки ростгӯӣ иззат асту дурӯғгӯӣ аҷзу нотавонӣ. Чӣ қадр олим бояд шахсияташро залил гардонад, то бо мӯи сафед ҳарфҳои сияҳ дар мукобили ҳамкоронаш бизанад? Чаро худписандон намехоҳанд бифаҳманд, ки дифоъ аз

андешаҳои ғалати хеш дар баробари ироаи назари мантиқӣ, аз роҳи фаҳм нест, балки аз хати ҷаҳл аст! Ин муҳаққиқи номуваффақ, вақте, ки дар бораи бидуни визои хадамоти рафтани ман ва хонаводаам ба Эрон, чоп шудан ва ё нашудани «осори парокандаи беарзишам» дар ин кишвар, дузди муҳаққиқони шӯравӣ И. П. Петрушевский, А. Ю. Якубовский, Б. Ғ. Ғафуров ва...андешаи Ибн Арабшоҳ буданам, хонда тавонистан ва ё натавонистани мутуни форсӣ ва... омехта бо иттиҳомот мегӯяд, як лаҳза наяндешидаст, ки агар дурӯғ будани ин ҳама иттиҳомот собит гардад, дар ҷулӯи аҳли илм ва фарҳанг ва ҷомеа дар чӣ вазъе қарор хоҳад гирифт? Мунаққидаш, ки аз фошҳои эшон намурдааст ва низ аҳли илму хирад ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар Эрон кӯр нашудаанд! Мутмаин бошем, ки ҳарфи ҳақ дурӯггӯро расво хоҳад кард!

Бисёр хуб, устод бидуни ин ки масъули ҳарфаш бошад, ҳукми «аттестатсияи айнӣ»-и моро содир кардааст. Воқеан, тааҷҷуб мекунам, аз ин ки ин Ҳоҷии ҳақталаб дар зиндагишон ду панди падаронро фаромӯш кардааст: Яке ин аст, ки «Озмударо озмудан хатост!» ва дигаре «Дурӯггӯ ҳамеша расвои хосу омм хоҳад шуд.». Аммо моро, ки ҳисоб пок аст, аз муҳосаба бок нест! Ман аз худ нигарон нестам, балки нигарониам аз ин ки Худо накунад, баъд аз ироа кардани ин ҳама иттиҳомоти хушк ва силсилаи дурӯг, ин устоди ғофил боз ҳам фиреftаи зеҳн ва асири ҷаҳл нашавад ва ин дафъа оберо, ки обрӯ мебарад, бар гулӯяш худ нарезад! Эҳсос мекунам, дар ин маврид вазифаи аввалиам посух додан нест, балки ҳушдор додан аст.

Сухани ҳақ талх аст. Хушҳолам, ки ба иллати ироаи сухани хақ мавриди бугзи ҷаҳолат қарор гирифтам. Ҳар киро шарм нест, имон набудааст. Он ҷо, ки устод бо бешармӣ шахсияти илмӣ ва ахлоқии ин ҷонибро ба сифоти бад чун:

«худобехабар», «ғуломи нафси шум»,«густохии иблисона», «манфуру ризилона», «нокому норасида», «момодояи кӯру шал», «калламағз», «фосиду маъюб», «бешармона», «дурӯггӯи шаттоҳ», «беинсофи сиёҳкунанда», «ҷоҳилона», «шаккок-нигилист», «мутакабиррона», «беадаб», «ҳасуду нотавонбин», «шӯхратхоҳ» ва... мутаҳҳам кардааст, пурвозеҳ, ҳосили таҳқиқ

ва посухи илмии олиму хирадманд нест, балки бугзи чаҳолат, амали зарангӣ, албатта, омехта бо ҳамоқати пири гумроҳе аст. Донишманди ҳақиқӣ ниёз ба фиреб додан ва ба бозӣ андохтани эҳсосот ва зеҳни хонандагонро надорад. Роҳи илм чудо аз зарангбозиҳост!

Посухи гайри мантиқии устоди мардумшинос, дар воқеъ, натиҷаи чӯшиши эҳсосоти нотавонаш буда ва бори дигар ин ҳақиқатро собит намуд, ки ҳасудон ҳаргиз аз касе, ки аз худ хурдтар аст, нафрат надоранд, балки он гоҳ нафрат меварзанд, ки ӯро бо худ баробар ё аз худ бартар шуморанд!

Донишманд барои дифои ақидаи хеш набояд ба сиёсат ва сиёсатмадор паноҳ чӯяд, чун сиёсат аст, ки ба илм мӯҳтоҷ аст, на илм мӯҳтоҷи сиёсат. Таҳрик кардан ва миёни одамиён тухми адоват коштан, амали хирадмандон нест. Он гоҳ, ки устод аз тавони қалами раиси вилояти Сугд - окои Қ. Р. Қосимов киноямез менависад, фаромӯш мекунад ва ё намехоҳад ошкор намояд, ки назари эшон будааст, ки бародарамон Қ. Қосимов ҳамчунин чизро навишта, дар ғайри сурат, анҷоми ин кори ба дард нахӯр ғайри мумкин буд. Фақат оқилон медонанд ва мефаҳманд, ки гуфтаҳои мо ба ин маънӣ набуда, ки раиси вилоят аз ҷойгоҳи Темурмалик огоҳи надошта, балки эшон мехоста аз ному шахсияти Темурмалик арҷгузории шоиста анҷом шавад, вале он гуна ки омад, диди ғалати профессори мардумшинос - Назирҷон Турсунов дар масоили печидаи таърих боис шудааст, ки нияти неки раис ба мақсад нарасад.

Агар бихоҳем дар бораи таърихи гузаштагон бинависем, бояд тааммуле дар бораи наслҳои баъдӣ низ дошта бошем. Таърихро на барои худ, балки барои наслҳои баъдӣ навишт! Таърифҳо ва ситоишҳои хушк шахсиятро хурд мекунанд. Шояд ин профессор ва тарафдоронаш бигӯянд, ки ситоиши онҳо «илмӣ» будааст. Аммо ҳадафи илм мадҳ нест, балки шинохт аст, шинохте, ки дар таъйини аъмоли ҳол ва сохтани ояндаи ҷомеа кӯмак мекунад, дар ғайри сурат он илм нест, фақат фиребхӯрдаи зеҳн аст.

Оё муҳаққиқи мо ба ин суол метавонад, дар воқеъ, посухи илмӣ бидиҳад, ки то таълифи китоби «Ҳафтхонаш» дар илм чӣ

чизе ошкор буд ва чӣ чизеро эшон ошкор кардааст? Мутмаинам, он чӣ, ки эшон ошкор кардааст, дар ҳаҷми як ё ду мақолае мешуд ироа кард. Муаллифе, ки ҳамчунин китоби «Ҳафтхон»-ро навиштааст, наметавонад посухи дар ҳақиқат илмӣ ба суолоти таърих бидиҳад, зеро ҳадафи муаллиф ҳеҷ гоҳ шинохт набуда, балки касби обрӯи кизб ва бидуни далел «бузург» ҷилва додани шахсият будааст! Таҳқиқи профессор Назирҷон Турсунзод, нишонгари ин аст, ки эшон дар мавзӯи хеш, мояи сухан надорад ва аз посухи мантиқӣ ва илмии хеш оҷиз аст.

Муаллифи китоби «Ҳафтхон» барои худширинии худ дар назди уламо ва ҳукамо дар ин хони хеш аз ҳеҷ чиз чизе сохта ва якеро даҳто, гоҳе садто кардааст. Достони воқеиро аз номи илм рангу равған додан маҳорат нест, балки заъф аст. Воқеан, ҳеч тақаллубе беҳтар аз ростӣ нест. Мардум, ҳама мутафаккиру муҳаққиқ нестанд, бояд бидонанд, ки чарбзабонон аз тоифаи фиребанд. Мардум бояд бидонад, он ҷо, ки мантиқ ва хирад нест, найранги хушк коргар аст!

Фаромӯш набояд кард, ки ҳар суханеро ҷойгоҳе аст. Агар ман ба ҷои эшон будам, шарм медоштам аз ин ки ҷасорат карда дурӯғро ба сурати ростнамо ба маснади ҳақиқат нишондаам ва ботилро бо камоли пуррӯӣ ба унвони рост байни оммаи мардум мунташир сохтаам.

Бале, ниёз ба ҷустан ва гуфтани ҳақиқат дорам. Хуб медонам, ки ман ҳанӯз андар хами як кӯчаам. Аммо иллати навиштани нақдҳои қаблиам барои дифоъ аз ҳақиқат буда, на касби эътибори кизб! Он чӣ, ки эҳсос мекунам, ин аст, ки муҳаққиқин ва мутахассисини таърихи аҳди мугул, чӣ дар дохил ва чӣ хориҷ аз кишвар, суханони моро пазируфтаанд, то баландпарвозиҳои фикри ботили муаллифи «Ҳафтхон»-ро.

Мушкили аслии профессори мардумшинос ин аст, ки эшон ҳеҷ гоҳ ҷасорат ва маҳорати фурӯ рафтан ба жарфҳои иттилооти манобеи таърихӣ ва умқи таҳқиқотро (дар мавзӯи таърихи Темурмалик) надорад. Мутмаинам ояднагон ин ҳақиқатро собит хоҳанд кард. Набояд аз ироаи шитобкоронаи ҳар гуна музахрафот мағрур шуд! Замон қозии одил аст, на маддоҳи замон!

Чӣ қадр нодон бояд шуд, то фазилат-фазилат гӯён ба вартаи ҳамоқат ғарқ гардем?! Ғурури эшон нест, ки маро аҷаб медорад, балки ин аст, ки шахси дар зоҳир бомаърифат маърифати одамиро залилу хор кардааст. Муаллими мардумшинос, ки суннати неки мардум меомӯзад, ҳадди ақал дар гуфтораш тааммул ва тааммуқе медошт, чун паёмадҳои пиндорҳо ва кирдорҳо замоне гиребонҳои тақдирро хоҳанд гирифт, ҳатто агар дар ин миён зиёрати хонаи Худо карда бошад.

БА ҶОИ ХУЛОСА

Яке аз номатлубтарин равиши илми мо ҳам акнун тақлид аст. Сари вақт бояд мутаваҷҷеҳ шуд, ки илм ба тақлид нест, балки ба таҳқиқ аст. Онҳое, ки ба тақлид мехоҳанд илми хешро матраҳ кунанд, ағлаб мутеи назароти хато мешаванд ва дар баррасии масоили таҳқиқи сатҳӣ менигаранд, чаро ки ба умқи матлаб намераванд.

Бо матолиби пучу бемаънӣ, бо тафаккур ва гуфтори оммиёна набояд бозори ҳақиқатро касод ва пайравонашро фосид кард! Забони хос дигар асту забони омм дигар. Забони илм забони хос аст. Аз ин рӯ, барои дифоъ аз андешаи илмӣ набояд ба забони омм такя кард. Мутмаинам, муҳаққиқин ва пажӯҳишгарони жарфнигар мувофиқ ҳастанд ба ин ки, масоили таърихи қарни ХШ Хуҷанд ва шахсият ва ҷойгоҳи Темурмалик дар таърихи муборизаи мардум алайҳи ҳамаи муғул аз роҳи комилан илмӣ ва ба дурустӣ мавриди баррасӣ қарор нағирифтааст. Бо ҳадсҳо ва эҳтимолиятҳои дур аз мантиқ ҳеч як аз қазияро наметавон ҳалл кард. Чунин ба назар мерасад, ки иқдоми профессор Назирҷон Турсунов, агарчӣ нек будааст, вале ба иллати ноошноӣ муаллиф бо моҳияти мавзӯъ ва ҳамчунин ба сабаби адами омодагии лозим нисбат дар баррасии мутуни таърихӣ, масоили таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуҷанд ба маротиб магшуштар ва зиёнаш аз судаш бештар шудааст.

Китоби «Ҳафтхони Темурмалик» дар тамоми шуунаш ноқис аст ва нависандаи китоб Темурмаликро бузург накардааст, балки аз мартабаи ҷалолат ба маҳватаи залолат андохтааст. Бо эҳдои ҳар гуна унвон шахс бузург намешавад. Набояд ёваи бемоя гуфт ва низ «номардона аст «Офарин» гуфтан, он ҷо, ки нафринамон кунанд!».

Аммо дар бораи ҷойгоҳи илмии китоби «Ҳафтхони Темурмалик» ба тақрор метавон гуфт, ки ки он фақат ва фақат нахустин ***кӯшиши номуваффақи муаллиф*** ҷиҳати анҷоми таҳқиқи илмӣ дар бораи Темурмалик аст. Мутассифона, ин китобест, ки дар миёни ниёзмандон мурда ба дунё омадааст.

Донишмандони сабукбору заранг метавонанд аз роҳи равобиту завобит соҳиби ифтихор шаванд, аммо ҳаргиз ба ҷое намерасанд. Ҳунари онон на илм аст, балки косибист. Онон аз роҳӣ осон саъй мекунанд худро ба мардум наздик кунанд, вале муддате нагузашта, мутаввақҷеҳ мешаванд, ки дӯстдорони ҳақиқат аз эшон дур шудаанд. Хоксон будан беҳ аз ифтихори кизб аст.

МАНОБЕЪ ВА МАОХАЗ

Манобеъ ба забони русӣ:

Армянские источники о монголоах. Перевод с древнеармянского А. Г. Галстяна. М., 1962.

Ата Малик Джувайни. О завоевании Фенаката и Ходжента и рассказ о Тимур Малике. Перевод, комментарий и примечания Л. Д. Бойматова. - Звезда Востока, 1989, № 11, С. 168 - 170.

Бичурин Н. Я. (Иакинф). История первых четырех ханов из дома Чингисова. Пер. с китайского монаха Иакинфа.-СПб., 1829.- 441с.

Бичурин Н. Я.(Иакинф). Собрание сведений о народа, обитавших в Средней Азии. Т. II. -М-Л., Изд-во АН СССР, 1959. -382 с.

Джамал аддин Карши. Извлечения из «Мулхакат ас-Сурах».- Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Ч. I. Тексты. -СПб., 1898. -С.128-152.

Джамал ад-дин Карши. Мулхакат ас-Сурах.- Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-XIX вв. -Ташкент: Фан, 1988.-С.100-133.

Ибн ал-Асир. Перевод отрывков В. Тизенгаузена. -СМИЗО. - Т. I. -СПб., 1884. -С.1-45.

Ибн Баттута. Перевод глав «Путешествия» Ибн Баттуты. О Средней Азии.-Ибрагимов Н. Ибн Баттута и его путешествия по Средней Азии. -М., Наука, 1988. -С.72-108.

Кафаров П. И. (Палладий). Старинное мон-гольское сказание о Чингиз-хане. - ТЧРДМП, Т.IV. -СПб., 1866. -С.3-258.

Кафаров П. И. (Палладий). Старинное китайское сказание о Чингизхане. Шэн-ву-цун-чжэн- лу. Описание личных походов священно - воинственного. Пер. с. предисловиями и примечаниями. - ВС. Т. I -СПб., 1877.

Киракос Гандзакеци. История Армении. Пер. с древнеармянского, предисл. и коммент. Л. А. Ханларян.-М.; 1976. 375 с.

Козин С. А.Сокровенное сказание. Монгольская хроника 1240 г. Т.I. -М.-Л., Изд-во АН СССР, 1941. - 606 с.

Материалы по истории туркмен и Туркмении. Арабск. и персидск. Источники. Т. I. (VII-XV). Под ред. С. Л. Волина, А.

А. Рамаскевичаи А. Ю. Якубовского. -М.-Л., Изд-во АН СССР, 1939. -612с.

Мункуев Н. П. Китайские источники о первых монгольских ханах -М.; Наука, 1965. -224 с.

Рашид-ад-дин. Джами-ат-таварих. (Сборник лето-писей). Т.3. Пер. с перс. А. К. Арендса. Под ред. А. А. Ромаскевича, В.Э.Бертельса и Я.Ю.Якубовского. Баку, Изд-во АН Азерб. ССР, 1957. -361 с.

Рашид-ад-дин. Сборник летописей. Т. I. Кн. 2. Пер. О. И. Смирновой. Прим. Б. И. Панкратова и ред. И.Смирновой, ред. А. А. Семенова. -М.-Л.; Изд-во АН СССР, 1952. -315 с.

Сборник материалов, относящихся к истории Золотой Орды. Т. I. Извлечения из арабск. сочинений, собранные В. Г. Тизенгаузеном. -СПб., 1884. -564 с.

Сборник материалов, относящихся к истории Золотой Орды. Т. II. Извлечения из перс. сочинения, собранные В. Г. Тизенгаузеном, А. А . Ромаскевичем и С. Л. Волиным. -М.-Л., Изд-во АН СССР,1941.

Тер-Мкртнчян Л. Х. Армянские источники Средней Азии (VIII-XVIII) -М.; Наука, 1985. -190 с.

Чан Чунь-цзы. Си Ю-цзы. Путешествие на Запад. Пер. с китайск с примеч. Архимандрита Палладия Кафарова. - ТЧРДМ, Т.IV. -СПб., 1966. -С. 256-460.

Шихаб-ад-дин ан-Насави. Жизнеописание султана Джалал-ад-дин Манкбурны. Пер. с арабск. З. М. Буниятова. -Баку, Элм, 1973. -450 с.

Языков Д. И. Собрание путешествий к татаром и другим восточным народам в XIII, XIV, XV столетиях. Плано Карпини II. -СПб., 1829

Манобеъ ба забони форсӣ:

Абӯ Умар Минҳоҷи Сироҷ. Табақоти Носирӣ. Ҷ.1-2. Ба эҳтимоми профессор Абдулҳай Ҳабибӣ.-Кобул, 1343 ҳ.\1964.-519 с.

Алоуддин Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонгушой. Ҷ. 1. Теҳрон, 1337 ҳ./1958.

Банокатӣ Фахриддин. Таърихи Банокатӣ. Теҳрон, 1348 ҳ./1969.

Вассоф.Таҳрири «Таърихи Вассоф». Ба қалами Абдулмуҳаммад Оятӣ. Теҳрон, 1372 ҳ./1993, -406 с

Вассоф. Таърих-и Вассоф. -Теҳрон, 1338 ҳ./1959. -708 с.

Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIУ. Порчаҳо аз «Равзат ус-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Душанбе, 1999.

Джамал ад-дин Карши. Извлечения из «Мулхакат ас-Сурах».-Бартольд В.В.Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Ч. I. Тексты. -СПб., 1898. -С.128-152.

Ибн ал-Асир. ал-Комил фӣ-т-таърих. Ҷ. 9. Қоҳира, 1940. -399 с.

Манакиб-и шейх Маслахат д-дина Худжанди. Рукопись. -Архив АН Тадж. ССР, Ф.-7 (Личный фонд акад. А. А. Семенова, оп.I, д.36).

Мирхонд. Таърихи Равзат ус-сафо. Ҷ. 5. -Теҳрон, 1338 ҳ./1960.

Сайфӣ. Сайф ибн Муҳаммад ал-Ҳиравӣ. Таърихномаи Ҳирот.Ба эҳтимоми проф. Муҳаммад Зубайр ас-Сиддиқӣ.Калькутта, 1944, -822 с.

Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Нузҳат ал-қулуб. -Лондон-Лейден. 1913. -378 с.

Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърхи гузида. - Теҳрон, 1339ҳ. / 1960. -889 с.

Хондамир. Дастур ал-вузаро. -Теҳрон, 1317/1938. -514с.

Хондамир. Ҳабиб ус-сийар.Ҷ. 3. Ба кӯшиши Ҷалоли Ҳумоӣ.-Теҳрон, 1334 ҳ. /1954. -760 с.

Фасиҳи Хофӣ. Муҷмали Фасиҳӣ. Ҷ. I. Ба тасҳеҳи Маҳмуд Фарач. -Машҳад, 1341 ҳ./1962. -523 с.

Таҳқиқот ба забони тоҷикӣ-форсӣ:

Айнӣ С. Тирози ҷаҳон.- Куллиёт. Ҷ. 5. Душанбе, 1963, С. 125-140.

Айнӣ. С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик.- Куллиёт.Ҷ. 5. Душанбе, 1963, С.143-218.

Айнӣ. С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Душанбе, 1973.

Бергнисий Н. Амир ал-умаро. - Доират ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷилди 10. Теҳрон, 1380.

Бойматов Л. Д. Темурмалик.- Ҳақиқати Ленинобод, 1989, 3 январь.

Бойматов Л. Бори дигар дар бораи Темурмалик. - Ҳақиқати Ленинобод, 1989, 11 ноябрь.

Бойматов Л. «Ба мардӣ ҷаҳон зери пойи ман аст». - Илм ва ҳаёт, 1991, № 8, С. 12 -13.

Бойматов Л. Д. Темурмалики саркаш. Муҳориба дар об.- Омӯзгор, 1993, С. 24 февраль.

Бойматов Л. Чун мардон шамшерзанон мерафт.- Кайҳони Фарҳангӣ, 1377, Озар ва дай, № 148, С. 13-17;

Бойматов Л.Д. Нақде бар пажӯҳишҳои таърихӣ. Масоили таърихи аҳди муғул.(Таҳқиқи таърихи Темур-малик). - Эроншинохт, 1378, №12, С. 108-129;

Бойматов Л. Темурмалик дар ҳофизаи таърихии Хуҷанд.- Кайҳони фарҳангӣ, 1383, Шаҳривармоҳ, № 215, С. 62-64.

Бойматов Л. Темурмалик. - Донинишномаи Ҷаҳони Исломӣ. Ҷилди 8. Теҳрон, 1383, С. 827-828.

Бойматов Л. Д. Достони Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар бораи Темурмалик. - Абохтар, 1383 ҳ./2004, соли севвум, пойиз ва зимистон, шумораи паёпай 9-10, С. 107-116.

Бойматов Л. Д. «Китобе, ки мурда ба дунё омад».- Суғд, 2004, декабр, шумораҳои 51-52.

Бойматов Л. Нақде бар таълифи прфессор Назирҷон Турсунзод. Таърих ва фарҳанги мардуми Хуҷанд. –Кайҳони фарҳангиӣ, 1384, Обон, шумораи 229, С. 52-54.

Бойматов Л. Бобо Камол: Хуҷандӣ ё Ҷандӣ? - Тоҷикистон, 2005, № 8-9, С.32-33.).

Бойматов Л. Д. Темурмалик аз дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ. - Суғд, 2005, 30.11.С.7. (бахши аввал.); 07.12. (бахши дуввум): 21.12. С.7. (бахши севвум).

Бойматов Л. Д. Аз Темурмалик «генералиссимус» насозем! - Миллат, 2006, 26 янв., С.13; (бахши аввал); 02. февр. С. 10, 12. (бахши дуввум).

Бойматов Л. Д.Темурмалик. Душанбе, 2006.-28 с.

Бойматов Л. Д. Темурмалик. Душанбе-Варзоб, 2006 –60с.

Вараҳром Г. Низоми ҳукумати Эрон дар даврони исломӣ. Теҳрон, 1368.

Зайдон Ч. Таърихи тамаддуни ислом. Тарҷумаи Али Ҷавоҳиркалом Теҳрон, 1333.

Иқбол Аббос. Таърихи муфассали Эрон.Ҷ.1. Аз ҳамлаи Чингиз то ташкили давлати Темур. Теҳрон, 1333 ҳ./1962.

Мирбобоев А. Марқади Темурмалик куҷост?- Илм ва ҳаёт, 1989, № 6.

Мирбобоев А. Хуҷанднома. Хуҷанд, 1996.

Мирзоюнус, Матлуба. Сипаҳсолори номвари таърих. (6 сафҳа. Дастнавис.)

Мирмӯҳсин. Темур Малик. Тарихий роман. Тошкент, 1986. (ба забони узбакӣ).

Минорский В. Созмони идории ҳукумати Сафавӣ.Тарҷумаи Масъуди Рачабниё. Теҳрон, 1334.

Мӯбад, Мирмаҳдӣ (Сарбоз). Темур Малик.- Ҳухт, 1350, Ҷилди 22, № 4, С.32-40.

Насриддин А. Донишмандон ва сухансароёни Хуҷанд. Хуҷанд, 2003.

Сарбоз. Темурмалик. - Хуҷанд, 2004, № 2, С. 81-90.

Солиев О. Боз дар боби марқади Темурмалик. - Илм ва ҳаёт, 1990, № 7.

Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик.Тадқиқоти илмӣ. Хуҷанд, 2003.

Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд офтоб зи фалак наафтад.- Сугд, 2004, август, № 29-33.

Умаров М. Амир-ал-умаро. ЭСТ, Ҷ.1. Душанбе, 1978.

Улуғзода С. Қиссаҳои драмавӣ. Душанбе, 1984.

Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. 1969.

Фақиҳӣ А. Оли Бӯя ва авзои замони эшон. Теҳрон, 1357.

Ғафуров Б. Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ. 1. Сталинобод, 1947.

Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. Душанбе, 1983.

Ғоибов Ғ. Хизмати хирсона.-Илм ва ҳаёт, 1991, № 9.

Шпуллер Б. Таърихи муғул дар Эрон. Теҳрон, 1951.

Ян В. Чингизхон. Роман. Душанбе, 1961.

Таҳқиқот ба забони русӣ:

Агаджанов С. Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв. Ашхабад, 1969.

Агаджанов С. Г. Сельджукиди и Туркмения в XI-XII вв. Ашхабад, 1973.

Агаджанов С. Г. Государство Сельджукидов и Средняя Азия в XI-XII вв. М., 1991.

Андреев М. С. Местности Туркестана, интересные в археологическом отношении.-Туркестанский кружок любителей археологии за первый год его деятельности. Ташкент, 1896.

Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. - Сочинения.Т. 1. М., 1963.

Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана - Сочинения. Т. 2. Ч. 1. М., 1963.

Бартольд В. В. История Туркестана - Сочинения. Т. 2. Ч.1. М., 1963.

Бартольд В. В. Хорезмшах. - Сочинения. Т. 2. Ч. 2. М., 1964.

Бартольд В. В. Батый.- Сочинения. Т. 5. М., 1968.

Бойматов Л. Д. Некоторые китайские и монгольские источники по истории Средней Азии XIII в. - Страны и народы Востока: пути и развития. Иркутск. 1988.

Бойматов Л. Д. Сочинения Рашид-ад-дина как источник по истории народов Средней Азии. М.,1988. Деп. в ИНИОН АН СССР № 33116 от 21 марта 1988 г. М., 1988, -39с.

Бойматов Л. Д. К вопросу об изучении истории обороны Ходжента 1220 г.-Материалы по истории таджикского народа. Ленинабад, 1989, С. 18-20.

Бойматов Л. Д. Материалы по монгольскому периоду истории Ходжента. Рец. акад. Б. И. Искандаров. Депон. в НПИЦентре от 27.10.1994. № 69 (950)-Та 94.-Душанбе, 1994, -112 с.

Бойматов Л.Д.Худжанд в 1219-1250 гг. Темур-малик. ИМЭМО АН РТ. Депон. НПИЦентре от 25. 01. 1997, № 3 (1097) -Та 97. Душанбе, 1997, -152 с.

Бойматов Л. Д. Ахмади Худжанди.-Энциклопедия «Худжанд». ГНРТЭ. -Душанбе, 1999, С. 78 - 80.

Бойматов Л. Д. Худжанди.- (С. 129);

Бойматов Л. Банакати Абу Сулайман.-(С.150-151);
Бойматов Л. Д. Барак-хан.- (С.151-152);.
Бойматов Л. Д. Берке - хан.- (С. 159);
Бойматов Л. Д. Бурхануддин Худжанди.- (С . 186);
Бойматов Л. Д. Бурхануддин Махмуд.- (С. 186);
Бойматов Л. Д. Джалолиддин.- (С. 273 - 274);
Бойматов Л. Д. Джалалуддин Худжанди.- (С. 274);
Бойматов Л. Д. Джамалуддин Карши.- (С. 275);
Бойматов Л. Д. Джувайни.- (С. 277);
Бойматов Л. Д. Кадакан.- (С .353);
Бойматов Л. Д. Кивамаддин.- (С. 387);
Бойматов Л. Д. Масъудбек.- (С. 464);
Бойматов Л. Д. Мирхонд.- (С. 491);
Бойматов Л. Д. Хондамир.- (С. 827 - 828);
Бойматов Л. Д. Хофизи Абру.- (С. 829);
Бойматов Л. Д. Худжанд при Чагатаидах.-(С. 844-845).

Босворт К. Э. Мусульманские династии. Пер. С англ. П. А. Грязневича. М., 1971.

Буниятов З.М.Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов. 1097-1231. М., 1986.

Военный Энциклопедический словарь. ВЭС. М., 1986.

Гафуров Б. Г. и Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Очерки истории таджиков и Таджикистана. Сталинабад, 1944.

Гафуров Б. Г. История таджикского народа. Т. 1. М., 1952.

Гафуров Б. Г. Таджики. М., 1972.

Давидович Е. А. Денежное хозяйство Средней Азии после монгольского завоевания и реформа Масудбека (XШ в.). М., 1972.

Даль В. Тольковый словарь живого языка. Т.1. М., 1956..

История Ленинабада. Душанбе, 1986.

История народов Узбекистана. Т. 1. Ташкент, 1950.

История таджикского народа. Т.2. М., 1964.

История Узбекской ССР. Т.1. Ташкент, 1967.

Кавтарадзе А. Г. Генералиссимус» - БСЭ.Т.6.3-е изд.М., 1971.

Мирмухсин. Ходжентская крепость. Исторический роман.-

Звезда Востока, 1991, № 1-3.

Мункуев Н. И.Китайский источник о первых монгольских ханах. Надгробная надпись могиле Елюй Чу-цая. Перевод и исследование. М., 1965.

Ожегов С. И. Словарь русского языка. М., 1960, С. 124.

Де Оссон К. История монголов от Чингизхана до Тамерлана. Пер. и предисл. Н. Кузьмина. Ч. 1. Иркутск, 1937.

Панфилов О. Первые археологические исследования в Ходженте (1870 г.). Материалы по истории таджикского народа Ленинабад, 1989.

Петрушевский И. П. Земледелие и аграрные отношения в Иране в ХШ-Х1У веков. М.-Л., 1960.

Петрушевский И. П. Поход монгольских войск в Среднюю Азию в 1219-1224 гг. и его последствия.-Татаро-монголы в Азии и Европе. Сборник статей. Изд. 2-е. М., 1977.

Петрушевский И. П. Рашид-ад-дин и его исторический труд.-Рашид-ад-дин. Сборник летописей. Т. 1. Кн. 1. Пер с перс. Л. А. Хетагурова... М.-Л., 1952.

Саидов А. «Мулхакат ас-Сурах» Джамаля Карши как исторический источник. АКД на соис. уч. степ. к. и. н. Душанбе, 1989.

Стэнли Лэн Пуль. Мусульманскин династии. Пер. с анг. В. В. Бартольда. СПб., 1899.

Татаро-монголы в Азии и Европе. Сб. статей. Изд-е 2-е. М., 1977.

Тер-Мкртичян Л. Х. Армянские источники о Средней Азии. VШ - -XVШ вв. М., 1985.

Фалина А. И. Рашид-ад-дин. - Историография Ирана нового и новейшего времени. Сборник статей. М., 1989.

Энциклопедический словарь. Т. 1. М., 1953.

Манобеъ ба забонҳои хориҷӣ:

Ayalon D. Studies on the Structure of Mumluk Army.- Bulettin of the School of Oriental and African Studies,1954, Vol. XV1.

Boyle J. A. The History of the World-conqueror. By Ala-ad-Din, Ata-Malik Juvaini.Trans.from thetext of Murza Muhammad Qazwini by J. A. Boyle. Vol.1-2. Manchester, 1958.

Boimatov L. Die Folgen des mongoleneifalls in Horasan und Transoxanien.-Spektrum Iran. 13. Jahrgang, 2000, # 3, S. 24-34.

Hitti P. Kh. History of Arabs. London, 1956.

Horst H. Die Staatsverwaltung der Glosselgugen und Harezmsahs (1038-1231). Weisbaden, 1964.

Howorth H. History of Mongols. London, 1876-1927.

Imamuddin S. M. Arab Muslim Adminisrtation. New Delhi, 1984.

Kabir M. The Buwayhid Dynasty of Baghdad. Calcutta,1964.

Kafasoglu I. Harezmsahlar devleti tarihi(1092-1229). Ankara, 1956.

Lewis B. The Political Language of Islam. Chicago, 1988.

Muir W. The Caliphate Its Rise, Decline.and Fall. New York, 1975.

Taneri A. Celalud-din Harezmsah ve zamani. Ankara, 1977.

Zettersteen K. V. Amir-al-umara. -The Encyclopaedia of Islam. Vol. 1. Fasc. 7. New ed. Leiden E. J. Brill, London Luzak & CO. 1956.

ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

Ҳеҷ тақаллубе беҳтар аз ростӣ нест.(Ба ҷои пешгуфтор).....3
Бахши аввал
Нақде бар пажӯҳишҳои таърихӣ..... 5
Темурмалик аз дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ..... 11
Темурмалик аз дидгоҳи донишмандони Ирон..... 36
Бахши дуввум
Нақди китоби «Ҳафтхони Темурмалик»
Пешгуфтор..... 57
Нақди куллӣ..... 59
Сирри нодурустиҳо дурустист. 73
Таъвизи ормонҳои ҳақиқат 86
Аз Темурмалик «Ленералиссимус» насозем!.....93
Хонҳои дарбеҳшуда. (ё нақди ба хонҳо
тақсим шудани асар..... 110
Андешаи мутамаллиқ собит аст..... 117
Ба ҷои хулоса..... 130
Манобеъ ва маохаз..... 132

Луқмон Бойматов

АЗ ТЕМУРМАЛИК ЧӢ МЕДОНЕМ?

Муҳаррири техникӣ: Довар Самадӣ
Тарроҳи компютерӣ: Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 15.08.2006 супорида шуд. Ба чоп 28.09.2006 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 8.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 300 нусха.
Супориши № 187

ҶДММ «Анҷумани Деваштич»
ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо» 47.
Тел. 223-56-66, 227-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com

Хонандагони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба мӯҳтавои китоб ба суроғаи муаллиф! E-mail LukmanL43@ yahoo.com ирсол намоед.